**ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН**



*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ВБД 338.2 (575.3)
ТКБ 65.9 (2Тоҷ)
Ҳ-41

**Ҳакимов Каримҷон Савзаалиевич**

# ТАШАККУЛЁБӢ ВА РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ДОНИШБУНЁД ДАР ШАРОИТИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Диссертатсия

**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050601 - Назарияи иқтисодӣ)**

**Роҳбари илмӣ:**
Ҷумъаев Баҳовиддин Маҳмадназарович,
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент

**Душанбе – 2026**

## Мундарича

Номгӯи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ .......................................... 3
МУҚАДДИМА........................................................................................... 4
БОБИ 1. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛЁБӢ ВА РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ДОНИШБУНЁД ДАР ШАРОИТИ РУШДИ ҶАМЪИЯТИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТ.................................................................16
1.1. Асосҳои назариявии шарҳи мафҳуми иқтисодиёти донишбунёд дар шароити рушди ҷамъияти саноатикунонии босуръат.................................................................................... **16**
1.2. Принсипҳои ташаккул ва нишондиҳандаҳои рушди иқтисодиёти ба дониш асосёфта........................................................ **34**
1.3. Таҷрибаи хориҷии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити ташаккулёбии ҷомеаи саноатикунонии босуръат...................................................................................... **50**
БОБИ 2. ВАЗЪИ МУОСИР ВА ТАМОЮЛИ ТАШАККУЛЁБИИ ИҚТИСОДИЁТИ ДОНИШБУНЁД ДАР ШАРОИТИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ ИҚТИСОДИЁТИ ТОҶИКИСТОН..............................................68
2.1. Арзёбии асосҳои институтсионалии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон......................... **68**
2.2. Арзёбии вазъи муосир ва заминаҳои ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон............................................. **84**
2.3. Моделсозии регрессионии таъсири иқтисодиёти донишбунёд ба рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон............................................ **100**
БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛЁБӢ ВА РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ДОНИШБУНЁД ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.......116
3.1. Роҳҳои асосии вусъатбахшии раванди гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд дар шароити рушди ҷамъияти саноатикунонии босуръат...................................................................................... **116**
3.2. Механизми ташкилӣ-иқтисодии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикстон........................... **131**
3.3. Самтҳои асосии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикстон................................................ **144**
ХУЛОСА......…………………………………………...................... **159**
РӮЙХАТИ АДАБИЁТ.................................................................... **165**
Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия........................................... **179**

**Номгӯи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ**

ААИ – Андоз аз арзиши иловашуда

АИО – Ассотсиатсияи истифодабарандагони об

БВИ – Бахши воқеии иқтисодиёт

БМТ – Бонки миллии Тоҷикистон

БРМ – Барномаи рушди миёнамуҳлат

ВАО – Васоити ахбори омма

КАС – Комплекси агросаноатӣ

ММД – Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ

СМР – Стратегияи миллии рушд

СМР-2030– Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

СУС – Созмони умумиҷаҳонии савдо

ХДФ – хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)

ҲРУ – Ҳадафҳои рушди устувор

ҲРҲ – Ҳадафҳои рушди ҳазорсола

ҶСК – Ҷамъияти саҳомии кушода

ШДБХ – Шарикии давлат ва бахши хусусӣ

ШСХК – Ширкати саҳомии холдингии кушода

АММОҶТ – Ахбори Маҷлиси миллӣ Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

АОНПҶТ – Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ИДМ – Иттиҳоди давлатҳои мустақил

ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

ИА – Иттиҳоди Аврупо

КОА ҶТ – Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҚҶТ – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҶХЧ – Ҷумҳурии халқии Чин

ММД – Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ

ФР – Федератсияи Россия

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити муосири рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки раванди гузариш аз ҷомеаи саноатӣ ба саноатикунонӣ идома дорад, омили асосии рушди иқтисодиёти аксари мамлакатҳои пешрафта дониш, инноватсия ва сармояи инсонӣ ба шумор меравад. Дар ин асно, иқтисодиёти донишбунёд ба муҳаррики асосии рушди устувори пешрафти ичтимоию иқтисодӣ мубаддал гардида, дараҷаи рақобатпазирии мамлакатҳоро дар арсаи байналмилалӣ муқаррар менамояд.

Дар баробари ин, новобаста аз он ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи саноатикунонии босуръат қарор дорад, раванди саноатикунонии босуръат дар ҷомеаи ҷаҳонӣ идома дошта, ба сохтори рушди иқтисодӣ таъсири худро мерасонад ва дар ин раванд самти мазкур муҳиммияти хоссаро касб намудааст. Гарчанде ки иқтисодиёти мамлакат то ба ҳол хусусияти ашёи дорад, таваҷҷуҳи Ҳукумат ва роҳбарияти мамлакат ба раванди рақамикунонии иқтисодиёт, рушди технологияҳои инноватсионию коммуникатсонӣ зиёд гардидааст, ки ин замина барои ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар мамлакат ба шумор меравад.

Дар баробари ин, вусъати раванди гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати дар самти гуногунсозии сохтори иқтисодиёт, баланд бардоштани нақши сармояи инсонӣ, вусъатдиҳии раванди ҳамгирой бо ҷомеаи саноатикунонӣ гузаронидани ислоҳоти муҳимро ва дар ин замина таҳқиқотҳои нави илмиро дар ин самт тақозо менамояд. Ҳамзамон, гузариш аз модели ба ашё вобастабуда ба модели инноватсонии рушд дар мамлакат пурра ба ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд алоқаманд буда, мутобиқати иқтисодиёти мамлакатро ба ҷанбаҳои муосири рақамисозӣ, дигургунсозии технологӣ таъмин менамояд.

Ҳамин тавр, омӯзиши масъалаҳои ташаккул ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръат ва баъд аз он, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки аҳаммияти

муҳимми амалӣ дошта, имкон медиҳад, ки самтҳои навсозии хоҷагии халқ асоснок ва механизмҳои институтсионалӣ ва ташкилию иқтисодии гузариш ба модели инноватсионии рушд коркард карда шаванд.

Бо дарназардошти чунин ҳолат дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, солҳои 2026-2030 марҳилаи ба анҷом расонидани саноатикунонии босуръат ва ташаккули иқтидорҳои рушд дар асоси дониш ва навовариҳо муайян карда шудааст, ки зарурати баланд бардоштани саҳми сармояи инсониро дар рушди иқтисоди мамлакат тақозо мекунад [1].

Дар баробари ин, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия” эълон карда шуд [7], ки ба андешаи мо, иқдоми саривақтӣ буда, дар ташаккули иқтисодиёти донишбунёд, рақамӣ ва инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон такони ҷиддӣ хоҳад бахшид. Ҳамзамон, масъалагузории Пешвои миллат дар самти таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир намудан ба ташаккул додани иқтисодиёти ба дониш ва ихтироъкориву навоварӣ асосёфта дар Паёми мазкур заминаи муҳим барои гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд ба шумор меравад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар замони муосир ба масъалаҳои ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити ҷомеаи саноатикунонӣ дар илми иқтисод диққати махсус дода мешавад. Зеро тамоюлҳои бавуҷудоянда дар хоҷагии ҷаҳонӣ зарурати баланд бардоштани нақши сармояи инсониро дар рушди иқтисодӣ тақозо менамояд.

Баъзе ҷанбаҳои ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд дар осори иқтисодчиёни классик, ба монанди Р. Солоу [132], П. Ромер [126], К. Арроу [116] , Ф. Хайек [121], Ҷ. Шумпетер [56] таҷассум ёфтааст.

Масъалаҳои марбут ба сохтор ва омилҳои ташаккулёбии сармояи инсонӣ, нақши дониш ҳамчун неъмати ҷамъиятӣ, масъалаҳои моликияти зеҳнӣ, идоракунии муҳити маърифатии корхона дар асарҳои олимони рус, аз

қабили А. Бузгалин [66], А. Добринин [29], С. Дятлов [29], В. Иноземтсев [32], Р. Капелюшников [35], Б. Милнер [94], В. Садовничий [105], Л.А. Трофимова [46], Н.Н. Трофимов [108], Д.Д. Тсиренов [112], С.Н. Кукушкин [85], Н.В. Василенко [69], М.В. Федоров [111], Э.В. Пешина [111], О.В. Гредина [111], П.А. Авдеев [111], Е.А. Ярушкина [115], Б.Ю. Сербиновский [106], Н.В. Захарова [79], М.Е. Горохова [71], Е.В. Булюк [67], Е.В. Пилипенко [98], Т.Н. Тополева [107], И.В. Чернянская [113] ба назар мерасад.

Ҳамзамон корҳои олимони хориҷӣ Л. Албинссон [12], О. Форсгркн [119], М. Линд [124], Н. Саломонсон [131], Л.С. Флак [118], П. Уолкотт [135], Г. Голдкул [120] ва хориҷи дур Д. Белл [21], Ҷ. Гэлбрейт [26], М. Кастеллс [50], И. Масуда [53], Ф. Мачлуп [51], Т. Сакая [130], Р. Солоу [132], Ҷ. Стиглитс [134], А. Тоффлер [59], Т Стюарт [57] ва дигарон низ бештар ба ҷанбаҳои гуногуни иқдисодиёти донишбунёд бахшида шудаанд.

Масъалаҳои алоҳидаи андозагирии дараҷаи рушди иқтисодиёти донишбунёд дар асарҳои олимони зерин оварда шудаанд: А.В. Бондар [65], Е.А. Ярушкина [115], В.Л. Макаров [93], Белл Даниел [21], Л.Г. Батракова [62], И.Б. Золотих [81], Ф. Мачлуп [51] ва ғайраҳо.

Саҳми назаррас дар коркарди масъалаҳои назариявӣ ва методологии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин олимони тоҷик гузоштаанд: Д.Б. Қодирзода [83], Ғ.Ҷ. Ҷурабоев [76], Р.К. Раҷабов [101], Ҳ.Н. Фақеров [110], А. Рауфӣ [102], С.Ҷ. Комилов [84], А.Б. Мирсаидов [95], Д.С. Амонова [60], Б.М. Ҷумъаев [28], А.А. Мирзоалиев [38] ва ғайраҳо.

Аммо дараҷаи нокифоягӣ ва норасоии таҳқиқотҳо дар самти ташаккул ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар ҷомеаи саноатикунонӣ аз набудани методологияи ягонаи таҳлилӣ ва коркарди илмии масъала дарак медиҳад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи кори диссертатсионӣ бо барномаҳои давлатии «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», Барномаи

давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004, Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2008, Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 ва мавзуи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон алоқаманд мебошад.

## Тавсифи умумии таҳқиқот

**Мақсади таҳқиқоти** диссертатсиониро омӯзиши асосҳои назариявӣ-методологӣ ва методии ташаккул ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръат, коркарди механизми ташкилӣ-иқтисодии гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Барои ноил шудан ба мақсади таҳқиқот вазифаҳои зерин муайян ва ҳал карда шуданд:

1. Омӯзиши масъалаҳои назариявии ташаккул ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити ҷомеаи саноатикунонӣ;
2. Муқарарсозии принсипҳои ташаккулёбӣ ва нишондиҳандаҳои андозагирии рушди иқтисодиёти ба дониш асосёфта;
3. Омӯзиши таҷрибаи хориҷии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити ташаккулёбии ҷомеаи саноатикунонӣ;
4. Арзёбии асосҳои институтсионалии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
5. Арзёбии вазъи муосир ва тамоюли ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
6. Моделсозии регрессионии таъсири иқтисодиёти донишбунёд ба рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
7. Муқаррарсозии самтҳои асосии ташаккулёбӣ ва роҳҳои рушди иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

8. Коркарди механизми ташкилӣ-иқтисодии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

9. Таҳияи тавсияҳои илмию амалӣ оид ба рушди иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқотро** иқтисодиёти донишбунёд дар шароити гузариш ба ҷомеаи саноатикунонӣ ташкил медиҳад.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқотро** муносибатҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ифода менамояд, ки барои ташаккул ва рушди бозори иқтисодиёти донишбунёд дар шароити ҷомеаи саноатикунонӣ мусоидат менамояд.

**Фарзияи таҳқиқот** дар он аст, ки гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд самаранокии иқтисодиёти миллиро баланд бардошта, сохтор ва омилҳои рушди онро гуногунранг мегардонад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, корҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ, ки ба масъалаи ташаккул ва рушди иқтисодиёти донишбунёд бахшида шудааст, ташкил медиҳад. Дар диссертатсия маводи расмии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳисоботҳои солонаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд. Стратегияҳои давлатии рушди мамлакат, ки ба рушди технологияҳои иртиботию коммуникатсонӣ, рақамикунонии иқтисодиёт равона карда шудаанд ва ҳамчунин, маводи конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ, семинарҳо, мизҳои мудаввар оид ба ташаккул ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар мамлакат мавқеи махсусро ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** равишҳои усулҳои маърифати илмӣ ташкил медиҳанд. Таҳқиқот ба истифодаи маҷмуи усулҳои умумиилмӣ (таърихӣ, таҳлил ва синтез, индуксия, дедуксия, амсиласозии мантиқӣ) ва махсус асос ёфтааст.

Методологияи таҳқиқот ба равишҳои системавӣ ва комплексӣ ҳангоми омӯзиши нишондиҳандаҳои иқтисодии рушди иқтисодиёти донишбунёд, инчунин, бо якҷоягии омӯзиши нисбатан муфассали зерсоҳаҳои алоҳидаи он асос мегирад.

**Сарчашмаи маълумот.** Заминаи иттилоотии таҳқиқотро санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд, маълумоти расмии мақомоти омори Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои вазорату идораҳо, инчунин, маводи як қатор конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, семинарҳо, мизҳои мудаввар оид ба заминаҳои ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар солҳои 2020-2025 иҷро шудааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот**. Аз ҷониби муаллиф ба ҳимоя натиҷаҳои зерини илмию назариявӣ, методологӣ ва амалии таҳқиқот пешниҳод гардидаанд, ки дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд:

1. Асосҳои назариявии шарҳи мафҳуми иқтисодиёти донишбунёд дар шароити ташаккулёбии саноатикунонии босуръат таҳқиқ карда шуда, хусусиятҳои умумии он ва таърифҳои нави мафҳумҳои «иқтисодиёти иттилоотӣ» ва «иқтисодиёти ба дониш асосёфта» пешниҳод карда шудаанд. Афкори олимон нисбати шарҳи мафҳуми иқтисодиёти донишбунёд низомбандӣ карда шуда, равишҳои макроиқтисодӣ ва микроиқтисодии тавзеҳи он ҷудо карда шудаанд. Хусусиятҳои хос ва унсурҳои таркибии иқтисодиёти донишбунёд ошкор карда шудааст. Иқтисодиёти донишбунёд ҳамчун иқтисодиёте муайян карда шудааст, ки донишро барои вусъати

рушди иқтисодӣ ва баландбардории рақобатпазирии ҳамаи соҳаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ истифода мебарад.

2. Таҷрибаи хориҷии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити ташаккулёбии саноатикунонии босуръат омӯхта шуда, нақш ва аҳаммияти иқтисодиёти донишбунёд дар тараққиёти иқтисодиёти мамлакатҳои мутараққии саноатӣ ва рӯ ба тараққӣ дақиқ карда шудааст. Раванди оқилгардонии иқтисодиёт дар хориҷа арзёбӣ карда шуда, собит шудааст, ки дар замони муосир иқтисодиёти донишбунёд дар аксари кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон омили асосии рушди иқтисодӣ ва эҷоди инноватсия гардидааст.

3. Дар асоси арзёбии вазъи муосир ва заминаҳои ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон собит карда шудааст, ки дар кишвар иқтисодиёти донишбунёд дар раванди ташаккулёбӣ ва рушди доиравӣ қарор дошта, хусусиятҳои миллиро касб намудааст ва дар шароити афзалиятдиҳӣ ба он метавонад ба яке аз соҳаҳои пешбари иқтисодиёти мамлакат мубаддал гардад. Болоравии нақши сармояи зеҳнӣ дар истеҳсолот, рушди инноватсия, омодасозии кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи замон, болоравии ҳиссаи хизматрасонӣ дар сохтори ММД, афзоиши хароҷот барои таҳсилот ва таҳқиқот, рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсия ҳамчун нишонаҳои муҳимми ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд арзёбӣ шудаанд. Муаммоҳои ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд ошкор карда шуда, зарурати гузариш ба технологияҳои насли 5 ва баланд бардоштани ҳиссаи дониш дар сохтори маҳсулоти истеҳсолшаванда асоснок карда шудааст.

4. Тавсияҳои илмию амалӣ аз тарафи муаллиф барои гузаштан ба иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҷорӣ намудани дастовардҳои илму техника дар иқтисодиёт, ҳамгироии илм ва истеҳсолот, такмили заминаи ҳуқуқии танзими бозори дониши кишвар, татбиқи азнавсозии сохтории низоми таҳсилоти олӣ, баланд бардоштани маданияти дохилифирмавии ширкатҳои истеҳсолӣ ва рушди технологияи

маҷозӣ пешниҳод карда шудаанд. Ташаккули модели инноватсионии рушд ҳамчун асоси гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд дар кишвар арзёбӣ карда шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Масъалаҳои назариявии ташаккул ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити ҷомеаи саноатикунонӣ омӯхта шудаанд;

2. Принсипҳои ташаккулёбӣ ва нишондиҳандаҳои андозагирии рушди иқтисодиёти ба дониш асосёфта муқаррар карда шудаанд;

3. Таҷрибаи хориҷии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити ташаккули саноатикунонии босуръат омӯхта шудааст;

4. Вазъи муосир ва тамоюли ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳогузорӣ карда шудааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он аст, ки муқаррароти назариявӣ ва методии дар диссертатсия асоснокшуда ба ташаккул ва рушди минбаъдаи иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, болобарии нақши сармояи инсонӣ дар рушди иқтисодӣ, омӯзиши равишҳои илмии шароитҳои гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ, инчунин, таҳлили таъсири он ба самаранокии рушди муносибатҳои хоҷагидорӣ дар шароити гузариш ба ҷомеаи саноатикунонӣ мусоидат мекунанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки муқаррароти назариявӣ ва методии пешниҳодшуда ба фароҳам овардани шароити зарурии иҷтимоию иқтисодӣ барои ташаккул, тақсимот ва истифодаи дониш дар равандҳои такрористеҳсол равона карда шудаанд, ки раванди гузариш аз модели ашёӣ ба модели ба илм ва инноватсия асосёфтаи рушди иқтисод ва болобарии самаранокии он замина фароҳам месозад.

Натиҷаҳои асосии илмӣ метавонанд аз ҷониби мақомоти салоҳиятноки давлатӣ дар таҳияи самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёти мамлакат,

вусъати раванди саноатикунонӣ ва гузариш ба ҷомеаи баъдисаноатӣ, ташаккули ҷомеаи рақамӣ ва иқтисодиёти инноватсионӣ истифода бурда шаванд. Илова бар ин, аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки тавсияҳои мушаххас метавонанд ҳангоми таҳияи барномаҳо, лоиҳаҳо ва нақшаҳои стратегии рушди иқтисодиёти мамлакат истифода бурда шаванд. Асосҳои назариявӣ ва методии ташаккул ва рушди иқтисодиёти донишбунёд метавонанд ҳамчун заминаи назариявӣ барои таҳияи принсипҳои гузариш ба шаклҳои нави иқтисодиёт мусоидат кунанд.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф дар муайян кардани самтҳои афзалиятноки иқтисодиёти инноватсионӣ ва эҷодкорӣ, шаклу усулҳои ташаккул ва истифодаи дониш дар равандҳои истеҳсолот, тақсимот ва мубодила, баланд бардоштани самаранокии неруи инсонӣ дар такрористеҳсолоти ҷамъиятӣ аҳаммияти амалӣ доранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот**ро истифодаи дурусти равишҳои илмии тавзеҳи иқтисодиёти донишбунёд, такя намудан ба сарчашмаҳои назариявӣ ва амалии маълумот оид ба объект ва мавзуи таҳқиқот, истифодаи иттилоот дар бораи марҳилаҳои гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд ва тамоюли ҷории инкишофи он тасдиқ мекунанд. Ҳамаи ин ба унвонҷӯ имкон дод, ки таҳлили бисёрҷонибаи консепсияҳои нави илмиро оид ба ташаккули иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Навгонӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D060500 – Иқтисодиёт (6D050601-Назарияи иқтисодӣ) мувофиқат мекунад: 2.2. Таҳаввулоти таърифҳо (парадигмаҳо)-и назарияи иқтисодӣ; 2.3. Робитаҳои байнифаннӣ дар илми иқтисодиёт; 2.4.Принсипҳо ва методҳои таҳқиқоти иқтисодию назариявӣ; 2.5. Стандартҳои илмият ва меъёрҳои арзёбии донишҳои иқтисодӣ; 2.6. Ташаккули мактабҳои илмӣ дар назарияи

иқтисодӣ; 2.8. Коркарди методологияи таҳқиқоти таърихи афкори иқтисодӣ; 2.9. Таҳқиқоти муқоисавии иқтисодӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар интихоби мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрам будани он, муайянкунии мақсад, предмет ва объекти таҳқиқот, дар асосноккунии номгӯйи вазифаҳои таҳқиқот зоҳир мегардад. Муаллиф дар таҳия ва санҷиши муқаррароти назариявӣ, методологӣ ва методӣ оид ба ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ ва коркарди механизми ташкилию иқтисодии он саҳм гузоштааст.

Иштироки шахсии муаллиф дар ба даст овардани натиҷаҳои дар таҳқиқот пешниҳодшуда аз ҷониби ҳаммуаллифон тасдиқ карда шуда, дар интишороти муштарак инъикос ёфтааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар семинарҳои илмӣ, конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии илмию амалии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (Душанбе, 2020-2025), Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Душанбе, 2020-2025), инчунин, дар конференсияҳои сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ баррасӣ ва тасдиқ шудаанд.

Муқаррароти назариявӣ ва методии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар раванди таълими Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ҳангоми таҳияи нақшаҳо ва дастурҳои таълимӣ, матнҳои лексияҳо аз фанҳои “Назарияи иқтисодӣ”, “Иқтисодиёти рақамӣ”, “Иқтисоди инноватсионӣ”, “Макроиқтисодиёт” ва “Фаъолияти инноватсионӣ” барои донишҷӯён, магистрантон ва докторантҳои PhD (санади №093 аз 29.08.2025с.) ва дар Муассисаи давлатии “Маркази миллии патенту иттилоот”-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон (санади №15-92 аз 15.10.2025с.) истифода бурда мешаванд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Аз рӯйи маводи диссертатсия 9 кори илмӣ, аз он ҷумла 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ва 5 мақола дар конфронсҳои байналмилаливу ҷумҳуриявӣ ва ғайраҳо нашр шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, се боби матни асосӣ, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат аст. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 181 саҳифа оварда шуда 22 ҷадвал ва 12 расмро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт аз 135 номгӯй иборат аст.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар муқаддима мубрамии мавзуи диссертатсия, мақсад, вазифаҳо, объекту предмет, фарзияи таҳқиқот муайян гардидаанд, ҳамчунин, маълумот оид ба асосҳои назариявию методологии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия оварда шудаанд.

Дар боби якуми диссертатсия ҷанбаҳои назариявии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити рушди ҷамъияти саноатикунонии босуръат мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Инчунин, методҳои ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд ва таҷрибаи хориҷӣ аз ҷониби муаллиф мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар натиҷаи омӯзиши ҷанбаҳои назариявии ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд аз ҷониби муаллиф таърифи ягонаи масъалаи мазкур таҳия гардидааст, ки чунин аст: “Иқтисодиёти донишбунёд ҳамчун иқтисодиёте муайян карда шудааст, ки донишро барои вусъатбахшии рушди иқтисодӣ ва баландбардории рақобатпазирии ҳамаи соҳаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ истифода менамояд”.

Дар боби дуюми таҳқиқот “Вазъи муосир ва тамоюли ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Тоҷикистон” мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Аз ҷониби муаллиф арзёбии асосҳои институтсионалии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардонида шуда, арзёбии вазъи муосир ва заминаҳои ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд

дар кишвар ва моделсозии регрессионии таъсири иқтисодиёти донишбунёд ба рушди иқтисодии ҷумҳурӣ ошкор ва асоснок гардидааст, ки ин метавонад боиси коҳиш додани сатҳи таҳдидҳо ба амнияти иқтисодии кишвар гардад.

Боби сеюми диссертатсия "Самтҳои асосии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ном дошта, дар он роҳҳои асосии вусъати раванди гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд дар шароити рушди ҷамъияти саноатикунонии босуръат муайян гардида, механизми ташкилӣ-иқтисодии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои асосии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар кишвар пешниҳод гардидааст. Дар қисмати мазкур механизми ягонаи ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд дар кишвар пурра омӯхта шуда, дар асоси он роҳҳои такмили минбаъдаи соҳаи мазкур муайян ва гурӯҳбандӣ карда шудааст.

Дар хулосаи рисолаи илмӣ муқаррароти асосии таҳқиқот оварда шуда, тавсияҳо барои истифодаи натиҷаҳои назариявию амалии диссертатсия асоснок гардидаанд.

## БОБИ 1. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛЁБӢ ВА РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ДОНИШБУНЁД ДАР ШАРОИТИ РУШДИ ҶАМЪИЯТИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТ

### 1.1. Асосҳои назариявии шарҳи мафҳуми иқтисодиёти донишбунёд дар шароити рушди ҷамъияти саноатикунонии босуръат

Ҳангоме ки аз сабаби ноoқилона истифода намудани захираҳои табиӣ норасоии ашёи хом ба чашм мерасад, иттилоот ба сарвате табдил меёбад, ки дорои арзиши бузург аст. Бартарии асосии иттилоот дар он аст, ки тамомнашаванда аст, бинобар ин, андозаи бозори дониш зуд бузург гардида, фарохтар мегардад. Дар ин замина, дар асри 21, ки чун асри технологияҳои рақамӣ маъмул аст, як иқтисоди нав – иқтисодиёти донишбунёд ба вуҷуд омадааст. Вобаста ба ин дар даҳсолаи охир иқтисоди донишбунёд ҳамчун самти нави иқтисодиёт аҳаммияти бештар пайдо карда, дар доираҳои илмӣ ҳамчун манбаи муҳимми рушди иқтисодиёт ва баландбардории рақобатпазирии тамоми бахшҳои иқтисодиёт баррасӣ карда мешавад.

Гузариш ба ҷомеаи саноатикунонии босуръат ва иқтисоди донишбунёд нишон медиҳад, ки дониш ба категорияи бунёдии иқтисодӣ табдил меёбад. Гарчанде ки дар марҳилаи тосаноатикунонӣ чунин хусусият хоси истилоҳи дониш набуд. Дониш мазмуни иқтисодиро танҳо ҳамон замоне пайдо менамояд, ки ба сифати неъмати асосии иқтисодӣ баромад кунад, яъне муносибатҳои ичтимоию иқтисодиеро ифода кунад, ки дар байни субъектҳои хоҷагӣ вобаста ба аҳаммияти донишҳои илмӣ дар заминаи умумии раванди такрористеҳсолкунии ҷамъиятӣ ба миён меоянд.

«Эҳёи ғояи иқтисоди донишбунёд дар солҳои 90-уми асри XX дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба миён омада, бо суръат гирифтани пешрафти илмӣ-технологӣ, густариши технологияҳои иттилоотӣ ва ҷорӣ гардидани навовариҳои инноватсионӣ иртиботи зич дошт. Дар ҳамин давра равандҳои ҷаҳонишавӣ ва рушди бахши хизматрасонӣ боиси тағйирёбии сохтори иқтисоди миллӣ гардида, дониш ва сармояи инсонӣ ба омили калидии рушд табдил ёфтанд.

Дар охири солҳои 90-ум муҳаққиқон ва нашрияҳои илмӣ барои шарҳи пояҳои иқтисодии ҷомеаи пасосаноатӣ бештар аз мафҳумҳои «иқтисоди иттилоотӣ» ва «иқтисоди ба дониш асосёфта» («иқтисоди донишбунёд») истифода бурданро оғоз намуданд. Ин истилоҳҳо марҳилаи нави таҳаввулоти низоми иҷтимоию иқтисодиро ифода намуда, гузариш аз модели саноатӣ ба модели инноватсиониро тавсиф мекунанд» [89].

Ҳарчанд миёни ин мафҳумҳо баъзе фарқияти мазмунӣ вуҷуд дорад, онҳо дар маҷмуъ ба як воқеият ишора менамоянд: афзоиши нақши дониш, иттилоот ва технология ҳамчун манбаи асосии арзишофарӣ ва рақобатпазирӣ. Дар чунин низом дониш на танҳо омили истеҳсол, балки захираи стратегӣ ва сармояи асосии рушди устувори иқтисодӣ маҳсуб меёбад.

Худи истилоҳи «иқтисоди донишбунёд» соли 1962 аз ҷониби иқтисоддони амрикоӣ Ф. Мачлуп [51] пешниҳод шуда буд, ки бахши иқтисодиётро ба истеҳсоли дониш равона кардааст.

«Минбаъд истилоҳи «иқтисоди донишбунёд» аз ҷониби мушовири машҳури идоракунии тиҷорат Питер Друкер, аввал дар китоби «Роҳбари муассир» дар соли 1966 ва сипас дар китоби «Давраи шикаст» дар соли 1969 маъмул шуд. П. Друкер бо афкори иқтисодиаш дар самти таъкид ба нақши дониш, нишондодҳои таҳлилнокӣ, маҳсулнокии ченшаванда, инчунин идоракунии стратегӣ, хеле пешбинии арзишмандеро ба анҷом расонида буд” [117].

Дар марҳилаи муосир ин истилоҳ барои ифодаи чунин навъи иқтисод васеъ истифода мешавад, ки дар он дониш ба унсури асосии рушд табдил меёбад. Дар чунин низом на танҳо худи дониш аҳаммияти ҳалкунанда дорад, балки раванди эҷод, паҳнсозӣ ва истифодаи самараноки он ҳамчун манбаи асосии афзоиши иқтисодӣ ва омили муайянкунандаи рақобатпазирии ширкатҳо, минтақаҳо ва давлатҳо баромад менамояд. Яъне, дониш аз захираи ёрирасон ба сармояи стратегӣ ва манбаи арзишофарӣ табдил меёбад.

«Бо вуҷуди густариши васеи истифода, мафҳуми «идоракунии донишҳо» то ҳол дорои тафсири ягона ва умумқабулшуда нест. Дар адабиёти илмӣ ба ин масъала муносибатҳои гуногун ҷой доранд: гурӯҳе аз муҳаққиқон онро тавассути тавсифи нишонаҳои зоҳирӣ ва натиҷаҳои амалии он шарҳ медиҳанд, гурӯҳи дигар бошад, кӯшиш менамоянд мазмуни мафҳумро бо таҳлили ҷузъҳои таркибии он — «идоракунӣ» ва «дониш» равшан созанд» [89, с. 293].

Имрӯз дар адабиёти иқтисодӣ зиёда аз сӣ таърифи гуногуни ин мафҳум пешниҳод шудааст. Аммо аксари онҳо ё ҷанбаҳои муайянеро бештар таъкид мекунанд ва ё бо истифодаи истилоҳоти мухталиф мазмунро ба таври нопурра инъикос менамоянд. Дар натиҷа, тасаввури ягона ва мукаммал оид ба иқтисодиёти донишбунёд ҳанӯз ташаккул наёфтааст.

Бештари вақт мафҳумҳое чун «неруи инсонӣ», «сармояи инсонӣ», «сармояи иҷтимоӣ» ва «сармояи зеҳнӣ» ҳамчун унсурҳои тавсифкунандаи иқтисодиёти донишбунёд истифода мешаванд. Ҳарчанд ин истилоҳҳо бо ҳам иртиботи зич доранд, онҳо ҷанбаҳои гуногуни нақши дониш ва қобилияти инсонро дар раванди рушди иқтисодӣ инъикос менамоянд ва наметавонанд ба таври комил тамоми муҳтавои иқтисоди донишбунёдро фаро гиранд.

Дар баробари афзоиши аҳаммияти дониш истилоҳоти нави иқтисодӣ – «иқтисоди шабакавӣ», «иқтисоди рақамӣ» пайдо шуданд. Аммо мафҳуми муҳимтарине, ки тамоюли болоравии аҳаммияти донишро барои самаранокии низоми иҷтимоию иқтисодӣ тавсиф мекунад, ба андешаи мо, «иқтисоди ба дониш асосёфта» мебошад, дар он дониш ва иттилоот ҳамчун омили истеҳсолот баромад менамоянд.

Истилоҳоти «иқтисоди ба дониш асосёфта»-ро соли 1960 П.Ф. Друкер ба муомилоти илмӣ ворид карда буд, ки дар аввал истилоҳоти «дониш» ва «ҷомеаҳои донишбунёд»-ро истифода мебурд. «Иқтисоди донишбунёд», «иқтисоди иттилоотӣ», «иқтисоди рақамӣ», «иқтисоди шабакавӣ», «иқтисоди нав» дар аксари адабиёти иқтисодӣ ҳамчун ибораҳои ҳаммаъно баррасӣ шудаанд ва феълан истилоҳи «иқтисоди илмталаб» низ мавриди истифода

қарор гирифтааст. Ҳамин тариқ, иқтисодиёти донишбунёд бо технологияҳои нав, инноватсия ва пешрафти техникӣ алоқаманд аст, ки бо таҳаввулоти Интернет зич алоқаманд аст. Бо вуҷуди ин, ягон таърифи ягонаи аз ҷониби умум қобили қабули иқтисоди донишбунёд вуҷуд надорад [117, с. 63].

Иқтисодшиноси маъруф Элвин Тоффлер таъкид менамояд, ки «дониш қувваи тавоно ва калиди тағйирёбии ояндаи қудрат аст» [19, с. 63]. Ба андешаи ӯ, дар шароити ҷомеаи пасосаноатӣ дониш тадриҷан аз омили иловагӣ ва ёрирасони рушд ба манбаи асосии назорат, нуфуз ва қудрат табдил меёбад. Тоффлер бар он назар аст, ки дар оянда дониш метавонад ҷойгузини аксари захираҳои анъанавии иқтисодӣ гардад ва дар ташаккули сохтори нави иҷтимоию иқтисодӣ нақши ҳалкунанда бозад [19, с. 63].

Ҳанӯз дар асри XIX А. Маршалл (1842-1924), ки аз асосгузорони иқтисодиёти неоклассикӣ ба шумор меравад, аҳаммияти донишро дар раванди иқтисодӣ эътироф намуда буд. Ӯ донишро яке аз муҳаррикҳои муҳимми истеҳсолот медонист. Маршалл ба мавҷудияти як зиддияти объективӣ ишора мекард: аз як тараф, дар натиҷаи тақсимоти ҷамъиятии меҳнат донишҳо торафт махсусгардонидашуда ва пароканда мешаванд; аз ҷониби дигар, зарурати ҳамгирой ва муттаҳидсозии ҳамин донишҳо барои таъмини самаранокии истеҳсолот ба миён меояд. Дар ҳамин замина, ӯ шаклҳои гуногуни ташкили бизнесро, ки ба инкишоф ва истифодаи дониш мусоидат мекунанд, асоснок намуда буд [52].

«Бо вуҷуди ин, мактаби неоклассикӣ бештар ба истифодаи донишҳои аллакай мавҷуда, ки тавассути низоми нархҳо ифода меёбанд, тамаркуз мекард. Аксаран донишҳои ғайрирасмӣ ва хусусие, ки ба субъектҳои хоҷагидор тааллуқ доранд ва дар шакли иттилооти нархӣ инъикос намешаванд, дар таҳлил камтар ба назар гирифта мешуданд» [112, с. 806].

Намояндагони мактаби иқтисодии Австрия Ф. фон Хайек ва Й. Шумпетер ба дониш ҳамчун категорияи калидии равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аҳаммияти махсус медоданд. Онҳо донишро хусусияти «субъективӣ» дошта мешумориданд ва бештар ба нақши он дар динамикаи

тағйироти иқтисодӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекарданд. Барои онҳо муҳим на танҳо ҳаҷми дониш, балки хусусият ва мазмуни он дар сатҳи ҳар як субъекти хоҷагидор буд.

Ф. Хайек донишро ба ду навъ ҷудо мекард:

1. Донишҳои илмӣ, яъне донистани қонунҳо ва қоидаҳои умумӣ;
2. Донишҳои мушаххаси замон ва макон, яъне донистани шароити воқеӣ ва вазъияти муайян.

Ба андешаи ӯ, «бартарии низоми бозорӣ дар он аст, ки маҳз чунин донишҳои пароканда ва вазъиятӣ тавассути механизми нархҳо ҳамоҳанг мегарданд. Хайек махсусан ба донишҳои ғайрирасмӣ ва вобаста ба шароити мушаххас аҳаммияти калон медод» [121, с. 33].

Й. Шумпетер бошад, нақши комбинатсияи нави донишҳоро дар рушди иқтисодӣ таъкид мекард. Ба назари ӯ, «навовариҳо, аз ҷумла пайдоиши маҳсулоти нав, усулҳои нави истеҳсол, бозорҳои нав, ашёи хоми нав ва шаклҳои нави ташкилӣ натиҷаи «комбинатсияҳои нави донишҳо» мебошанд. Маҳз ҳамин раванд манбаи рушди иқтисодӣ ва тағйироти сохтории низоми иқтисодӣ ба ҳисоб меравад» [48, с. 35].

Ҳамин тавр, таҳлили назарияҳои классикӣ ва муосир нишон медиҳад, ки дониш тадриҷан аз унсури ёрирасони истеҳсолот ба омили марказии рушд, рақобатпазирӣ ва навоварӣ табдил ёфтааст.

Иқтисодчиёни маъруф Р. Солоу ва П. Ромер қайд кардаанд, ки дар маҷмуъ, «танҳо 50%-и афзоиши ММД-ро бо афзоиши захираҳои меҳнатӣ ва сармояи ҷисмонӣ ташаккул додан мумкин аст, 50%-и дигар аз ҳисоби сармояи зеҳнӣ ташаккул меёбад» [132, с. 312].

Дар соли 1962 К. Арроу қайд карда буд, ки «дониш аз моли муқаррарӣ бо хосиятҳои рақобат надоштан ва нисбии истиснонашаванда фарқ мекунад» [116, с. 620].

Мутаносибан, таҳлили назариявии тағйироти низомии иқтисодиёт дар микро ва макросатҳ зарур аст. Дар натиҷа, масъалаи гузаштан ба иқтисодиёти

донишбунёд ва хусусиятҳои ин раванд ҳам аз лиҳози илмӣ ва ҳам аз лиҳози амалӣ ниҳоят муҳим ба назар мерасад.

«Хусусияти муҳимми иқтисоди донишбунёд дар он ифода меёбад, ки манбаи асосии тавлиди сарват дар низоми иқтисоди бозорӣ тадриҷан тағйир ёфтааст. Агар дар марҳилаҳои қаблӣ сарват бештар ба захираҳои табиӣ (замин, ашёи хом, меҳнати нисбатан беихтисос) такя мекард, баъдан нақши асосиро дороиҳои моддӣ (биноҳо, таҷҳизот, сармояи молиявӣ) ишғол намуданд. Дар шароити муосир бошад, афзалият ба захираҳое дода мешавад, ки дороиҳои ғайримоддиро - пеш аз ҳама, дониш, иттилоот ва технология ба вуҷуд меоранд. Дар чунин низом инсон ва созмонҳо ҳамчун интиқолдиҳанда ва истеҳсолкунандаи дониш субъекти асосии рушди иқтисодӣ ба шумор мераванд» [126, с. 408].

Иқтисоди донишбунёдро метавон ҳам аз нуқтаи назари микроиқтисодӣ ва ҳам аз дидгоҳи макроиқтисодӣ баррасӣ намуд. Дар сатҳи микроиқтисодӣ он ҳамчун фаъолияти соҳибкорие фаҳмида мешавад, ки тавассути эҷод ва истифодаи дониш бартариҳои рақобатӣ ба даст меорад. Яъне, корхонаҳо бо истифодаи сармояи зеҳнӣ, навовариҳо ва малакаҳои касбӣ мавқеи худро дар бозор мустаҳкам менамоянд.

Дар сатҳи макроиқтисодӣ бошад, иқтисоди донишбунёд бо афзалияти соҳаҳои коркарди иттилоот, рушди илм ва таҳқиқот, саноатҳои доништалаб ва ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ алоқаманд аст. Дар чунин шароит рушди устувори кишвар ба сатҳи рушди сармояи инсонӣ, инфрасохтори илмӣ-технологӣ ва иқтидори инноватсионӣ вобаста мегардад.

Яке аз назарияҳои маъруф дар ин самт назарияи Й. Шумпетер мебошад, ки рушди иқтисодиро бо инноватсия ва фаъолияти соҳибкорӣ пайваст менамояд. Ба андешаи ӯ, «инноватсия равандест, ки панҷ шакли «комбинатсияҳои нав»-ро дар бар мегирад» [55, с. 52].

1. «Ба бозор баровардани навъҳои тамоман нави маҳсулот, махсусан маҳсулоте, ки қаблан барои истеъмолкунандагон дастнорас ё номаълум буданд;

2. Ҷорӣ намудани технологияҳои нави истеҳсолӣ, ки боиси коҳиши хароҷот, баланд гардидани ҳосилнокӣ ва самаранокии истеҳсолот мегарданд ва ҳамзамон, таъсири манфиро ба муҳити зист кам мекунанд;
3. Кушодан ё ташкили бозорҳои нави фурӯш барои маҳсулоти соҳаҳои муайян;
4. Истифодаи манбаъҳои нави ашёи хом ё маҳсулоти нимтайёр, ки қаблан мавриди истифода қарор надоштанд;
5. Ташкили шаклҳои нави идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти истеҳсолӣ, аз ҷумла тағйири сохтори бозор ва барҳам додани мавқеи монополистӣ» [55, с. 33].

Ҳамин тавр, дар доираи назарияи Шумпетер инноватсия ҳамчун механизми асосии рушд баромад намуда, дониш ва қобилияти эҷодии соҳибкорро ба маркази таҳаввулоти иқтисодӣ мегузорад. Ин раванд бевосита бо моҳияти иқтисоди донишбунёд, ки дар он дониш ва навоварӣ манбаи асосии арзишофарӣ мебошанд, мутобиқат дорад.

Баъзе масъалаҳои марбут ба ин мавзуъ аз ҷониби олимони зиёди ватанӣ ва хориҷии мактабҳо ва самтҳои гуногун мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Дар адабиёти иқтисодӣ таърифи «иқтисодиёти ба дониш асосёфта» аз тарафи олимон ва муҳаққиқон ба таврҳои гуногун шарҳ дода шудааст. Ин ҳам ҷустуҷӯи парадигмаҳо ва консепсияҳои нави тараққиёти ҷамъият ва иқтисодиёти сифат, ҳам робитаи мураккаби сохторию мантиқии дороиҳои ғайримоддиро ифода менамояд. Дар аксари таърифҳои ҷойдошта иқтидори инсоният дар тавлиди неъматҳои нав, мавҷудияти шаклҳои гуногуни дониш, нақши иттилоот дар ҷомеаи донишбунёд, нақши дониш ва малака дар ташаккулёбии соҳаҳои нави иқтисодиёт ва содагардонии раванди такрористеҳсолоти ҷамъиятӣ, фаъолияти инноватсионии корхонаҳо ва дигар мафҳумҳои ба ин монанд ба инобат гирифта шудааст.

Таҳқиқи иқтисодиёти донишбунёд дар сатҳи ҷаҳонӣ бо рушди назарияҳои ҷомеаи пасосаноатӣ ва саноатикунонии босуръат иртиботи зич дорад. Дар ин раванд диққати асосӣ ба нақши сармояи инсонӣ, сатҳи

таҳсилот, қобилияти эҷодӣ ва иқтидори инноватсионии ҷомеа равона мегардад. Яъне, рушди иқтисодӣ дигар танҳо ба захираҳои моддӣ такя намекунад, балки бештар ба дониш, малака ва қобилияти зеҳнии инсон вобаста мегардад.

Дар маҷмуъ, густариши босуръати дониш, афзоиши вобастагӣ аз компютеркунонӣ, рақамисозӣ, таҳлили маълумоти калон (Big Data) ва автоматикунонӣ боис гардидааст, ки иқтисодиёти кишварҳои пешрафта тадриҷан ба иқтисоде табдил ёбад, ки дар он сармояи зеҳнӣ ва малакаҳои касбӣ нақши ҳалкунанда мебозанд. Дар чунин шароит арзишофарӣ бештар аз ҳисоби эҷоди идеяҳои нав, коркарди иттилоот ва истифодаи технологияҳои пешрафта амалӣ гардида, вобастагӣ аз омилҳои анъанавии истеҳсолот нисбатан коҳиш меёбад.

Аз олимони рус асарҳои А. Бузгалин [66], А.Добринин [29], С. Дятлов [29], В. Иноземтсев [32], Р. Капелюшников [35], Б. Милнер [94], В. Садовничий [105] бештар ба таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва амалии иқтисодиёти донишбунёд бахшида шудааст. Аз муҳаққиқони хориҷӣ асарҳои Д. Белл [21], Ҷ. Гэлбрейт [26], М. Кастеллс [50], И. Масуда [53], Ф. Мачлуп [51], Т. Сакая [130], Р. Солоу [133], Ҷ. Стиглитс [134], Э. Тоффлер [59], Т Стюарт [57] ва дигарон низ бештар ба ҷанбаҳои гуногуни икдисодиёти донишбунёд бахшида шудаанд.

Муаллифони зикргардида бештар масъалаҳои марбут ба сохтор ва омилҳои ташаккулёбии сармояи инсонӣ, нақши дониш ҳамчун неъмати ҷамъиятӣ, масъалаҳои моликияти зеҳнӣ, идоракунии муҳити маърифатии корхона ва ғайра дахолат намудаанд. Дар баробари ин, нишонаҳо ва хусусиятҳои асосии иқтисодиёти донишбунёд ҳамчун падидаи системавӣ ба таври кофӣ ифшо нашудаанд, истилоҳот дар ин соҳаи тадқиқоти иқтисодӣ ҳанӯз мушаххас нест ва зарурати гузаронидани таҳқиқоти навро дар самти муайянсозӣ ва банизомдарории назарияҳои илмии ҷойдошта, ошкорсозии меъёру нишондиҳандаҳои асосии иқтисодиёти донишбунёдро тақозо мекунад.

З.Б. Тукубаев, А.А. Умаров як қатор хусусиятҳои хоси иқтисодиёти донишбунёдро ҷудо намудаанд, ки он ба ҳолатҳои зерин ифода меёбад:

1. «Болоравии ҳиссаи бахши хизматрасонӣ дар иқтисодиёти мамлакатҳои алоҳида нисбати бахши воқеии иқтисодиёт;

2. Афзоиши маблағгузорӣ дар сатҳи таҳсилот ва илм, бо мақсади азхудкунии малака ва қобилияти соҳибкорӣ;

3. Рушди босуръати иттилоот ва коммуникатсия;

4. Рушди ҳамгироии иқтисодӣ байни мамлакатҳои гуногун;

5. Пайдоиши молҳо ва хизматрасониҳои нав, ки ба фаъолияти интеллектуалӣ асос ёфтаанд» [109, с. 14].

Дар иқтисодиёти донишбунёд аҳаммияти асосӣ ба сармояи инсонӣ дода шуда, равандҳои ҷаҳонишавӣ, компютеркунонии васеъ, автоматикунонӣ ва рақамикунонӣ сохтори иқтисодиро дар тамоми ҷаҳон тағйир дода, гузаришро тадриҷан дар иқтисодиёт аз паҳншавии равандҳои истеҳсолӣ ба ҷамъоварии сармояи зеҳнӣ ва малакаҳои касбӣ амалӣ мекунад.

Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки иқтисодиёти донишбунёд на танҳо ба захираҳои ҷисмонӣ, балки ба сармояи зеҳнӣ низ асос ёфтааст, ки ба рушди фаъолияти доништалаб ва истеҳсолоти баланди технологӣ мусоидат мекунад.

Барои рушди бомуваффақияти иқтисодиёти донишбунёд зарур аст ҳиссаи кормандони баландихтисос дар истеҳсолот афзоиш дода шуда, дониш ё малакаи онҳо мунтазам баланд бардошта шавад. Дар ин раванд иқтисодиёти донишбунёд дар ҷомеа ба тағйироти куллӣ мусоидат намуда, сохтори дороиҳои иқтисодиро мукаммал мегардонад.

Ҳамин тавр, хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки дониш на танҳо манбаи асосии истеҳсолот ва рушди иқтисодӣ мебошад, балки метавонад дар оянда боиси тағйироти сохтории иқтисодиёт ва ҷомеа гардад.

Муҳаққиқи рус Д.А. Рижкова чунин тафсир мекунад: «Мо иқтисодиёти донишбунёдро чунин ҳолати иқтисодиёти кишвар медонем, ки дар он дониш ба яке аз омилҳои асосии истеҳсолот мубаддал гардидааст» [104, с. 144].

«Иқтисоди донишбунёд ин низоми иқтисодиест, ки ба сармояи зеҳнӣ ё қобилиятҳои зеҳнӣ асос ёфтааст, яъне он иқтисодиёти дониш аст, ки сарвати иқтисодӣ асосан тавассути истифодаи дониш ба вуҷуд меояд» [99, с. 108].

«Ҳамин тавр, имрӯз ҷомеае ташаккул меёбад ва рушд мекунад, ки заминаи иқтисодии онро бештар равандҳои истеҳсолот, паҳнкунӣ ва истифодаи дониш муайян мекунанд. Дониш на ҳамчун мафҳуми фалсафӣ, балки ҳамчун омили мушаххасе, ки ба иқтисоди ҷаҳонӣ таъсир мерасонад, муаррифӣ мешавад. Инсоният дарк мекунад, ки молҳо ва хизматрасониҳо танҳо натиҷаи донише мебошанд, ки тавассути онҳо вуҷуд доранд. Дониш ҳамчун маҳсули фаъолияти равонии инсон асоси пешрафтҳои инноватсионӣ ва пешниҳоди хизматҳои беназирро ташкил медиҳад» [97, с. 180].

Аз нуқтаи назари Бонки ҷаҳонӣ: «иқтисоди донишбунёд бояд ҳамчун иқтисодиёте фаҳмида шавад, ки донишро барои суръат бахшидан ба рушди худ ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ эҷод мекунад, паҳн месозад ва истифода мебарад»[135, с. 71].

Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд иқтисодиёти донишбунёдро чунин шарҳ медиҳад: «... иқтисодест, ки мустақиман ба истеҳсол, тақсимот ва истифодаи дониш ва иттилоот асос ёфтааст». Мувофиқи маълумоти Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд, иқтисодиёти донишбунёд истеҳсол, паҳн кардан ва истифодаи амалии дониш ва иттилоот мебошад. Ҳамин тавр, дар ин таъриф се раванди ташкили муносибатҳои иқтисодӣ - раванди истеҳсолот, тақсимот ва мубодилаи неъматҳои иқтисодӣ ба инобат гирифта шудааст.

«Дар адабиёти муосири иқтисодӣ мафҳуми бештар истифодашаванда аз ҷониби мутахассисони Бонки ҷаҳонӣ пешниҳод шудааст, ки тибқи он «иқтисодиёти донишбунёд ҳамчун иқтисодиёте фаҳмида мешавад, ки донишро барои суръат бахшидан ба рушди худ ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ эҷод мекунад, паҳн месозад ва истифода мебарад» [135. с. 71].

Бонки ҷаҳонӣ иқтисоди ба дониш асосёфтаро аз рӯйи чаҳор самти асосӣ муайян мекунад:

Бонки ҷаҳонӣ иқтисоди ба дониш асосёфтаро аз рӯйи чаҳор самти асосӣ муайян мекунад:

1. «Сохторҳои институтсионалӣ, ки соҳибкорӣ ва истифодаи донишро ҳавасманд мекунанд;

2. Мавҷудияти қувваи кории соҳибихтисос ва низоми хуби таҳсилот;

3. Дастрасӣ ба инфрасохтори технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ;

4. Муҳити рушдкардаи инноватсионӣ, дар доираи муассисаҳои илмӣ таҳқиқотӣ, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ» [135, с. 71].

Коршиносони Бонки ҷаҳонӣ чаҳор ҷанбаи асосии иқтисодиёти ба дониш асосёфтаро ҷудо намудаанд:

- «таҳсилот ва таълим (мавҷудияти аҳолии босавод ва аз ҷиҳати касбӣ омодашуда, ки қодиранд эҷодиёти нав намоянд, онро паҳн ва мавриди истифода қарор диҳанд);

- мавҷудияти инфрасохтори инноватсионии мунтазам рушдкунанда (воситаҳои паҳнкунии иттилоот, ба мисли радио, Интернет ва дигар воситаҳо, ки раванди паҳнкунӣ ва коркарди иттилоотро таъмин мекунанд);

- ҳавасмандии иқтисодӣ ва низоми институтсионалӣ (муҳити умумии иқтисодӣ, ки барои ҳаракати озоди дониш, татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва рушди соҳибкорӣ мусоидат мекунад);

- низомҳои инноватсионӣ (мавҷудияти шабакаи марказҳои тадқиқотӣ ва таҳлилӣ, донишгоҳҳо, ширкатҳо ва ташкилотҳои хусусӣ, ки ба истеҳсоли донишҳои нав, ворид намудани он аз хориҷа ва мутобиқ намудан ба тақозои маҳаллӣ машғуланд)» [85, с. 25].

**Ҷадвали 1.1. - Банизомдарории таърифҳои ҷойдоштаи “иқтисодиёти доишбунёд” дар илми иқтисод**

| Муаллиф | Таъриф | Сарчашмаҳо |
|---|---|---|
| Л.М. Гохберг | Иқтисоде, ки ба истифодаи фаъол ва самараноки дониш асос ёфтааст. | Гохберг, Л.М. Национальная инновационная система России в условиях «новой экономики» / Л.М. Гохберг // Вопросы экономики. - 2003. - № 3. - С. 26-44 |
| Г.Б. Клейнер | Ҳолати иқтисодиётро ифода менамояд, ки дар он дониш ба маҳсулоти комил мубаддал мешавад, дар истеҳсоли мо ҳиссаи дониш беназир гардида, яке аз омилҳои истеҳсолот мегардад. | Клейнер, Г.Б. Микроэкономика знаний и мифы современной теории / Г.Б. Клейнер // Высшее образование в России. - 2006. - №9. - С. 32 |
| Бонки ҷаҳонӣ | Иқтисодиёт, ки дар он дониш бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирӣ, суръатбахшӣ ва рушди истеҳсолот васеъ истифода бурда мешавад. | The World Bank. URL: https://www.worldbank.org/en/search?q=knowledge +economy |
| Л.А. Трофи-мова, В.В. Трофимов | Иқтисодиёте, ки дар он дониш дар суръатбахшии рушди технологӣ такони назаррас дода, дараҷаи рақобатпазирии маҳсулот ба доништалабӣ асос меёбад, ки ниҳоят он ба рафъи таназзул ва афзоиши истеҳсолот дар кишварҳои алоҳида ва минтақаҳои онҳо оварда мерасонад. | Л.А. Трофимова, В.В. Трофимов. Управление знаниями: учебное пособие. СПб: Изд-во СПбГУЭФ, 2012. - 77 с. |
| Мавқеи муаллиф | Иқтисоди донишбунёд маҷмуи шартҳои иқтисодӣ барои такрористеҳсолкунӣ, нигоҳ доштан, паҳн кардан ва истифодаи дониш фаҳмида мешавад, ки ба принсипҳои праксеологӣ, доимӣ, дастрасӣ ва рақобат надоштан асос ёфтааст. | |

**Сарчашма:** Аз тарафи муаллиф бо истифодаи сарчашмҳои нишондодашуда сохта шудааст.

Хусусияти фарққунандаи таърифҳои дар боло зикршуда ягона будани онҳо ба шумор меравад. «Дониш дар тамоми низомҳои иқтисодӣ, новобаста аз муҳлати дар амал будани низоми иҷтимоиву иқтисодӣ, мавриди татбиқи васеъ қарор дошт. Зеро дониш ҳамеша ҳамчун яке аз омилҳои асосии истеҳсолот баромад менамуд. Дар ҳама гуна низоми иқтисодӣ дониш барои суръат бахшидан ба рушди иқтисодиёт ва баланд бардоштани

рақобатпазирии он тавлид шуда мавриди истифода қарор меёфт» [88, с. 34]. Дар баробари ин дар ҷомеаи башарӣ дониш ҳамчун омили муҳими ташаккулёбии бартарияти рақаобат баромад менамояд.

Дар баробари ин, дар байни ҷомеа дониш ҳамчун омили муҳимми ташаккулёбии бартарияти рақобат баромад менамояд.

Аз ин нуқтаи назар, қайд кардан зарур аст, ки дар тамоми низомҳои иқтисодии мавҷуда ҷанбаҳои алоҳидаи иқтисодиёти донишбунёд ҷой дошт. Аз ин рӯ, таърифҳои дар боло зикршуда ҳам одилонаанд ва ҳам дар самти иқтисодиёт камназир мебошанд.

Модели дуомилаи истеҳсолоти ҷамъиятӣ.

Таҳлили адабиёти илмӣ имкон дод, ки якчанд самтҳоро дар таърифи иқтисодиёт муайян созем:

1. «Мубаддалгардии дониш ва малака ба омили муҳимми иқтисодиёт. Дар доираи ин равиш сохтори захираҳои иқтисодӣ барои истеҳсоли мол тағйир меёбад. Хоҷагиҳои хонагӣ аз истеҳсолоти хусусияти моддидошта ба истеҳсолоти ба донишасосёфта мубаддал мегарданд .

2. Болоравии нақши дониш ва малака дар таъмини рақобатпазирии мамлакат. Ин равиш иқтисодиёти донишбунёдро аз нуқтаи назари самаранокӣ тавзеҳ медиҳад. Дар асоси он иқтисоди донишбунёд ҳамчун иқтисоде муайян карда мешавад, ки ба воситаи истифодаи мунтазами дониш дар равандҳои хоҷагидорӣ ба рушди иқтисодӣ суръат бахшида, истеҳсоли дониш ҳамчун манбаи нави баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот баромад менамояд» [111, с. 8].

«Дар муқоиса бо давраҳои гузашта самаранокии дараҷаҳои гуногуни ташкилотҳои иқтисодии нисбатан баландтар бо мавҷудият ва фаъолияти як низоми мушаххас, инкишоф ва паҳн кардани донишҳои нав, эътирофи бозор таъмин карда мешуд, ки дар фаҳмиши фаъолияти инноватсионӣ ба қайд гирифта мешавад» [115, с. 268].

«Дар муқоиса ба давраҳои пешина самаранокии баланди истеҳсолот ба амалишавӣ ва рушди низоми махсуси ташаккулёбӣ, азхудкунӣ ва паҳнкунии

донишҳои нав оварда мерасонад, ки эътирофи бозории он дар шакли фаъолияти инноватсионӣ таҷассум меёбад» [115, с. 267].

3. Тағйирёбии сифати меҳнат дар асоси тиҷоратикунонии донишҳои ташаккулёфта. Равиши мазкур шарҳи фарогири таърифи иқтисоди донишбунёдро ифода менамояд. Дар доираи ин самт иқтисодиёти донишбунёд «шахси эҷодкор бо шуури кушод»- ро ифода менамояд, ки саҳми махсуси қувваи коргарии соҳибтахассусро дар ҳалли мушкилоти маърифатӣ-эҷодӣ дар раванди хоҷагидорӣ ифода менамояд. Тағйироти сохторӣ дар иқтисодиёт дар ин самт, пеш аз ҳама, дар он зуҳур меёбад, ки бахши хизматрасонӣ бо суръати тез рушд намуда, нақши хизматрасониҳои машваратӣ дар беҳтар қонеъ гардонидани талаботи афзояндаи истеъмолкунандагони инфиродӣ ва қабули қарорҳои дахлдор дар муҳити тағйирёбанда ва номуайянӣ баланд меравад.

4. «Баррасии иқтисодиёти донишбунёд ҳамчун натиҷаи бевоситаи таҳаввулоти иқтисодӣ ва марҳилаи ниҳоии иқтисодиёти саноатикунонӣ, инноватсионӣ ва иттилоотӣ. Дар ҷодаи иқтисодиёти донишбунёд бо беҳтар намудани сифати сармояи инсонӣ, ба болоравии сифати ҳаёт, истеҳсоли донишҳои нав, сифати технология ва хизматрасониҳои баландсифат мусоидат мекунад» [106, с. 253].

Дар доираи равиши мазкур хусусиятҳои маҷмуии иқтисодиёти донишбунёд таъкид шудааст, ки онро чунин муаррифӣ намудан мумкин аст:

– иқтисодиёти саноатикунонӣ. Зеро дар таърифи мазкур афзоиши пай дар пайи ҳиссаи соҳаи хизматрасонӣ дар сохтори хоҷагии халқ мушоҳида мешавад, ки дар аксари мамлакатҳо ҳиссаи он нисбати ҳиссаи саноат ва кишоварзӣ баланд аст;

– иқтисоди иттилоотӣ. Иттилоот дар иқтисодиёти донишбунёд нақши ҳалкунандаро мебозад ва технологияҳои иттилоотӣ инфрасохтори заруриро барои коркард ва интиқоли ҷанбаҳои иттилоотии таъиноти тиҷоратӣ ва фардӣ ба вуҷуд меоранд;

– иқтисоди инноватсионӣ. Дар иқтисодиёти донишбунёд дониш шумораи номаҳдуди навовариҳо ба вуҷуд меорад, ки ба эҳтиёҷоти мунтазам ва ба таври динамикӣ тағйирёбанда ҷавобгӯй буда, хоси афзалшумориҳои истеъмолкунандагон мебошад.

Ҳамин тариқ, «...дар иқтисодиёти донишбунёд, ки дар натиҷаи паҳншавии зудтари донишҳо дар асоси дастовардҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва афзоиши шиддатнокии дарозмуддати дониш дар иқтисодиёт фаҳмида мешавад, сармояи инсонӣ захираи асосии истеҳсолот мебошад, зеро иқтисодиёти донишбунёд ба тараққиёти ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт таъсири калон мерасонад. Ба таври мувофиқ, ҳалли мушкилоти рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар бе маблағгузорӣ ва рушди институтҳо ва соҳаҳое, ки сармояи инсониро эҷод мекунанд, имконнопазир аст» [71, с. 21].

«Хусусияти хосе, ки ин навъи иқтисодиётро аз навъҳои анъанавии он фарқ мекунонад, дар он аст, ки дар баробари захираҳои анъанавии иқтисодӣ (меҳнат, замин, сармоя) дониш ва иттилоот низ омили муҳимми афзоиш ва рушд мегарданд. Бо дарназардошти авҷгирии мушкилоти глобалии рушди инсоният, пеш аз ҳама, маҳдуд ва кам шудани захираҳои табиӣ, инчунин харобшавии муҳити зист, олимон ва сиёсатмадорони бисёр кишварҳоро водор месозад, ки иқтисодиёти донишбунёдро самти афзалиятноки рушди ҷомеаи стратегии иҷтимоӣ-иқтисодӣ арзёбӣ кунанд» [67, с. 46].

Дониш дар истеҳсоли мол ва хизматҳо ҳамеша саҳм дошт ва дар баробари дигар омилҳои истеҳсолот сатҳи рушди иқтисодии ҷамъиятро муайян мекард. Ҳамзамон, дар марҳилаҳои гуногуни тараққиёти иқтисодиву иҷтимоӣ дониш шаклҳои гуногунро пайдо намудааст, ки дар равандҳои гуногуни истеҳсолот зуҳур менамояд. Ҳамин тариқ, агар дар давраи ҷомеаи индустриалӣ донишҳои муҳандисӣ, чун қоида, дар шакли «ноу-хау» мавқеи аввалияро касб менамуданд, пас дар давраи баъд аз индустриалӣ ба ҷанбаҳои иттилоотӣ ва ташкилии дониши истеҳсолӣ диққати бештар дода мешавад. Солҳои охир нақши дониш дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ ба дараҷае расид, ки

олимон давраи ҳозираро «иқтисодиёти ба дониш асосёфта» ё «иқтисоди донишбунёд» меноманд.

Аксиомаи асосии иқтисодиёти донишбунёд дар он аст, ки корхона на танҳо донишро дар раванди фаъолияти худ истифода мебарад, балки онро тавлид мекунад. Таҳлили рушди ширкатҳои пешрафтаи ҷаҳон собит менамояд, ки тавлиди донишҳои нав манбаи асосии рақобатпазирии онҳост. Дар робита ба ин, қайд кардан зарур аст, ки ширкатҳое, ки донишҳои навро тавлид мекунанд, пеш аз ҳама, шароитҳои зарурииро дар ин самт муҳайё месозанд.

«Агар бартариҳои рақобатӣ дар иқтисоди анъанавӣ дастрасӣ ба манбаъҳои табиӣ ва ашёи хомро таъмин мекарданд, пас дар иқтисоди донишбунёд асоси муваффақият инноватсия ва соҳибкорӣ мебошад, ки ба дониш ва иттилооти дорои инфрасохтори пешрафта (Интернет, пойгоҳи додаҳо, телекоммуникатсия, алоқаи мобилӣ) асос ёфтааст» [98, с. 55].

Бесабаб нест, ки маҳз дар нимаи дуюми асри XX назарияҳои сармояи инсонӣ ва зеҳнӣ зуҳур карданд ва инкишоф ёфтанд. Дар зери таъсири тамоюлҳои нави тараққиёти иқтисодиёти ҷаҳонӣ ақидаҳои олимони назарияшинос ва мутахассисони бахши амалия дар дарки омилҳои пешрафтаи иқтисодиёт ва тараққиёти иҷтимоӣ дигаргуниҳои калон ба амал оварданд. Консепсияи рушди ҷомеаи саноатикунонии босуръат дар баробари ҷузъҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, инчунин, захираҳои инсониро ҳамчун сарвати миллӣ дар шароити муосир дар бар мегирад.

Дар шароити муосири ҷомеаи саноатикунонии босуръат иқтисоди донишбунёд ҳамчун натиҷаи бевоситаи ҳама гуна фаъолиятҳо, маҳсулоти истеъмоли ниҳоии мустақим, омили истеҳсолот, ки ҳангоми эҷоди манфиатҳои гуногуни иқтисодӣ истифода мешавад, предмети муомилот дар бозори озод ва воситаҳои тақсимоти фоидаи иқтисодӣ, воситаи ҷамъоварии иттилооти зеҳнӣ, воситаи фаъолияти идоракунӣ; усули муттаҳидсозии ҷомеа ва таъминкунандаи такрористеҳсолии институтҳои ҷамъияти баррасӣ карда мешавад.

Иқтисоди донишбунёд ба он нигаронида шудааст, ки чӣ гуна сармояи инсонӣ метавонад ҳамчун дороии истеҳсолӣ ё маҳсулоти тиҷоратӣ хизмат расонида, барои фурӯхтан ва содир кардан ба хориҷи мамлакат бо мақсади ба даст овардани фоида ба соҳибкорони инфиродӣ, корхонаҳо ва дигар субъектҳои иқтисодӣ пешниҳод карда шавад.

Ин ҷузъи иқтисодиёт на ба захираҳои табиӣ ё ҷисмонӣ, балки бештар ба қобилиятҳои зеҳнӣ такя мекунад. Дар иқтисодиёти донишбунёд, маҳсулот ва хизматҳои ба дониш асосёфта соҳаҳои техникӣ ва илмиро пеш мебаранд ва инноватсияро дар маҷмуъ дар иқтисодиёт ҳавасманд мекунанд.

«Иқтисоди донишбунёд бо ҳиссаи баланди кормандони баландихтисос дар равандҳои истеҳсолот ва тақсимот, ки кори онҳо дониш ё малакаҳои махсусро талаб мекунад, тавсиф мешавад. Дар муқоиса ба иқтисодиёти анъанавӣ, ки фаъолияти хоҷагидорӣ асосан ба меҳнати беихтисос такя мекард ва асосан аз истеҳсоли молҳои шакли ашёидошта иборат буд, иқтисоди муосир асосан хизматрасонӣ ва коркарди иттилоотро фаро мегирад» [108, с. 86].

«Дар иқтисодиёти нави донишбунёд дороиҳои пурарзиштарине, ки ширкатҳо доранд, аксар вақт дороиҳои ғайримоддӣ, ба монанди патентҳо, ҳуқуқи муаллифӣ ё нармафзори инноватсионӣ мебошанд» [103, с. 462]. Иқтисоди ба дониш асосёфта аз навоварӣ, тадқиқот ва пешрафти босуръати технологӣ тақвият меёбад. Аксарияти кулли кормандони соҳаи иқтисод дониши баланди компютерӣ ва малакаҳои эҷоди моделҳои тиҷорат ва молиявӣ доранд. Ба ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот, инчунин, таҳияи алгоритмҳо ва зеҳни сунъӣ диққати бештар дода мешавад.

«Дар иқтисодиёти муосир, қобилияти тиҷорат барои рушд ва нигоҳ доштани бартарии рақобат дар бозор бештар аз қобилияти зуд мутобиқ шудан ба ҷаҳони доимо тағйирёбанда тавассути навовариҳои пайваста, равандҳо ва низомҳои тиҷоратии худ вобаста аст» [107, с. 385].

«Иқтисодиёти донишбунёд дар амалия ба истеҳсолоти технологияҳои пешрафта - компютерҳо, электроника, саноати кайҳонӣ, соҳаҳои

хизматрасонӣ, ба монанди маориф, тандурустӣ ва таҳияи нармафзор, ба хидматрасониҳои тиҷоратӣ - суғурта, иттилоот ва коммуникатсия зич алоқаманд аст» [113, с. 932].

Иқтисоди донишбунёд барои васеъ кардани доираи меҳнат аз истеҳсоли маҳсулот дар хати васлкунии конвейерӣ то чандирии бештар дар тарҳрезӣ, истеҳсол ва татбиқи ғояҳои тиҷорат муҳим аст. Дар иқтисодиёти донишбунёд дониши возеҳ (далелҳо, рақамҳо, маълумот) ва фардӣ (маҳорат, таҷриба, доварӣ, интуитсия, тарзи муошират бо одамон) нақши муҳим мебозанд.

Боз як хусусияти дигари иқтисодиёти донишбунёд дар ҷомеаи саноатикунонии босуръат ба он таҷассум меёбад, ки дар он рушди соҳаҳо дар доираи кластерҳои соҳавии мутамарказшуда дар минтақаҳои муайян таъмин карда мешаванд. Иқтисодиёти ба дониш асосёфта имконият медиҳад, ки фарқи байни коргарони баландихтисос ва пастихтисосро бо роҳи кам кардани меҳнати дастӣ, ки музди хуб дода мешавад, васеъ намоянд. Мумкин аст омилҳои дигаре дар паси афзоиши нобаробарии музди меҳнат бошад, аммо як сабаби эҳтимолӣ иқтисоди донишбунёд аст. Иқтисоди донишбунёд, инчунин, барои кормандони дорои неруи баланди зеҳнӣ имкониятҳои бештар фароҳам меорад.

Ҳамин тариқ, таърифи пешниҳодшудаи иқтисодиёти донишбунёд муҳимтарин хусусиятҳои онро ба инобат мегирад ва татбиқ намудани он дар амалия ҳангоми имкониятҳои вусъатбахш рушди иқтисодиро тариқи инноватсия, баланд бардоштани сифати ҳаёт ва татбиқи иқтидори эҷодии инсон мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, гуфта метавонем, ки «...иқтисодиёти донишбунёд яке аз марҳилаҳои рушди ҷомеаи саноатикунонии босуръат буда, паҳншавии донишро дар тамоми соҳаҳои фаъолият бидуни истисно таъмин менамояд. Дар байни ҳамаи марҳилаҳои иқтисодиёти инноватсионӣ марҳилаи мазкур охирин буда, барои ташаккули ҷомеаи инноватсионӣ асос мегузорад. Пайдоиши иқтисоди донишбунёд танҳо дар ҷомеа имконпазир аст, ки дар он

дониш ба сифати арзиши мустақил эътироф шуда, аз ҷониби аксарияти намояндагони ҷомеа дастгирӣ ёбад. Дар ин ҳолат донишро метавон ба маҳсулоти барои фурӯш дар бозор мувофиқ ва даромад табдил дод» [122, с. 9].

Гузариши иқтисодиёт ба ҳолати нави сифатӣ афзоиши аҳаммияти донишҳои назариявӣ, пурзӯр гардидани нақши соҳаҳои дар сатҳи баланд технологишуда, афзоиши ҳиссаи соҳаи хизматрасонӣ дар иқтисодиёт, таъсири технологияҳои иттилоотӣ ва шабакавиро пешниҳод мекунад.

## 1.2. Принсипҳои ташаккул ва нишондиҳандаҳои рушди иқтисодиёти донишбунёд

Бояд тазаккур дод, ки «...дониш ҳанӯз аз ибтидои нимаи дуюми асри 20 ба муҳимтарин омили рушди иқтисодӣ табдил ёфт. Дар асоси ин мо метавонем таҳлили принсипҳои ташаккул ва рушди иқтисоди ба дониш асосёфтаро ба роҳ монем» [52, с. 28].

Марҳилаи аз солҳои 50-ум то миёнаи солҳои 70-и асри XX-ро метавон давраи аввали ташаккули иқтисодиёти донишбунёд дар ҷомеаи ҷаҳонӣ арзёбӣ кард, ки бо инкишофи назарияҳои «ҷамъияти постиндустриалӣ» тавсиф ёфта, бо ба таври амиқ ворид шудани илм ба истеҳсолот, механикунонӣ ва автоматикунонии маҷмуии он дар асоси офаридан ва ҷорӣ намудани технологияҳои мувофиқ алоқаманд буд. Ин имкон дод, ки тамоюлҳои фардикунонии талабот ва инкишофи интенсивии соҳаи хизматрасонӣ ба вуҷуд оянд. Дар ин давра илм нақши қувваи асосии истеҳсолкунандаро ба уҳда мегирад ва донише, ки тараққиёти онро таъмин мекунад, тадриҷан ба манбаи асосии пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ ва инкишофи инсон табдил меёбад.

Марҳилаи дуюм давраи аз миёнаҳои солҳои 70-ум то нимаи солҳои 90-уми асри XX-ро дар бар мегирад ва бо ташаккули мафҳумҳои «ҷомеаи иттилоотӣ» тавсиф мешавад. Марҳилаи мазкур дар натиҷаи

муҷаҳҳазгардонии васеи истеҳсолот бо техникаҳои компютерӣ ва технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, ки нақш ва афзоиши ҳаҷми иттилоот, паҳншавии технологияҳои муҳофизаткунандаи захираҳо ва муҳити зистро тақвият дода, афзоиши аҳаммияти идоракунии сифатро, ки пайваста ворид намудани тағйирот ба технология ва маҳсулот дар асоси дастовардҳои илму техникаро дар назар дорад, ба вуҷуд омадааст. Маълумот дар шакли донишҳои ба расмият даровардашуда, рамзикунонидашуда на танҳо ба таври васеъ дар истеҳсолот ҷорӣ намудани технологияҳои нав, балки динамикаи ҳамоҳангшудаи соҳаҳо ва бахшҳои гуногуни иқтисодиётро, ки бо воридшавии донишҳо ба онҳо алоқамананд, таъмин мекунад.

Марҳилаи сеюм давраи аз миёнаҳои солҳои 90-уми асри XX то имрӯзро дар бар мегирад. Онро метавон дар матни назарияҳои «ҷомеаи ба инноватсияи шабакавӣ, глобалӣ нигаронидашуда» баррасӣ кард, ки бо тавсеаи глобалии истеҳсол ва истифодаи маҳсулоти электронӣ, таъсири технологияҳои иттилоотӣ ба тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, торафт бештар ба ҳам наздик шудани технологияҳо дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ ва сотсиалӣ алоқаманд кард. Дар доираи марҳилаи мазкур маҷмуи ягонаи ба ҳам алоқаманди истеҳсолот, илм ва маориф ташаккул меёбад, ки равишҳои инноватсиониро бо фаъолияти иқтисодӣ, пур кардани бозорҳо бо маҳсулоти баланди технологӣ ва такмил додани низоми муносибатҳои ташкилию иктисодӣ таъмин мекунад.

Марҳилаи кунунии рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шакли мутамаркази он бо хусусиятҳо ва зиддиятҳои инқилоби технологияҳои иттилоотӣ тавсиф мешавад, зеро он ба истеҳсол, тақсимот ва истеъмоли пуршиддати иттилоот ва дониш асос ёфтааст. Гуфта мешавад, ки низоми муосири иқтисодӣ иқтисодиёти ба дониш асосёфта аст. Мо ба он таваҷҷуҳ мекунем, ки ташаккули иқтисодиёти ба дониш асосёфта низоми иқтисодиро аз шакли объективии азхудкунии ба ҷомеаи саноатӣ хос ба соҳаи субъективизми мунтазам меафзояд. Ин иқтисодиёти донишбунёдро на танҳо

аз иқтисодиёти саноатӣ, балки аз иқтисодиёти иттилоотӣ низ ба таври куллӣ фарқ мекунонад.

Дониш дар инсон ва пеш аз ҳама, дар сармояи зеҳнӣ таҷассум ёфта, дар натиҷаи ноил шудан ба сатҳи баланди зеҳнӣ зоҳир мегардад, ки на танҳо бо маълумот ва таҷрибаи ҷамъшуда, балки аксар вақт генетикаи инсон низ муайян карда мешавад. Дониш сирф фардӣ, хеле нодир аст ва на асос барои баробарӣ, балки табақабандии нави иҷтимоӣ мегардад.

Яке аз равишҳои фарогири арзёбии иқтисодиёти ба дониш асосёфта низоми нишондиҳандаҳои таҳиянамудаи кишварҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (OECD) мебошад. Ин низом имкон медиҳад, ки сатҳ ва тамоюли рушди кишварҳои узв аз рӯйи параметрҳои муқоисашаванда баҳогузорӣ карда шавад.

Дар доираи ин низом гурӯҳҳои асосии нишондиҳандаҳо чунин ҷудо карда мешаванд:

– рушди бахшҳои технологияҳои баланд ва ҳиссаи онҳо дар истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва хизматрасонӣ;

– фаъолияти инноватсионӣ ва ҳаҷми маҳсулоти илмталаб;

– даромад аз фурӯши маҳсулоти доништалаб;

– сармоягузорӣ ба соҳаи илм, таҳқиқот ва рушди технологияҳо;

– истеҳсол ва истифодаи таҷҳизоти иттилоотию коммуникатсионӣ, нармафзор ва хизматрасониҳои рақамӣ.

Барои ташаккули иқтисоди донишбунёд дар ҷомеа бояд заминаҳои институтсионалӣ ва иҷтимоии мувофиқ фароҳам оварда шаванд. Пеш аз ҳама, сатҳи баланди озодии иқтисодӣ, рушди институтҳои демократӣ, ҳифзи ҳуқуқи моликият ва дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ шароити мусоид барои рушди сармояи инсонӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро таъмин менамоянд.

Натиҷаи чунин равандҳо рушди устувори бозори миллӣ, баланд гардидани рақобатпазирии корхонаҳо, минтақаҳо ва дар маҷмуъ, иқтисоди миллӣ мебошад. Дар муҳити рақобатӣ корхонаҳо маҷбур мешаванд омилҳои истеҳсолии худро самаранок истифода намоянд. Бо расидан ба марҳилаи

муайяни рушд, афзалият тадриҷан аз захираҳои моддӣ ба дониш, навоварӣ ва иқтидори зеҳнӣ мегузарад.

Дарки аҳаммияти дониш ва инноватсия нахуст дар сатҳи соҳибкорӣ шакл гирифта, сипас ба сатҳи иҷтимоӣ ва сиёсати давлатӣ интиқол меёбад. Давлатҳое, ки ба рушди устувор талош мекунанд, дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии соҳаҳои илмталабро ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии худ табдил медиҳанд.

«Бозори дониш аз ҷиҳати сохторӣ фарогири бахшҳои гуногун мебошад: илм ва таҳқиқоти илмӣ, корҳои лоиҳакашӣ ва конструкторӣ, маориф ва хизматрасониҳои таълимӣ, васоити ахбори омма, захираҳои иттилоотӣ (китобхонаҳо, бойгониҳо, шабакаҳои иттилоотӣ) ва дигар инфрасохторҳои тавлид ва интиқоли дониш. Гарчанде ташкилотҳои фаъол дар ин соҳаҳо аз рӯйи шакл ва вазифаҳо гуногунанд, байни онҳо робитаҳои васеи ҳамгироии иттилоотӣ ва илмӣ мавҷуд аст» [115, с. 455].

Дар илми муосир барои арзёбии рушди иқтисоди донишбунёд якчанд равиш истифода мешавад. Масалан, В.Л. Макаров пешниҳод мекунад, ки чунин «...рушди иқтисодӣ дар асоси ду параметр баҳогузорӣ гардад:

1. Ҳаҷми хароҷот барои эҷод ва паҳн намудани дониш;
2. Арзиши бозории дониш ва маҳсулоти доништалаб» [92, с. 451].

Ҳамзамон, равиши муқоисавӣ низ мавҷуд аст, ки тибқи он нишондиҳандаҳои як кишвар бо кишварҳое муқоиса мешаванд, ки дар бунёди иқтисоди донишбунёд натиҷаҳои назаррас ба даст овардаанд.

Барои баҳодиҳии дақиқи рушди иқтисоди донишбунёд муайян намудани меъёрҳои андозагирии он аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Аксари муҳаққиқон се гурӯҳи асосии меъёрҳоро ҷудо мекунанд:

1. Меъёрҳои иқтисодӣ

Ин меъёрҳо тағйироти сохтории иқтисодро инъикос менамоянд. Д. Белл «...гузариш аз истеҳсоли мол ба густариши соҳаи хизматрасониро нишонаи ҷомеаи пасосаноатӣ меҳисобид» [21, с. 45]. Дар чунин шароит ҳиссаи соҳаҳои хизматрасонӣ, илм, маориф, молия ва идоракунӣ дар ММД

афзоиш меёбад. Муҳаққиқони муосир инчунин афзоиши ҳиссаи соҳаҳои технологияҳои баланд ва хизматрасониҳои зеҳнталабро нишондиҳандаи ташаккули иқтисоди донишбунёд медонанд.

2. Меъёрҳои технологӣ

Ин меъёрҳо ба сатҳи рушди техника ва технология такя мекунанд. Дар асарҳои Д. Белл, Э. Тоффлер ва дигарон рушди технологӣ ҳамчун асоси иқтисоди нав арзёбӣ шудааст. Онҳо таъкид менамоянд, ки «...ивазшавии маҷмуаҳои технологӣ ва навсозии доимии онҳо ба тағйироти амиқи сохтори иқтисодӣ оварда мерасонад. Имрӯз нишондиҳандаҳое чун паҳншавии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, шумораи компютерҳо, истифодабарандагони интернет ва сатҳи рақамисозӣ ҳамчун меъёри рушди иқтисоди донишбунёд истифода мешаванд» [21].

Ин гурӯҳ нақши сармояи инсонӣ ва сатҳи рушди иҷтимоиро инъикос менамояд. Дар иқтисоди донишбунёд инсон на танҳо тавлидкунандаи дониш, балки омили асосии рушди иқтисодӣ мебошад. Тағйироти иқтисодӣ ба сохтори иҷтимоӣ, тарзи зиндагӣ ва муносибатҳои ҷомеа низ таъсир мерасонад. Тавре ки Э. Тоффлер таъкид мекунад, «...гузариш ба парадигмаи нави рушд бо тағйироти амиқ дар шуур, муносибатҳои иҷтимоӣ ва арзишҳои ҷомеа ҳамроҳ мегардад» [59, с. 39].

Ҳамин тавр, дар асоси меъёрҳои иқтисодӣ, технологӣ ва иҷтимоӣ системаҳои муосири нишондиҳандаҳои рушди иқтисоди донишбунёд ташаккул меёбанд. Бо такя ба ин меъёрҳо метавон нишондиҳандаҳои асосиро гурӯҳбандӣ намуда, сатҳи ташаккул ва тамоюли рушди иқтисоди ба дониш асосёфтаро арзёбӣ кард.

«Яке аз равишҳои ҳамаҷониба барои чен кардани иқтисодиёти ба дониш асосёфта соли 2004 аз ҷониби Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ дар доираи Барномаи махсуси «Дониш барои рушд» пешниҳод шуда буд, ки бо номи назарияи K4D машҳур аст. Методологияи мазкур ба арзёбии қобилияти кишварҳо дар эҷод, инчунин, азхудкунӣ ва паҳн намудани дониш, инчунин,

чен кардани омодагӣ дар гузариш ба модели рушди ба дониш асосёфта бахшида шудааст» [62, с. 108].

**Ҷадвали 1.2. – Гурӯҳбандии нишондиҳандаҳо барои арзёбии сатҳи рушди иқтисоди ба дониш асосёфта**

| Меъёрҳо | Нишондиҳандаҳои баҳодиҳии иқтисоди ба дониш асосёфта |
|---|---|
| Иқтисодӣ | ММД ба ҳар сари аҳолӣ<br>Ҳиссаи соҳаҳои дорои технологияҳои баланд дар ММД-и кишвар Содироти маҳсулоти баландтехнологӣ<br>Шумораи патентҳо |
| Технологӣ | Шумораи телефонҳо ба ҳар 1 ҳазор аҳолӣ<br>Шумораи хатҳои асосии телефон ба ҳар 1 ҳазор аҳолӣ<br>Шумораи компютерҳо ба ҳар 1 ҳазор аҳолӣ<br>Шумораи Интернет-хостҳо ба ҳар 1 ҳазор аҳолӣ<br>Арзиши дастрасии Интернет дар сатҳи асосӣ<br>Хароҷоти илмӣ-пажуҳишӣ, таҷрибавӣ ва конструкторӣ<br>Шумораи нашрҳо дар маҷаллаҳои илмӣ-техникӣ ба ҳар 1 миллион нафар аҳолӣ<br>Шумораи одамоне, ки дар соҳаи илм ва технологияҳои баланд кор мекунанд |
| Иҷтимоӣ | Сатҳи бесаводӣ миёни калонсолон<br>Шумораи муштариёни алоқаи телефонӣ ба ҳар 10 ҳазор нафар аҳолӣ<br>Шумораи истифодабарандагони Интернет ба 10 ҳазор нафар аҳолӣ<br>Фоизи аҳолӣ бо малакаҳои асосии компютерӣ<br>Шумораи талабагон ба як муаллим<br>Шумораи компютерҳо ба ҳар 100 нафар хонанда<br>Маблағи умумии хароҷоти маориф ба ҳар сари аҳолӣ<br>Давомнокии миёнаи таҳсил |
| Давлатӣ | Шумораи сомонаҳои онлайнии давлатӣ дар Интернет<br>Мавҷудияти хизматрасониҳои давлатӣ дар Интернет<br>Истифодаи ТИК дар муассисаҳои давлатӣ |

**Сарчашма:** Шайбакова, Л.Ф. Теоретические основы повышения качества высшего образования в Республике Таджикистан. [Текст] / Л.Ф. Шайбакова, А. Джураева // Известия УрГЭУ 3 (25) 2009. - С.200-207.

Дар методологияи мазкур маҷмуи 76 нишондиҳандаро пешниҳод мекунанд, ки ин имкон медиҳад нишондиҳандаҳои инфиродии кишварҳои гуногун ва инчунин нишондиҳандаҳои миёнае, ки як гурӯҳи кишварҳоро тавсиф мекунанд, муқоиса карда шаванд. Маҷмуи асосии нишондиҳандаҳо 14 нишондиҳандаро дар бар мегирад, ки аз онҳо 2 нишондиҳандаи сатҳи

рушди иқтисодӣ (суръати миёнаи солонаи афзоиши ММД ва шохиси рушди инсон) ва 12 нишондиҳандаи чор блоки асосӣ аз қобили нишондиҳандаҳои ҷамъбастӣ, шохиси дониш ва шохиси иқтисодиёти донишбунёд мебошанд.

Шохиси дониш нишондиҳандаи маҷмуии иқтисодӣ барои арзёбии қобилияти кишвар дар эҷод, қабул ва паҳн кардани дониш, яъне як навъ нишондиҳандаи иқтидори умумии он барои рушди маҳсулоти зеҳнӣ мебошад. Вай иқтидори кишвар ё минтақаро дар робита бо иқтисоди дониш тавсиф мекунад.

Индекси дониш нишондиҳандаи миёнаи арифметикии холҳоест, ки давлат аз рӯйи се тағйирёбанда дар ҳар се самт дорад: маориф ва захираҳои инсонӣ, миқёси инноватсия ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ. Нишондиҳандаҳои вазъи умумии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ низ ба назар гирифта мешаванд.

Шохиси иқтисоди донишбунёд нишондиҳандаи ҳамаҷониба барои арзёбии самаранокии истифодаи дониш дар кишвар бо мақсади рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии он мебошад. Он сатҳи рушди кишвар ё минтақаро нисбат ба иқтисодиёти ба дониш асосёфта тавсиф мекунад.

Дар асоси ҳисобкунии шохиси иқтисоди донишбунёд бар асоси «Методологияи арзёбии дониш», ки аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ пешниҳод шудааст, робитаи мустақими байни ба истилоҳ «иктишоф»-и иқтисод ва рушди дарозмуддати устувори иқтисодӣ, инчунин, рақобатпазирии кишвар ба вуҷуд меояд. Ба истилоҳи дигар, яъне он давлатҳое, ки марҳилаи ибтидоии рушди иқтисодиётро танзим кардаанд, ба дониш маблағгузорӣ намуда, суръати баланду устувори рушдро нишон медиҳанд. Методология маҷмуи 109 нишондиҳандаи сохторӣ ва сифатиро дар бар мегирад, ки ба гурӯҳҳо муттаҳид шудаанд.

Шохиси иқтисоди донишбунёд, ба фарқ аз шохиси дониш, на тавонмандии кишварро арзёбӣ мекунад, балки то чӣ андоза муҳити зист дар ин ё он кишвар ба истифодаи муассири дониш дар рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад. Барои ин ба ғайр аз се гурӯҳи омилҳои дар боло номбаршуда

категорияи чорум – ҳавасмандгардонии иқтисодӣ ва реҷаи институтсионалӣ илова карда мешавад.

Ҳамин тариқ, шохиси иқтисодиёти донишбунёд нишондиҳандаи миёнаи арифметикии чор зершохис мебошад: ҳавасмандгардонии иқтисодӣ ва низоми институтсионалӣ; маориф ва тахассуснокӣ; зерсохтори иттилоотӣ; низоми инноватсионӣ. Ба ҳар як зершохис се нишондиҳанда бо вазни якхела дохил мешавад.




**Расми 1.1.** Сохтори шохисҳои дониш (KEI, KI)
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ҳамин тариқ, шохиси иқтисодиёти донишбунёд нишондиҳандаи миёнаи арифметикии чор зершохис мебошад: ҳавасмандгардонии иқтисодӣ ва низоми институтсионалӣ; маориф ва тахассуснокӣ; зерсохтори иттилоотӣ; низоми инноватсионӣ. Ба ҳар як зершохис се нишондиҳанда бо вазни якхела дохил мешавад (Расми 1.1.).

Барои фаҳмидани он ки чӣ гуна ташаккул ва рушди иқтисодиёти ба дониш асосёфта дар он ҷое, ки номутавозунӣ ба вуҷуд меояд, субъектҳои ҳудудии минтақавӣ дар заминаи берунии онҳо омӯхта шуда, муайян карда

мешаванд, ки онҳо то чӣ андоза маҳдуд мекунанд ё баръакс, роҳҳои алтернативаҳои рушди иқтисодиро дар кишвар мекушоянд.

Дар робита ба ин, дар Институти масъалаҳои рушди илми Академияи илмҳои Россия низоми нишондиҳандаҳо барои гузаронидани таҳлили ҳамаҷонибаи вазъият ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар Россия таҳия карда шудааст.

Як гурӯҳ муҳаққиқон, аз ҷумла академик В.Л. Макаров ва профессор А.Е. Варшавский [37, 90, 91, 92, 93, 68, 40, 31] пешниҳод менамоянд, ки иқтисодиёти донишбунёд аз ду ҷанба таҳлил карда шавад:

– аз ҷониби «воридот» (inputs), яъне захираҳо ва сармоягузориҳое, ки ба соҳаи дониш равона мегарданд;

– аз ҷониби «баромад» (outputs), яъне натиҷаҳои истеҳсолӣ ва иқтисодие, ки дар асоси истифодаи дониш ба даст меоянд.

Дар асоси чунин равиш як қатор нишондиҳандаҳои муқоисавӣ ҳисоб карда мешаванд, аз ҷумла:

– сатҳи дастгирӣ ва сармоягузорӣ ба бахши дониш (ба ҳиссаи фоизи ММД) нисбат ба сатҳи миёнаи кишварҳои пешсаф ё узви иттиҳодияҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд;
– сатҳи истифодаи дониш дар иқтисодиёт, ки тавассути ҳиссаи соҳаҳои доништалаб дар ММД ё саҳми арзиши иловашудаи онҳо муайян карда мешавад;
– дараҷаи мутаносибии рушди иқтисоди донишбунёд, яъне ҳамоҳангии байни сармоягузорӣ ба дониш ва натиҷаҳои бадастомада.

Дар сатҳи минтақавӣ усулҳои баҳодиҳии иқтисодиёти донишбунёдро метавон ба ду гурӯҳ ҷудо намуд:

1. Нишондиҳандаҳои интегралӣ (масалан, шохиси рушди иқтидори зеҳнӣ, шохиси иқтисоди донишбунёд ва монанди инҳо), ки маҷмуи омилҳоро дар як нишондиҳандаи умумӣ муттаҳид мекунанд;

2. Нишондиҳандаҳои инфиродӣ, ки ҷанбаҳои алоҳидаи рушди иқтисоди донишбунёдро инъикос менамоянд (масалан, ҳиссаи хароҷоти

тадқиқотӣ дар ММД, ҳаҷми пардохтҳои патентӣ, саҳми соҳаҳои технологияҳои баланд, ҳаҷми бозори иттилоот ва коммуникатсия ва ғайра).

Ҳар яке аз ин равишҳо афзалият ва маҳдудиятҳои худро дорад. Баҳодиҳӣ бо истифода аз як нишондиҳандаи алоҳида сода ва равшан аст, аммо танҳо як ҷанбаи рушдро нишон медиҳад. Баръакс, шохисҳои интегралӣ имкон медиҳанд, ки омилҳои гуногун ба назар гирифта шаванд, вале сохтани онҳо бо мушкилоти методологӣ алоқаманд аст: интихоби нишондиҳандаҳои асосӣ, асоснок намудани таркиби онҳо ва муайян кардани вазни нисбии ҳар як нишондиҳанда дар шохиси умумӣ.

Масъалаи муҳим дар ин замина ченкунии омилҳои сифатӣ ва дараҷаи рушди иқтисоди донишбунёд мебошад. Тарҷумаи мафҳумҳои назариявӣ ба нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сохтани системае, ки онҳоро ба таври воқеӣ инъикос намояд, вазифаи мураккаби илмӣ ба шумор меравад.

Одатан, иқтисоди донишбунёд ба чор пояи асосӣ такя мекунад [80, с. 30]:

1. Қувваи кории дорои сатҳи баланди маълумот ва малака;
2. Низоми самараноки инноватсионӣ;
3. Инфрасохтори муосири иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ;
4. Муҳити мусоиди иқтисодӣ ва институтсионалӣ.

Дар айни замон, барои ташаккули низоми нишондиҳандаҳое, ки сатҳи рушди иқтисоди донишбунёдро инъикос менамоянд, равишҳои гуногуни методологӣ истифода мешаванд. Ин гуногунӣ аз мураккабии худи падида ва зарурати дар бар гирифтани ҳам омилҳои миқдорӣ ва ҳам сифатӣ бармеояд.

Ҳамин тавр, методологияи Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд аз таҳлили 18 нишондиҳанда, аз ҷумла, саҳми бахши технологияҳои баланди иқтисодӣ дар истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ асос ёфтааст; афзоиши шумораи шахсоне, ки дар соҳаи илм ва технологияҳои баланд кор мекунанд; ҳаҷм ва сохтори сармояи венчурӣ ҳамчун манбаи асосии маблағгузории ширкатҳои нави дорои технологияҳои баланд; паҳншавии ТИК ва истифодаи

компютерҳои фардӣ, муайян кардани саҳми бахши ТИК дар афзоиши ҷойҳои корӣ ва шуғл ва дигар нишондиҳандаҳо.

Аз тарафи Институти Бонки ҷаҳонӣ методологияи баҳодиҳии иқтисодиёти дониш таҳия карда шудааст, ки ба хусусиятҳои ҷузъҳои асосии иқтисодиёти донишбунёд асос ёфтааст (ҷадвали 1.3).

**Ҷадвали 1.3. - Сохтори тағйирёбандаҳои шохиси Дониши Бонки Ҷаҳонӣ**

| Гурӯҳи тағйирёбандаҳо | Тағйирёбӣ |
|---|---|
| **Тағйирёбандаҳои умумӣ** | Суръати афзоиши солонаи ММД дар як сол (%). Шохиси рушди инсонии СММ |
| **Инноватсияҳо** | Маблағи умумии роялти ва пардохтҳои иҷозатнома, доллар, ба 1 миллион нафар аҳолӣ. Шумораи мақолаҳо дар журналҳои илмӣ-техникӣ (ба ҳисоби 1 миллион нафар аҳолӣ). Шумораи патентҳои аз ҷониби Идораи патентии ИМА додашуда ба 1 миллион нафар аҳолӣ |
| **Маориф** | Сатҳи саводнокии аҳолии калонсол (аз 15-сола боло), %<br>Шумораи умумии қабул ба маълумоти миёна, %<br>Дохилшавӣ ба таҳсилоти олӣ, % |
| **Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ** | Шумораи телефонҳо ба ҳар 1000 нафар аҳолӣ<br>Шумораи компютерҳо ба ҳар 1000 нафар аҳолӣ<br>Шумораи истифодабарандагони Интернет ба 1000 нафар аҳолӣ (воридшавӣ ба Интернет) |

**Сарчашма:** [132, с. 66]

Дар амалияи ҷаҳонӣ шумораи зиёди равишҳо мавҷуданд, ки имкон медиҳанд бевосита ё бавосита дар бораи динамикаи пешрафти кишварҳо ба иқтисодиёти ба дониш асосёфта ҳарф занем. Равишҳои мавҷударо метавон ба равишҳое тақсим кард, ки ҷанбаҳои асосии иқтисоди донишбунёдро арзёбӣ мекунанд (сармояи инсонӣ ва шароити ташаккули он, рушди устувор ва сифати зиндагӣ, сатҳи рушди инноватсионӣ ва рушди ТИК) ва равишҳое, ки дар умум бевосита бо омӯзиши иқтисодиёти ба дониш асосёфта алоқаманданд. Ба равишҳое, ки маҳакҳои асосии иқтисоди донишбунёдро меомӯзанд, пеш аз ҳама, шохиси сифати зиндагӣ, шохиси рушди инсонӣ ва шохиси пешрафти иҷтимоӣ дохил мешаванд.

Шохиси нисбатан маъруфтар ва истифодашаванда шохиси рушди инсонист, ки аз ҷониби СММ ҳисоб карда шудааст ва нишондиҳандаҳои дарозумрӣ, сатҳи зиндагӣ, саводнокӣ ва таҳсилотро дар бар мегирад.

Сармояи инсонӣ ва сатҳи некуаҳволӣ ҳар қадар баланд бошад, ҷомеа ба иқтисоди донишбунёд ҳамон қадар наздиктар мешавад.

Дар доираи консепсияи рушди устувор тасдиқ карда мешавад, ки иқтисодиёти донишбунёд бояд пеш аз ҳама, ба истифодаи беохири захираҳои табиӣ асос ёбад, аз ин рӯ, бояд шохиси некуаҳволии устувори иқтисодӣ ва маҳсулоти миллии «сабз» ва ММД-и «сабз»-ро ёдовар шуд.

Усули дигари ҷолиби муайян намудани рушди иқтисодиёти донишбунёд аз нуқтаи назари нишондиҳандаҳои самаранокӣ усули муайян кардани вазъи тадқиқот ва коркардҳо мебошад, ки аз тарафи Д.Т. Куракова [86, 87] таҳқиқ шудааст.

Алгоритми бисёрмеъёрӣ барои таҳлил ва муайян кардани ҷабҳаҳои пешрафт дар тадқиқоти илмӣ ба методика асос ёфтааст. Методика ба мо имкон медиҳад, дараҷаи навоварии ҷаҳонии технологияҳои мушаххаси таҳияшаванда ва дурнамои онро дар бозор муайян кунем ва ин, дар умум, имкони тасниф кардани ин ё он пажуҳиш ва коркардҳоро ба мақоми пешрафт ва сатҳи ҷаҳонӣ тасдиқ ё рад мекунад.

Дар байни усулҳои ченкунии сатҳи рушди ТИК мо шохиси омодагии шабакаро, ки аз тарафи Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ таҳия шудааст, қайд мекунем.

«Бо ташаккули дастгоҳи методологии иқтисодиёти донишбунёд, масъалаи ченкунии дараҷаи гузариш ба чунин навъи иқтисод аҳаммияти махсус пайдо намуд. Ин зарурат аз он бармеояд, ки дар шароити муосир иқтисоди ба дониш асосёфта ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятнок ва ҳатто алтернативаи асосии рушди иқтисодӣ барои бисёр кишварҳо баррасӣ мегардад» [81, с. 163].

Мушоҳидаҳои оморӣ, андозагирӣ ва арзёбии равандҳои марбут ба эҷод, паҳн ва истифодаи дониш барои таҳияи сиёсати самараноки иқтисодӣ аҳаммияти калон доранд. Аз ин рӯ, масъалаи ченкунии иқтисоди донишбунёд ва муайян намудани дараҷаи пешрафт ба он ба яке аз масъалаҳои калидии назария ва амалияи иқтисодӣ табдил ёфтааст. Омӯзиши равишҳои

методологии баҳодиҳӣ ба чунин равандҳо ҳам дар сатҳи ҷаҳонӣ ва ҳам дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ муҳим мебошад.

Азбаски дар низоми анъанавии ҳисобҳои миллӣ нишондиҳандаҳои мустақим вобаста ба «дониш» вуҷуд надоштанд, муҳаққиқон барои баҳодиҳии миқёси иқтисоди донишбунёд аз маълумоти даромади миллӣ ва сохтори ММД истифода намуданд. Яке аз аввалин кӯшишҳои илмӣ дар ин самт ба Ф. Мачлуп тааллуқ дорад. Мувофиқи ҳисобҳои ӯ, дар соли 1958 даромади кормандоне, ки дар соҳаи истеҳсол ва паҳнкунии дониш фаъолият мекарданд, тақрибан 29 фоизи ММД-и ИМА-ро ташкил додааст.

Навоварии Ф. Мачлуп дар он буд, ки ӯ мафҳуми «дониш»-ро васеъ шарҳ дод. Агар пештар дар адабиёти илмӣ асосан донишҳои илмӣ ба назар гирифта мешуданд, Ф. Мачлуп донишро ҳамчун маҷмуи иттилоот ва малакаҳое муайян кард, ки барои шахс ё ҷомеа аҳаммияти амалӣ доранд. Ин тафсири васеъ ба ӯ имкон дод, ки унсурҳои иқтисоди донишбунёдро берун аз доираи танҳо корҳои илмӣ-тадқиқотӣ муайян намояд.

Ӯ чор бахши асосии иқтисоди ба дониш асосёфтаро ҷудо кард [51, с.155]:

1. Маориф;
2. Корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ;
3. Васоити ахбори омма (медиа);
4. Бахши иттилоот [51, с. 155].

Маориф ҳамчун ҷузъи муҳимми паҳнкунии дониш на танҳо таҳсилоти расмӣ, балки шаклҳои ғайрирасмии омӯзишро низ дар бар мегирад. Корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ соҳаи асосии тавлиди дониш маҳсуб мешаванд. Бахши иттилоотӣ бошад, ҳам хизматрасониҳои иттилоотӣ ва ҳам технологияҳои иттилоотиро фаро мегирад.

Барои ченкунии ин бахшҳо Мачлуп аз нишондиҳандаҳое истифода бурд, ки берун аз доираи стандартии ҳисобҳои миллӣ қарор доштанд, аз ҷумла, шумораи китобҳо ва маҷаллаҳои нашршуда, шумораи патентҳо, сатҳи

истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, миқдори миёнаи солҳои таҳсил ва ғайра.

Ҳарчанд усули ӯ, ки ба таҳлили оморӣ такя мекард, имкони шарҳи пурраи «аҳаммияти нобаробар»-и бахшҳоро надод (масалан, ҳиссаи маориф дар ММД нисбат ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ хеле зиёдтар буд), аммо он заминаи муҳим барои рушди усулҳои миқдорӣ дар таҳқиқи иқтисоди донишбунёд фароҳам овард. Аҳаммияти методологии корҳои Мачлуп дар он зоҳир мегардад, ки ӯ нишон дод, ки ҳатто падидаҳои мураккаб ва гуногунҷанба, мисли иқтисоди донишбунёд, метавонанд дар асоси равиши агрегативӣ чен карда шаванд, яъне бо истифода аз маҷмуи нишондиҳандаҳои иқтисодии анъанавӣ (ММД, шуғл ва ғайра), ки ба бахшҳои дахлдор мансубанд.

Бо мурури замон усулҳои миқдорӣ дар таҳқиқи иқтисоди донишбунёд густариш ёфтанд. Масалан, Д. Белл, асосгузори назарияи ҷомеаи пасосаноатӣ, таъкид мекард, ки «...хусусияти асосии чунин ҷомеа афзоиши ҳиссаи шуғл дар бахши хизматрасонӣ мебошад. Ба андешаи ӯ, гузариш аз истеҳсоли мол ба рушди хизматрасонӣ нишондиҳандаи тағйироти сохтории иқтисод аст» [21, с. 96].

Дар айни замон, дар кишварҳои пешрафта, аз ҷумла Иёлоти Муттаҳидаи Амрико беш аз нисфи аҳолии шуғлдор дар бахши хизматрасонӣ фаъолият менамоянд ва қисми зиёди маҳсулоти миллӣ низ ба ҳамин бахш рост меояд [37, с. 18].

Гарчанде арзёбии «нархи дониш» танҳо бо истифода аз равиши хароҷотӣ маҳдуд аст, фаъолияти бозорӣ дар самти тавлид ва тақсимоти дониш бидуни чунин ҳисобу китобҳо ғайриимкон мебошад. Аз ин рӯ, ченкунии иқтисоди донишбунёд на танҳо масъалаи назариявӣ, балки воситаи муҳимми ташаккули сиёсати иқтисодӣ ба шумор меравад.

Ин ва бисьёр дигар хусусиятҳои муносибатҳои иқтисодии ҳозира равшан шаҳодат медиҳанд, ки ба низомҳои ҷамъиятии капиталистӣ дохил шудани иқтисодиёти ба дониш асосёфта мазмуни онро «тоза» карда, ба «шаффофкунонии» тамоюлҳои тараққиёти он халал мерасонад.

Мурочиат ба равиши ҷамъоварӣ як вокуниши табии олимон ба ин ҳолат аст. Гарчанде онҳо боварӣ доранд, ки далелҳои таҷрибавӣ муҳимманд, онҳоро зарур меоянд ба маълумоти омори мавҷуда барои тасдиқ ё инкори мавҷудияти иқтисоди донишбунёд мурочиат кунанд. Азбаски низомҳои расмии баҳисобгирии оморӣ ба нишондиҳандаҳои пулӣ ва табиӣ такя мекунанд, онҳо танҳо он қисми фаъолияти марбут ба донишро инъикос менамоянд, ки арзиши бозорӣ дорад ва дар гардиши иқтисодӣ ба қайд гирифта мешавад. Дар натиҷа, арзёбии оморӣ на тамоми раванди эҷод ва истифодаи дониш, балки танҳо ҷузъи «монетизатсияшуда»-и онро фаро мегирад. Аз ин рӯ, муҳаққиқоне, ки ба усулҳои миқдорӣ такя мекунанд, маҷбур мешаванд иқтисоди донишбунёдро дар доираи муносибатҳои иқтисодии ҳукмрон таҳлил намоянд. Дар чунин ҳолат иқтисоди донишбунёд бештар ҳамчун маҷмуи бахшҳои алоҳидаи фаъолият (маориф, илм, ТИК ва ғайра) баррасӣ мегардад, на ҳамчун як низоми мукаммал ва ҳамгиро. Мутаносибан, ҳаҷм ва миқёси он вобаста ба таркиби соҳаҳои интихобшуда ва нишондиҳандаҳои истифодашуда тағйир меёбад.

Норавшании дастгоҳи мафҳумӣ ва мавҷуд набудани меъёрҳои ягонаи системавӣ барои муайян кардани соҳаҳои марбут ба иқтисоди донишбунёд то андозае ба густариши васеи ин мафҳум ҳамчун заминаи таҳлили тағйироти иҷтимоию иқтисодӣ монеъ гардидааст.

Бо вуҷуди ин, таҳқиқоти марбут ба шохисҳои иқтисоди донишбунёд нақши омилҳои калидиро дар баҳодиҳии рушди иқтисоди нав нишон медиҳанд. Масалан, методологияи Бонки ҷаҳонӣ равиши нисбатан фарогирро пешниҳод менамояд, ки ба маҷмуи нишондиҳандаҳои омории асосӣ такя мекунад. Тибқи ин равиш, кишварҳо аз рӯйи сатҳи рушди иқтисоди донишбунёд ба гурӯҳҳо ҷудо мешаванд:

– «марказ» – кишварҳое, ки сатҳи баланди рушди дониш ва муҳити мусоиди институтсионалӣ доранд;

– «нимпериферия» – кишварҳое, ки дорои иқтидори муайяни донишанд, аммо низоми институтсионалӣ ва иқтисодии онҳо ҳанӯз пурра такмил наёфтааст;

– «периферия» – кишварҳое, ки ҳам сатҳи рушди дониш ва ҳам муҳити институтсионалии онҳо паст арзёбӣ мешавад.

Дар доираи шохисҳои аврупоӣ таваҷҷуҳ бештар ба ҳамоҳангии умумии сиёсати иқтисодӣ дар Иттиҳоди Аврупо равона шудааст. Азбаски «қоидаҳои бозӣ» дар ин фазо то андозае ягона мебошанд, фарқияти институтсионалӣ байни давлатҳо камтар ба натиҷаҳои умумӣ таъсир мерасонанд. Дар айни замон, ба рушди фаъолияти инноватсионӣ ҳам аз ҷониби давлат ва ҳам аз ҷониби бахши хусусӣ аҳаммияти хосса дода мешавад.

Шохиси амрикоӣ бошад, бештар ба ҳамгироии тавлид ва истифодаи дониш дар фаъолияти иқтисодӣ такя мекунад ва афзалиятҳоро аз рӯйи самаранокии истифодаи дониш дар бозор муайян менамояд.

Аз ин рӯ, ҳангоми таҳлили механизмҳои баҳодиҳии рушди иқтисоди донишбунёд зарур аст ба назар гирифта шавад, ки давлат дар сиёсати инноватсионии худ кадом ҳадафҳо ва вазифаҳоро пешбинӣ менамояд. Илова бар ин, хусусиятҳои миллӣ ва сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии ҳар як кишвар бояд ба эътибор гирифта шаванд.

Дар кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил таҳқиқоти миқдорӣ дар соҳаи иқтисоди донишбунёд ҳанӯз дар марҳилаи ибтидоӣ қарор доранд, ки ин бештар ба сатҳи нокифояи таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ дар ин самт вобаста аст.

Дар таҳқиқоти минбаъда истифодаи таҷрибаи мусбати методологияҳои байналмилалӣ бо дарназардошти хусусиятҳои миллӣ ва такмили нишондиҳандаҳо мақсаднок мебошад.

Дар маҷмуъ, рушди иқтисоди донишбунёд имрӯз, пеш аз ҳама, бо пешрафти илму техника алоқаманд аст. Ҳамгироии илм ва иқтисод бояд дар ду самти асосӣ амалӣ гардад. Самти аввал ба рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ марбут мебошад, ки онҳо имконият медиҳанд

равандҳои тиҷоратӣ бо усулҳои нав ташкил гардида, тамоми соҳаҳои иқтисодиро дигаргун созанд. Дар чунин шароит технологияҳои иттилоотӣ ба ҷузъи ҷудонашавандаи фаъолияти ширкатҳо табдил ёфта, шаклҳои нави ҳамкорӣ бо мизоҷон ва шарикон, аз ҷумла, моделҳои тиҷорати рақамӣ ва худхизматрасонӣ, ташаккул меёбанд.

## 1.3. Таҷрибаи хориҷии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити ташаккулёбии ҷомеаи саноатикунонӣ

Дар даҳсолаи охир иқтисодиёти ҷаҳон таҳти таъсири як қатор омилҳои ноустуворкунанда қарор гирифт. Аз як тараф, буҳронҳои молиявию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, аз ҷониби дигар, паёмадҳои пандемияи коронавирус кишварҳоро водор сохт, ки ба таҷдиди сиёсати иқтисодӣ ва ҷустуҷӯи моделҳои нави рушд рӯ оваранд. Ин равандҳо зарурати гузариш ба шаклҳои муосири иқтисодиётро, ки ба дониш, технология ва инноватсия такя мекунанд, боз ҳам тақвият бахшиданд. Яке аз чунин самтҳои афзалиятнок ташаккули иқтисодиёти донишбунёд мебошад, ки махсусан дар давлатҳои саноатии пешрафта фаъолона рушд ёфта, кишварҳои рӯбатараққӣ низ тадриҷан барои гузариш ба он тадбирҳои зарурӣ меандешанд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ масъалаи мазкур аҳаммияти стратегӣ дошта, таҳияи механизми мувофиқи гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд бо дарназардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ зарур мебошад.

Дар марҳилаи муосир сохтори омилҳои таъсиррасон ба рушди иқтисодӣ ба таври назаррас тағйир ёфтааст. Агар қаблан захираҳои табиӣ ва сармояи моддӣ нақши асосӣ мебозиданд, имрӯз дониш, технологияҳои иттилоотӣ ва сармояи инсонӣ ба омилҳои калидии рушд табдил ёфтаанд. Иқтисодиёти донишбунёд ҳамчун низоми нави фаъолияти хоҷагидорӣ шароит фароҳам меорад, ки сатҳи баланди рушди иҷтимоию иқтисодӣ таъмин гардад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки моделҳои муосири иқтисодиёти донишбунёд дар давлатҳои Иттиҳоди Аврупо, ИМА, Чин ва дигар кишварҳои пешрафта ташаккул ёфтаанд. Кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар марҳилаи гузариш ба чунин модел қарор доранд.

«Дар кишварҳои Аврупои Ғарбӣ, Шимолӣ ва Марказӣ, ки дорои иқтисодиёти нисбатан хурд мебошанд, давлат сиёсати фаъолонаи дастгирии инноватсияро пеш мебарад. Чораҳои мустақим ва ғайримустақим барои ҳавасмандгардонии стартапҳо, корхонаҳои хурду миёна ва ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба соҳаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ васеъ истифода мешаванд. Аз ҷумла, имтиёзҳои андозӣ барои маблағгузории таҳқиқоти илмӣ, дастгирии тадқиқоти муштарак байни бахши хусусӣ ва муассисаҳои илмӣ, рушди сармоягузории венчурӣ, пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ва кафолатҳои давлатӣ ба лоиҳаҳои инноватсионӣ аз тадбирҳои муҳим ба ҳисоб меравандд» [73, с. 96].

Набудани захираҳои фаровони табиӣ, ба мисли нафту газ, кишварҳои Иттиҳоди Аврупоро водор сохт, ки рушди иқтисоди донишбунёдро ҳамчун роҳи асосии таъмини рақобатпазирӣ интихоб намоянд. Гузариш ба чунин иқтисод тавассути татбиқи сиёсати мутобиқ ба талаботи ҷомеаи иттилоотӣ, таъмини шуғли баланд ва таҳкими ҳамбастагии иҷтимоӣ амалӣ мегардад.

«Дар доираи Иттиҳоди Аврупо як қатор барномаҳои стратегӣ қабул шудаанд, ки ба рушди иқтисодиёти донишбунёд равона гардидаанд. Аз ҷумла, барномаи «Аврупо 2020» ба ташаккули иқтисодиёт, ки ба дониш ва инноватсия асос ёфтааст, нигаронида шудааст; барномаи «Уфуқи 2020» низоми нави сармоягузорӣ ба таҳқиқот ва инноватсияро пешниҳод менамояд. Ҳадафи асосии ин стратегияҳо табдил додани иқтисоди Иттиҳоди Аврупо ба яке аз иқтисодҳои рақобатпазиртарини ҷаҳон буд» [20, с. 72].

Дар доираи «Аврупо 2020» се афзалияти асосӣ муайян гардидааст:

– рушди оқилона (иқтисоди ба дониш ва инноватсия асосёфта);

– рушди устувор (иқтисоди захиратапаб ва аз ҷиҳати экологӣ масъул);

– рушди фарогир (иқтисоди бо сатҳи баланди шуғл ва ҳамбастагии иҷтимоӣ).

«Таҷриба нишон медиҳад, ки сатҳи баланди хароҷоти иҷтимоӣ дар кишварҳои аврупоӣ ба сустшавии рушди иқтисодӣ намеорад, балки баръакс, заминаи устувори рушди дарозмуддатро фароҳам месозад. Пешсафии Нидерланд дар соҳаи компютерикунонӣ, Шветсия дар густариши интернет ва Дания дар рушди технологияҳои иттилоотӣ аз самаранокии чунин сиёсат шаҳодат медиҳад» [24, с. 25].

Стратегияи «Аврупо 2020» ба рушди иқтисодиёти инноватсионӣ мусоидат намуда, барои истеҳсоли маҳсулоти дорои арзиши баланди иловашуда шароити мусоид фароҳам овард.

«Шветсия ҳамчун яке аз намунаҳои муваффақи гузариш ба иқтисоди донишбунёд арзёбӣ мешавад. Дар нимаи аввали асри XX ин кишвар бо мушкилоти ҷиддии иҷтимоию иқтисодӣ рӯ ба рӯ буд. Бо вуҷуди ин, таваҷҷуҳи пайгирона ба рушди маориф, илм, технология ва сиёсати иҷтимоии фарогир имкон дод, ки аз солҳои 1960 болоравии устувори иқтисодӣ ба даст оварда шавад. Дар натиҷа, Шветсия аз як кишвари аграрии нисбатан камбизоат ба давлати пешрафтаи постиндустриалӣ табдил ёфт, ки дорои сатҳи баланди маҳсулнокии меҳнат, тахассуси қувваи корӣ ва рақобатпазирии байналмилалӣ мебошад» [39, с. 74].

Ин таҷриба нишон медиҳад, ки гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд натиҷаи сиёсати дарозмуддат ва ҳамгироии муассир байни давлат, бахши хусусӣ ва низоми илмӣ - маориф мебошад.

Ҳамзамон, яке аз омилҳои асосии рушди устувори иқтисодиёти Шветсия, ки сатҳи баланди рақобатпазирии байналмилалии онро таъмин менамояд, ташаккули иқтисоди инноватсионии пешрафта ва низоми миллии самараноки инноватсионӣ мебошад.

Ин, пеш аз ҳама, ба сиёсати фаъолонаи давлат ва бахши хусусӣ дар самти маблағгузории корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ вобаста аст. Афзоиши мунтазами сармоягузорӣ ба соҳаи таҳқиқот ва рушд

заминаи мустаҳками технологӣ ва инноватсионии иқтисоди кишварро фароҳам овардааст.

Тибқи маълумотҳо, агар дар соли 2005 ҳиссаи харољот ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар ММД 1,97 фоизро ташкил медод, то соли 2015 ин нишондиҳанда ба 2,23 фоиз расонида шуд. Ин афзоиш шаҳодат медиҳад, ки рушди илм ва инноватсия ҳамчун афзалияти стратегии сиёсати иқтисодии кишвар баррасӣ мегардад.

Ин тамоюл ифодакунандаи ҳадафи мамлакатҳои пешрафта барои ташаккули иқтисоди инноватсионӣ ба шумор меравад.

Яке аз дастовардҳои Шветсия дар самти гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд ин ба узвияти он ба Иттиҳоди Аврупо дар соли 1995 алоқаманд аст, ки он боиси баҳрабардор шудани он намудҳои гуногуни субсидияҳо гардид. Ба шарофати татбиқи ҳама ҳадафҳои пешбинишудаи рушди минтақавӣ, ҷаҳонишавӣ, либерализатсияи савдои байналмилалӣ ва пешрафти технологӣ, модели иқтисодии Шветсия дар тули 20 соли охир тағйироти бузургро аз сар гузаронид.

Дар соли 2004 ҳукумат стратегияи «Шветсияи инноватсионӣ»-ро таҳия кард, ки маҷмӯи тамоми тадбирҳоро оид ба ҳавасмандгардонии рушди шиддатёбии иқтисодиёти инноватсионӣ фаро мегирад. Стратегияи мазкур комёбиҳои минбаъдаро дар рушди инноватсионии кишвар пешакӣ муайян кард. Бо татбиқи стратегияи «Шветсияи инноватсионӣ» давлат тавонист сармоягузорӣ ба соҳаи илм ва корҳои илмӣ-тадқиқотиро ба таври назаррас афзоиш диҳад. Дар соли 2012 ҳукумати Шветсия стратегияи дарозмуддати «Роҳ ба иқлими инноватсионии сатҳи ҷаҳонӣ – 2020»-ро қабул намуд, ки идомаи мантиқии барномаи умумиаврупоии «Аврупо 2020» ба ҳисоб меравад. Ин стратегия ба таҳкими иқтидори илмӣ-технологӣ, рушди муҳити мусоиди соҳибкорӣ ва густариши ҳамкории байни илм ва истеҳсолот равона гардида буд.

Рушди иқтисоди инноватсионии Шветсия дар муқоиса бо бисёр кишварҳои Иттиҳоди Аврупо воқеан динамикӣ арзёбӣ мегардад. Сиёсати

пайгиронаи давлат дар самти ташаккули иқтисоди донишбунёд, идоракунии самараноки минтақавӣ ва мавҷудияти заминаи пурқуввати тадқиқотӣ боис гардид, ки дар кишвар шумораи зиёди ширкатҳои дорои сатҳи баланди технологӣ ва трансмиллӣ ташаккул ёбанд. Ин омилҳо ба таҳкими мавқеи рақобатпазири Шветсия дар иқтисоди ҷаҳонӣ мусоидат намуданд.

Яке аз пояҳои асосии чунин рушд сатҳи баланди маълумотнокии аҳолӣ мебошад. Сармоягузории мунтазам ба маориф ва илм боиси ташаккули фарҳанги омӯзиш, тадқиқот ва рушди қобилиятҳои эҷодӣ гардидааст. Тибқи маълумотҳо, зиёда аз «...51,3 фоизи аҳолии синни 30-34-сола дорои таҳсилоти олӣ мебошанд ва танҳо 7,1 фоиз аз таҳсил дар муассисаҳои олӣ берун мондаанд» [45, с. 32].

Консепсияи «иқтисодиёти таҳсилот», ки аз ҷониби иқтисодчиёни Дания пешниҳод шудааст, низ ба баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва сатҳи зиндагӣ дар кишварҳои дорои сатҳҳои гуногуни рушди технологӣ равона мебошад. Ин консепсия махсусан барои давлатҳои дорои иқтисоди хурд ва захираҳои маҳдуди табиӣ аҳаммият дорад, ки метавонанд бо такя ба сармояи инсонӣ ва сатҳи баланди маориф мавқеи худро дар бозори ҷаҳонӣ таҳким бахшанд.

Барои нигоҳ доштани бартарии рақобатӣ, кишварҳои аврупоии дорои иқтисоди кушод хароҷотро ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ аз ҳисоби сарчашмаҳои давлатӣ ва хусусӣ мунтазам зиёд менамоянд. Онҳо паркҳои илмӣ ва технологиро таъсис медиҳанд, ки натиҷаҳои илмиро ба ноу-хау, технология ва маҳсулоти дорои арзиши баланди иловашуда табдил медиҳанд. Ҳамзамон, муҳити мусоиди соҳибкорӣ ташаккул дода мешавад, ки фаъолияти инноватсионии ширкатҳои миллӣ ва хориҷиро ҳавасманд месозад.

Таҷрибаи мазкур нишон медиҳад, ки рушди иқтисоди донишбунёд дар кишварҳои дорои иқтисоди хурд низ имконпазир аст, агар сиёсати давлатӣ ба рушди сармояи инсонӣ, илм ва инноватсия равона гардида бошад.

Нишондиҳандаи асосие, ки сатҳи рушди инноватсионии иқтисодиётро тавсиф мекунад, сатҳи donишталабии ММД ба ҳисоб меравад. Ин

нишондиҳанда яке аз нишондиҳандаҳои асосии арзёбикунии самаранокии татбиқи стратегияи пешсафии иқтисоди Иттиҳоди Аврупо «Аврупо 2020» мебошад. Аз рӯйи ин нишондиҳанда Кореяи Ҷанубӣ дар арсаи ҷаҳонӣ пешсаф мебошад. Дар соли 2016, танҳо дар ду кишвари Иттиҳоди Аврупо (Шветсия ва Финляндия) сатҳи илмталабии ММД аз 3% баландтар буд, ки он бо суръати баланди рушди иқтисодиёти ин мамлакатҳо алоқаманд буд.

Сармоягузорӣ ба соҳаи илм ва таҳқиқот дар кишварҳои пешрафта ҳамчун пояи асосии рушди устувори иқтисодӣ ва ташаккули иқтисодиёти донишбунёд арзёбӣ мегардад. Маҳз тавассути афзоиши хароҷот ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ ин кишварҳо тавонистанд бозорҳои ҷаҳониро бо маҳсулот ва хизматрасониҳои инноватсионӣ таъмин намуда, мавқеи устувори геоиқтисодӣ ва геосиёсӣ касб намоянд.

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки давлатҳои узви Иттиҳоди Аврупо ба рушди иҷтимоӣ ва танзими давлатии иқтисодиёт таваҷҷуҳи махсус медиҳанд. Аз таҷрибаи онҳо метавон хулоса баровард, ки ташаккули иқтисодиёти донишбунёд, пеш аз ҳама, ба ду нишондиҳандаи калидӣ такя мекунад:

– сатҳи хароҷот ба соҳаи маориф;

– дараҷаи илмталабии ММД (ҳиссаи хароҷот ба таҳқиқот ва рушд дар ММД).

«Нишондиҳандаҳои баландтарини сармоягузорӣ ба илм дар ҷаҳон ба кишварҳое чун Исроил (4,3%), Кореяи Ҷанубӣ (4,2%) ва Ҷопон (3,3%) рост меояд. Таҷрибаи байналмилалӣ собит менамояд, ки кишварҳое, ки иқтисодиёти инноватсионӣ ва низоми миллии самараноки инноватсиониро ташаккул медиҳанд, дар рақобати ҷаҳонӣ бартариҳои устувор ба даст меоранд. Ин омил яке аз шартҳои асосии рушди давлатҳо дар асри технологияҳои баланд ба ҳисоб меравад» [79, с. 60].

**Ҷадвали 1.4. - Ҳиссаи хароҷот барои тадқиқот ва коркард дар ММД дар як қатор мамлакатҳои ҷаҳон ва ИДМ**

| Мамлакатҳо | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 |
|---|---|---|---|---|---|
| Исроил | 4,62 | 4,76 | 5,08 | 5,35 | 5,83 |
| Кореяи Ҷанубӣ | 4,29 | 4,52 | 4,63 | 4,80 | 5,20 |
| Белгия | 2,67 | 2,86 | 3,16 | 3,46 | 4,23 |
| ИМА | 2,91 | 3,01 | 3,17 | 3,42 | 4,16 |
| Австрия | 3,06 | 3,09 | 3,13 | 3,19 | 3,27 |
| Ҷопон | 3,17 | 3,22 | 3,21 | 3,27 | 3, 36 |
| Шветсария | 3,07 | 3,09 | 3,19 | 3,19 | 3,21 |
| Олмон | 3,05 | 3,11 | 3,17 | 3,11 | 3,19 |
| Дания | 2,93 | 2,97 | 2,90 | 2,97 | 3,21 |
| Финландия | 2,73 | 2,76 | 2,80 | 2,91 | 2,98 |
| ҶХЧ | 2,12 | 2,14 | 2,24 | 2,41 | 2,54 |
| Франсия | 2,20 | 2,20 | 2,19 | 2,35 | 2,47 |
| Федератсияи Россия | 1,11 | 0,99 | 1,04 | 1,09 | 1,13 |
| Гурҷистон | 0,27 | 0,28 | 0,28 | 0,30 | 0,35 |
| Озорбойҷон | 0,18 | 0,18 | 0,20 | 0,22 | 0,21 |
| Қазоқистон | 0,13 | 0,12 | 0,12 | 0,13 | 0,16 |
| Узбекистон | 0,15 | 0,12 | 0,11 | 0,14 | 0,13 |
| Молдова | 0,25 | 0,25 | 0,24 | 0,23 | 0,23 |
| Украина | 0,45 | 0,47 | 0,43 | 0,40 | 0,29 |
| Тоҷикистон | 0,11 | 0,09 | 0,09 | 0,09 | 0,09 |
| Қирғизистон | 0,11 | 0,10 | 0,09 | 0,09 | 0,09 |
| Давлатҳои минтақаи евро | 2,21 | 2,25 | 2,29 | 2,35 | 2,42 |
| Иттиҳоди Аврупо | 2,17 | 2,21 | 2,25 | 2,31 | 2,35 |
| Ҷаҳон | 2,14 | 2,20 | 2,34 | 2,55 | 2,59 |

**Сарчашма:** [15]

Тибқи маълумоти Бонки Ҷаҳонӣ, дар соли 2020 ҳаҷми умумии хароҷот ба таҳқиқот ва рушд дар ҷаҳон ба ҳисоби миёна 2,55 фоизи ММД-и ҷаҳониро ташкил додааст. Дар байни кишварҳо сатҳи баландтарини ин нишондиҳанда ба Исроил (5,35%), Кореяи Ҷанубӣ (4,80%), Белгия (3,46%), ИМА (3,42%), Австрия (3,19%), Ҷопон (3,27%) ва Шветсария (3,19%) рост меояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, ин нишондиҳанда тақрибан 0,9 фоизи ММД-ро ташкил медиҳад, ки зарурати тақвияти сиёсати дастгирии илм ва инноватсияро нишон медиҳад.

Яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми рушди иқтисодӣ ва иқтидори зеҳнии кишвар сатҳи фаъолияти патентӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз шумораи

дархостҳо ба патент, бақайдгирии ихтироот ва мавҷудияти патентҳои амалкунанда дараҷаи фаъолият ва самаранокии низоми инноватсионии давлатро инъикос менамоянд. Солҳои охир дар миқёси ҷаҳонӣ афзоиши назарраси шумораи дархостҳои патентӣ ва моделҳои муфид мушоҳида мегардад, ки ин аз тақвияти рақобати технологӣ байни кишварҳо шаҳодат медиҳад.

Аз рӯйи шумораи дархостҳои пешниҳодшуда, патентҳои гирифташуда ва махсусан патентҳои фаъол, кишварҳое чун Чин, ИМА, Олмон, Ҷопон ва Кореяи Ҷанубӣ дар сафи пеш қарор доранд. Чин дар солҳои охир ба яке аз пешсафони ҷаҳонӣ дар соҳаи инноватсия табдил ёфта, мавқеи худро дар бозори технологияҳои баланд мустаҳкам намудааст.

Дар байни кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил нишондиҳандаҳои нисбатан беҳтари фаъолияти патентӣ ба Россия (ҷойи 7-ум), Украина (ҷойи 23-юм), Беларус (ҷойи 38-ум) ва Қазоқистон (ҷойи 42-юм) рост меоянд. Ин нишон медиҳад, ки рушди низоми патентӣ ва ҳифзи моликияти зеҳнӣ яке аз шартҳои муҳимми ташаккули иқтисоди донишбунёд мебошад.

Дар миёни давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон таҷрибаи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар ташаккул ва рушди иқтисодиёти донишбунёд таваҷҷуҳи махсусро ҷалб менамояд. Тайи чанд даҳсола рушди устувори иқтисодии ИМА бо ташаккули иқтисоди ба дониш асосёфта иртиботи зич дорад. Иқтисоди донишбунёд яке аз самтҳои стратегии рушди ин кишвар ба шумор рафта, мавқеи онро дар арсаи байналмилалӣ таъмин менамояд.

Яке аз омилҳои калидии ташкили чунин иқтисод дар ИМА рушди ҳамаҷонибаи низоми маориф, махсусан таълими илмӣ-техникӣ ва ташаккули сармояи инсонии рақобатпазир мебошад. Дар солҳои 1950-1960 дар ИМА назарияи сармояи инсонӣ ташаккул ёфт, ки дар он аҳаммияти сармоягузорӣ ба таҳсилот, рушди малака ва қобилияти эҷодии инсон ҳамчун омили асосии рушди иқтисодӣ асоснок карда шуд [11].

Ин масъала аз ҷониби В.П. Супян мавриди таҳқиқи амиқ қарор гирифта, ӯ саҳми сармояи инсониро дар афзоиши истеҳсолот ва баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат ба таври назариявӣ асоснок намуд. «Назарияи сармояи инсонӣ минбаъд ба яке аз заминаҳои муҳими ташаккули иқтисоди донишбунёд табдил ёфт» [11].

Маҳз иқтисодчиёни амрикоӣ бори аввал масъалаи нақши сармоягузориро дар сармояи инсонӣ ба миён гузошта, аҳаммияти махсуси таҳсилот ва илмро барои рушди иқтисодӣ собит карданд, ки барои бунёди иқтисодиёти донишбунёд дар ИМА нақши муҳимро гузошт. Бояд гуфт, ки ИМА кайҳо боз дар қатори кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон қарор дорад, ки дар он аҳаммияти бунёдии соҳаи маориф ва илм, ки инфрасохтори иқтисодиёти донишбунёдро ифода менамояд, барои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар дарк кардаанд. «ИМА яке аз кишварҳоест, ки ҳанӯз дар ибтидои асри XX таҳсилоти миёнаи умумиро ҷорӣ кард. Дар мамлакат аз асри X1X инҷониб шабакаҳои донишгоҳҳову коллеҷҳои серсоҳаи чи хусусӣ ва чи давлатӣ ташкил ёфт. Ба ғайр аз таълими расмӣ, дар асри XX тайёр кардани кадрҳо дар бахши хусусии иқтисодиёт, махсусан, дар корпоратсияҳои калон босуръат инкишоф ёфт, низоми муассисаҳои таълимии давлатии касбӣ-техникӣ барои тайёр кардан ва бозомӯзии кадрҳо, аз ҷумла ҷавонон ва бекорон низ ба вуҷуд оварда шуданд. Ҳавасмандгардонии васеи инкишофи маълумоти олии касбӣ дар ИМА инкишофи инқилоби илмию техникӣ, рақобати иқтисодӣ ва ҳарбию техникӣ бо собиқ ИҶШС гардид» [11].

Барои таҳсил дар Иёлоти Муттаҳида маблағҳои калон ҷудо мешаванд. Ҳамин тариқ, хароҷоти давлатӣ ва хусусӣ ба соҳаи маориф дар солҳои 80-90-уми асри 20 ба таври назаррас 70% афзоиш ёфт ва дар соли 2007 972 миллиард доллар ё тақрибан 7,5% ММД-ро ташкил дод, ки аз хароҷоти солонаи ИМА ба мақсадҳои ҳарбӣ (660 доллар) – дар он замон тақрибан 5,0% ММД зиёд буд. Аз рӯйи ҳиссаи хароҷоти маориф дар ММД ИМА аз дигар кишварҳо пеш аст: дар Иёлоти Муттаҳида дар соли 2007 7,0% ММД, дар

Дания 7%, Норвегия 6,6%, дар Британияи Кабир 6,1 фоиз, дар Германия 5,3 фоизро ташкил доданд.

Илова ба дастгирии молиявӣ, соҳаи маориф дорои захираҳои зиёди кадрӣ ва ботаҷриба мебошад. Инҳо, чун қоида, донишгоҳҳои бениҳоят бонуфузанд, ки дар рейтинги донишгоҳҳо на танҳо дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, балки дар ҷаҳон мавқеи пешқадамро ишғол кардаанд.

Бо вуҷуди ин, «Федератсияи Россия аз рӯйи сохтори сармояи ҷамъшуда, ки ба ҷомеаи индустриалӣ хос аст ва 72% сармояи ҷамъшуда ба сармояи табиӣ, 14% ба сармояи ҷисмонӣ ва танҳо 14% ба сармояи инсонӣ хос аст, заминаи аввалия дар ин мамлакат дар самти таъсиси иқтисодиёти донишбунёд гузошта шудааст. Сармояи ташаккулёфтаи инсонӣ дар Федератсияи Россия дорои бартарияти нисбӣ буда, ба меъёрҳои ҷаҳонии сифат ҷавобгӯ мебошанд» [96, с. 98]. Аммо таҳқиқи нишондиҳандаҳои омории тавсифкунандаи вазъ дар Федератсияи Россия нишон медиҳанд, ки он нисбат ба нишондиҳандаҳои давлатҳои мутараққии саноатӣ хело паст аст. Барои мисол, новобаста аз оне ки ба Федератсияи Россия 2,5%-и аҳолии ҷаҳон, 2,5 % ММД-и ҷаҳон рост меояд, дар ин мамлакат ҳиссаи хароҷот барои таҳқиқот ва ихтироот ҳамагӣ 1%-ро аз ҳаҷми ҷаҳонии он ташкил медиҳад. Дар Федератсияи Россия тақрибан 1,6% ММД ба истеҳсоли дониш сармоягузорӣ мешавад, дар ҳоле ки ин нишондиҳанда дар давлатҳои узви Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд тақрибан ба 5% баробар аст. Аз ин рӯ, хулоса намудан мумкин аст, ки дар асоси нишондиҳандаҳои зикршуда мавқеи Федератсияи Россия имрӯзҳо аз сатҳи миёнаи ҷаҳонии дастгирии иқтисодиёти донишбунёд 3 маротиба пасттар мебошад.

Дар баробари ин, тибқи қариб ҳамаи рейтингҳои инноватсионӣ, дар охири соли 2023 Россия аз кишварҳои даҳгонаи пешсаф (Швейтсария, Шветсия, ИМА, Британияи Кабир, Сингапур, Финляндия, Нидерланд ва Олмон) ба таври назаррас қафо мондааст ва аз рӯйи шохиси ҷаҳонии инноватсия дар ҷойи 51-ум меистад. Аз рӯйи ин Шохис Ҷумҳурии

Тоҷикистон мавқеи 111-умро ишғол менамояд, ки зарурати қабули тадбирҳои ҷадидро дар самти тағйирдиҳии он тақозо менамояд.

**Ҷадвали 1.5. Рейтинги як қатор давлатҳои ҷаҳон аз рӯйи шохиси инноватсия**

| Мавқеъ | Давлатҳо | Шохис | Мавқеъ | Давлатҳо | Шохис |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Шветсария | 67.6 | 10 | **Кореяи Ҷанубӣ** | 58.6 |
| 2 | Шветсия | 64.2 | 11 | **Фаронса** | 56.0 |
| 3 | ИМА | 63.5 | 12 | **Чин** | 55.3 |
| 4 | Британияи Кабир | 62.4 | 51 | **Россия** | 33.3 |
| 5 | Сингапур | 61.5 | 80 | **Белорус** | 26.8 |
| 6 | Финляндия | 61.2 | 81 | **Қазоқистон** | 26.7 |
| 7 | Нидерланд | 60.4 | 82 | **Узбекисттон** | 26.2 |
| 8 | Олмон | 58.8 | 106 | **Қирғизистон** | 20.2 |
| 9 | Дания | 58.7 | 111 | Тоҷикистон | 18.3 |

**Сарчашма:** Международная политика в области образования: Меморандум для глав исполнительных департаментов и агентств. [Электронный ресурс]. - URL:http://sci.informika.ru/text/magaz/newpaper/messedu/cour0089/1900.html. (дата обращения: 09.12. 2025) [6].

Дар давлатҳои ИДМ сабабҳои асосии коҳиши фаъолияти инноватсионӣ, пеш аз ҳама, мавҷуд набудани заминаи муосири илмӣ-технологӣ, ки барои ҷорӣ намудани инноватсияҳо, мушкилот дар ҷалби маблағгузорӣ дар марҳилаи ҷорӣ намудани молҳо ва технологияҳои инноватсионӣ, арзиши баланди тиҷоратикунонии инноватсияҳо, таҷрибаи нокифоя дар татбиқи лоиҳаҳои бузурги инноватсионӣ ва кам будани талабот ба молу технологияҳои инноватсионӣ дар минтақа алоқаманд аст.

Аз рӯйи ҳиссаи сармояи инсонӣ дар сохтори сарвати миллӣ, хароҷот ба соҳаи иҷтимоӣ ва сатҳи рушди низоми маориф Федератсияи Россия ва Беларус дар байни давлатҳои ИДМ аз рӯйи омодагӣ барои гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд нисбатан пешсаф мебошанд. Аз тарафи дигар, рушди нокифояи инфрасохтори технологӣ ва дараҷаи пасти истеҳсолоти илмталаб монеаҳои асосӣ дар ин самт ба шумор меравand.

Барномаи давлатии рушди инноватсионии Ҷумҳурии Беларус барои солҳои 2016-2020 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Беларус, №31 аз 31 январи соли 2017 тасдиқ карда шудааст. «Ҳадафи барнома таъмини рушди босифат ва рақобатпазирии иқтисодёти миллӣ бо тамаркузи захираҳо ба ташаккули бахшҳои баландтехнологии он мебошад» [100, с. 28].

Самти инноватсионӣ яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодии Ҷумҳурии Беларус ва минтақаҳои он интихоб шуда, стратегияи тараққиёти иқтисодиёт ба муҳимтарин барномаҳои ҷумҳуриявӣ асос ёфтааст. Рушди инноватсионии кишвар, ки дар ҳуҷҷатҳои асосии стратегӣ дарҷ шудааст, такмили таҳсилоти соҳибкорӣ, ташкили низомҳои инноватсионии бозор ва корхонаҳоеро пешбинӣ менамояд, ки фаъолияташон ба ҷорӣ намудани таҳқиқоти пешқадам нигаронида шудааст.

Мушкилоти асосӣ барои Ҷумҳурии Беларус масъалаи ҷорӣ намудани патентҳои гирифташуда дар истеҳсолоти воқеӣ ва муддати тулонии татбиқи навоварӣ мебошад, ки бо замони куҳнашавӣ муқоиса карда мешавад. Сабаби асосии ин вазъ кам шудани маблағи барои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ҷудошуда мебошад. Дар Иттиҳоди Шуравӣ 2-3 фоизи ММД-ро тараққиёти илм ва корҳои илмӣ-пажуҳишӣ ташкил медод ва ин нишондиҳанда дар сатҳи мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон буд. «Дар Ҷумҳурии Беларус ҷорӣ намудани принсипи «таълими якумрӣ» ба ахлоқи корпоративӣ ва шуури кормандон, ҳамкории байналмилалӣ асоси иқтисодиёти донишбунёд арзёбӣ карда мешавад» [78, с. 85].

Дар Беларус илмталабии ММД 0,6%-ро ташкил медиҳад, ки ин на танҳо аз дараҷаи илмии кишварҳое, ки дар рушди иттилоот пешсафанд, хеле пасттар аст, балки нисбат ба Россия 1,2% ва Украина 1% низ камтар аст. Тибқи Стратегияи миллии рушди устувори иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Беларус то соли 2020, ҳадаф дар солҳои 2016-2020 расонидани низоми миллии маорифи Беларус ба сатҳи ҷавобгӯи стандартҳои ҷаҳонӣ мебошад. Дар баробари ин, ба рушди таҳсилоти олӣ - баланд бардоштани сифати он ва такмили сохторӣ тайёр кардани мутахассисон бо мақсади ҳарчи бештар ба

талаботи бозори муосири меҳнат наздик кардани он аҳаммияти махсус дода мешавад [78, с. 86]. Белорус ба даҳ кишвари беҳтарини дорои иқтисодиёти ба таври динамикӣ рушдкунандаи донишбунёд дохил гардидааст.

Дар байни унсурҳои таҷрибаи хориҷие, ки Ҷумҳурии Беларус ба онҳо имкони мутобиқ шудан дорад, метавон инҳоро қайд кард: гузариш ба модели инноватсионии кушода тавассути фаъолсозии бозори моликияти зеҳнӣ, фароҳам овардани шароит ва механизмҳои институтсионалии фаъолияти венчурӣ, тавсеаи шаклҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи тиҷоратикунонии натиҷаҳои донишҳои илмию техникӣ, дастгирии молиявии давлат аз ҷониби лоиҳаҳои инноватсионӣ дар марҳилаҳои аввал, таҳияи маҷмуи тадбирҳо оид ба таҳкими ҳамгироии илм ва бахши воқеии иқтисодиёт, ҳавасмандгардонии соҳибкории хурди инноватсионӣ, додани ҳуқуқи моликият ба объектҳои моликияти зеҳнӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ба ташкилотҳои илмӣ-тадқиқотӣ, ташаккули кластерҳои инноватсионӣ-саноатӣ, васеъ истифода бурдани ваучерҳои инноватсионӣ, рушди ҳаракати стартап, ҷалб дар раванди инноватсионии краудфандинг ва краудсорсинг.

Дар байни давлатҳои рушди ҳамшабеҳдошта таҷрибаи Ҷумҳурии Узбекистон низ дар самти таъсиси иқтисодиёти донишбунёд қобили таваҷҷуҳ мебошад. Стратегияи инноватсионии рушди Ҷумҳурии Узбекистон барои солҳои 2022-2026 бо мақсади тезонидани рушди инноватсионӣ дар ҷумҳурӣ, васеъ ҷорӣ намудани инноватсия ва технологияҳо дар тамоми бахшҳои иқтисодиёт, рушди сармояи инсонӣ, илм ва инноватсия қабул шудааст. Дар стратегияи мазкур ҳадаф гузошта шудааст, ки Ҷумҳурии Узбекистон аз рӯйи рейтинги Global Innovation Index то соли 2026 ба қатори 56 кишвари пешрафтаи ҷаҳон дохил шавад. Фармони Президенти Ҷумҳурии Узбекистан аз 02 июни соли 2020, №УП-6003 «Дар бораи беҳтар намудани мавқеи Ҷумҳурии Узбекистон дар рейтингҳо ва шохисҳои байналмилалӣ, инчунин ҷорӣ намудани механизми нави кори мунтазам бо онҳо дар мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои давлатӣ» афзалиятҳои худро то соли 2030 муайян кардааст. Узбекистон дар раддабандии он сол дар миёни кишварҳои даромади поин ва

миёна дар ҷойи 10-ум ва дар миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ пас аз Эрон ва Ҳинд дар ҷойи 3-юм қарор гирифт. Дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ Узбекистон аз рӯйи шохисҳо, аз қабили ниҳодҳо, сармояи инсонӣ ва тадқиқотӣ, инфрасохтор ва сатҳи рушди бозори дохилӣ мавқеи пешсафро ишғол мекунад. Тибқи ин раддабандӣ, Узбекистон дар нишондиҳандаҳои зерин дар сатҳи ҷаҳонӣ нишондиҳандаҳои қавӣ дорад: «Теъдоди хатмкунандагон дар соҳаи илм ва технология» – ҷойи 6-ум, «Ташаккули умумии сармояи асосӣ» – ҷойи 6-ум, «Афзоиши маҳсулнокии меҳнат» – ҷойи 7-ум, «Сиёсати дастгирии соҳибкорӣ» – ҷойи 22-юм, «Рушди кластерҳо» – ҷойи 27-ум.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳқиқи таҷрибаи хориҷии ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд барои Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин тавсияҳоро пешниҳод намудан мумкин аст. Базаи захиравии кишварҳои аврупоии дорои иқтисодиёти хурд ва сохтори иқтисодиёти онҳо дар солҳои 70-80-уми асри XX ба иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар охири асри XX - ибтидои асри XXI мувофиқат мекунад. Маҳз дар ҳамин давра кишварҳои дорои иқтисодиёти хурд дар ҳамаи бозорҳо на танҳо аз ҷониби давлатҳои бузурги пешрафта, балки аз тарафи давлатҳои нави саноатӣ, ки босуръат рушд мекунанд, таҳти рақобати шадид қарор гирифтанд ва стратегияи нави рушди худро дар асоси хусусияти маҷмуии равандҳои инноватсионӣ дар ҳамаи бахшҳои иқтисодиёт ва пайдоиши кластерҳои нави баландтехнологӣ, таъсиси иқтисодиёти нави қодир ба зудӣ аз худ кардани чизҳои нав, яъне муҷаҳҳазгардонӣ таҳия намуданд. Содиркунандагони Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо мушкилоти шабеҳе, ки бо афзоиши фишори рақобати байналмилалӣ, коҳиши рақобатпазирии маҳсулоти ин кишвар дар бозорҳои хориҷӣ ва дохилӣ ва боқӣ мондани тавозуни манфии тиҷоратӣ алоқаманд буданд, рӯ ба рӯ шуданд, ки бо оқибатҳои бухрони молиявӣ-иқтисодии ҷаҳонӣ боз ҳам шадидтар шуд. Тамоюлҳои манфии мазкур зарурат ва имконпазирии такмили стратегияи рушди инноватсионӣ ва консепсияи сиёсати тиҷорати хориҷии кишварро бо назардошти таҷрибаи бомуваффақияти ташаккули иқтисоди

донишбунёд ва ҳамгироии кишварҳои дорои иқтисодҳои хурд дар Аврупои Ғарбӣ, Шимолӣ ва Марказиро дар низоми тақсимоти байналмилалии меҳнат муайян мекунанд.

Шиносоӣ бо таҷрибаи давлатҳои Иттиҳоди Аврупо нишон дод, ки ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд ба ин мамлакатҳо, пеш аз ҳама, ба як қатор омилҳои калидӣ алоқамананд, ки баназаргирии онҳо ҳангоми ташаккули иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим мебошад:

- сатҳи бениҳоят баланди тиҷоратикунонии таҳқиқот ва ихтироот;

- хароҷоти зиёд дар самти корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, ташкилӣ ва конструкторӣ;

- дастгирии мунтазами корхонаҳои хурду миёна дар самти татбиқ ва ҷорисозии инноватсияҳо ва ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ барои онҳо;

- сатҳи пасти андозситонии фаъолияти муассисаҳои ба инноватсия машғулбуда ва таваҷҷуҳи қавӣ ба рушди маблағгузориҳои венчурӣ.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 дар раддабандии ҷаҳонӣ мақоми 122-юмро ишғол кард ва бо вуҷуди ақибмонии назаррас аз кишварҳои пешрафта ба гурӯҳи кишварҳои дорои сатҳи зеҳнии рушди инсонӣ дохил шуд, ки ин нишондиҳандаи хуб аст (Ҷадвали 1.6).

**Ҷадвали 1.6. - Нишондиҳандаҳои рушди инсонии давлатҳои пешқадами ҷаҳон**

| Мавқеъ | Давлатҳо | Қимати шохис | Мавқеъ | Давлатҳо | Қимати шохис |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Шветсария | 0.962 | 52 | Федератсияи Россия | 0,822 |
| 2. | Норвегия | 0,961 | 63 | Гурҷистон | 0,802 |
| 3. | Исландия | 0,959 | 58 | Озарбойҷон | 0,745 |
| 4. | Гонконг | 0,952 | 56 | Қазоқистон | 0,811 |
| 5. | Австралия | 0,951 | 101 | Узбекистон | 0,727 |
| 6. | Дания | 0,948 | 80 | Молдова | 0,767 |
| 7. | Шветсия | 0,947 | 77 | Украина | 0,773 |
| 8. | Ирландия | 0,945 | 79 | Чин | 0,768 |
| 9. | Олмон | 0,942 | 60 | Беларус | 0,808 |
| 10 | Нидерланд | 0,941 | 118 | Қирғизистон | 0,692 |
| 11 | Финляндия | 0,940 | 122 | Тоҷикистон | 0,685 |
| 12 | Сингапур | 0,939 | 124 | ҷаҳон | 0,733 |

**Сарчашма:** [13]

Дар умум, таҷрибаи бисёре аз кишварҳои мутараққии саноатӣ нишон медиҳад, ки иқтидори иқтисодӣ ва рақобатпазирӣ, нақш ва нуфузи онҳо дар иқтисоди ҷаҳонӣ ба таври назаррас аз нишондиҳандаҳои рушди зеҳникунонии иқтисодиёт вобаста аст. Дар айни замон, дар кишварҳои пешрафта «иқтисодиёти дониш» дар ташаккули ММД 30-40% бартарӣ дорад ва ба шарофати таъсири бузурги синергетикӣ рушди соҳаҳои дигарро ҳавасманд мегардонад.

Қимати индекси ҷаҳонии дониш нишон медиҳад, ки қимати он барои Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбатан паст аст. Аммо ин ифодакунандаи он нест, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташаккул ва рушди иқтисоди донишбунёд ба фурсати тулонӣ ниёз дорад. Вобаста ба сатҳи баланди ҳиссаи хизматрасонӣ дар сохтори ММД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосабарорӣ кардан мумкин аст, гузариш ба ҷомеаи саноатикунонӣ дар ин ҷо тезтар имконпазир аст.

**Ҷадвали 1.7. - Нишондиҳандаҳои зеҳникунонии иқтисодиёти давлатҳои дар як қатор давлатҳои ҷаҳон ва ИДМ**

| Мавқеъ | Давлатҳо | Индекси ҷаҳонии дониш | Мавқеъ | Давлатҳо | Индекси ҷаҳонии дониш |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Швейтсария | 69,09 | 49 | Беларус | 50,96 |
| 2. | Финляндия | 68,09 | 57 | Федератсияи Россия | 47,89 |
| 3. | Шветсия | 68,03 | 51 | Гурҷистон | 50,02 |
| 4. | Нидерланд | 67,3 | 59 | Молдова | 47,65 |
| 5. | ИМА | 66,92 | 67 | Арманистон | 46,72 |
| 6. | Дания | 66,74 | 68 | Украина | 46,53 |
| 7. | Люксембург | 66,03 | 74 | Қазоқистон | 45,58 |
| 8. | Шоҳигарии Муттаҳида | 65,7 | 78 | Узбекистон | 44,75 |
| 9. | Австрия | 65,25 | 84 | Қирғизистон | 44,07 |
| 10. | Норвегия | 65,1 | 94 | Озарбойҷон | 42,05 |
| 11. | Сингапур | 64,16 | 111 | Тоҷикистон | 36,06 |
| 12. | Белгия | 64,09 | | Сатҳи миёнаи ҷаҳонӣ | 47,54 |

**Сарчашма:** [14]

Ҳамин тариқ, вазифаи асосии гузариши иқтисодиёти ватанӣ ба марҳалаи нави рушд таваҷҷуҳ ба зеҳникунонии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ, фаъолияти инноватсионии субъектҳои соҳибкорӣ дар ҳама сатҳҳо ва соҳаҳои фаъолият, рушди босуръати сармояи зеҳнии инсонӣ ва технологияҳои рақамӣ мебошад. «Агар дар давлатҳои мутараққии саноатӣ тамоми захираҳо барои гузариш ба ҷанбаҳои васеи иқтисодиёти донишбунёд вуҷуд дошта бошад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузариш ба иқтисодиёи донишбунёдро аз бахши хизматрасонӣ бо рушди соҳаҳои пешниҳодкунандаи хизматрасониҳои доништалаб ва илмталаб оғоз намудан мумкин аст» [74, с. 149].

Рушди инноватсионӣ ва иқтисодиёти донишбунёд гузаронидани тағйироти сохториро дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, фарҳанги дохилифирмавии ба малака нигаронидашуда, татбиқи технологияҳои маҷозӣ дар истеҳсолот ва ҳавасмандкунии кадрҳоро бо ҳамкорӣ тақозо мекунад. Татбиқи таҷрибаи хориҷӣ дар самти таъсиси кластерҳои шабакавии илмӣ ва таълимӣ шарти муҳимми гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд мебошад. Ҳамзамон, барои таъсиси маҷмааҳои илмию таҳсилотии бо истеҳсолот ҳамгирошуда зарурати ташкили муҳити мусоиди ҳуқуқӣ ва таъсиси фондҳои махсуси маблағгузории инноватсияҳо пеш меояд.

Ташаккулдиҳии иқтисодиёти нави донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳияи маҷмуи тадбирҳоеро дар самти дастовардҳои нави илму техника дар истеҳсолот, муттаҳидсозии илм ва истеҳсолот, таъсиси сохторҳои нави ташкилӣ-иқтисодӣ, сохторҳои ҳуқуқӣ ва рушди соҳибкории инноватсионӣ тақозо менамояд.

## ХУЛОСАИ БОБИ 1

Дар асоси таҳлили назариявӣ ва методологӣ метавон чунин хулосаҳои ҷамъбастиро пешниҳод намуд:

**Якум**, иқтисодиёти донишбунёд ҳамчун марҳилаи нави рушди низоми иқтисодӣ бар пояи дониш, инноватсия, технологияҳои рақамӣ ва сармояи

инсонӣ ташаккул меёбад. Дар шароити саноатикунонии босуръат нақши дониш аз омили ёрирасон ба омили асосии афзоиши истеҳсолот ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ табдил меёбад. Яъне, манбаи асосии арзиши иловагӣ на захираҳои моддӣ, балки захираҳои зеҳнӣ ва технологияҳои пешрафта мебошанд.

**Дуюм**, рушди иқтисодиёти донишбунёд ба такмили сохтори истеҳсолот, афзоиши ҳиссаи соҳаҳои баландтехнологӣ, рақамикунонии равандҳои идоракунӣ ва густариши хизматрасониҳои инноватсионӣ мусоидат менамояд. Дар шароити саноатикунонии босуръат ҳамгироии саноат бо илм ва технология заминаи устувори рушди иқтисодӣ ва диверсификатсияи истеҳсолотро фароҳам месозад.

**Сеюм**, сармояи инсонӣ ва инфрасохтори инноватсионӣ (маориф, илм, марказҳои тадқиқотӣ, паркҳои технологӣ, экосистемаи стартапҳо) омили калидии ташаккули иқтисодиёти донишбунёд ба ҳисоб мераванд. Бе таҳкими сифати таҳсилот омодасозии кадрҳои рақобатпазир ва рушди фарҳанги инноватсионӣ, гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд имконнопазир аст.

**Чорум**, сиёсати давлатӣ дар шароити саноатикунонии босуръат бояд ба ташкили муҳити мусоиди ҳуқуқӣ, молиявӣ ва институтсионалӣ равона гардад. Дастгирии фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ, ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ба технологияҳои нав, густариши шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва рушди иқтисоди рақамӣ ҳамчун самтҳои афзалиятнок баромад мекунанд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти назариявӣ нишон медиҳад, ки иқтисодиёти донишбунёд на танҳо натиҷаи рушди саноати муосир, балки шарти ҳатмии идомаи устувори саноатикунонии босуръат мебошад. Он ҳамчун заминаи асосии баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ, таъмини амнияти иқтисодӣ ва таҳкими мавқеи кишвар дар низоми ҷаҳонии иқтисодӣ баромад менамояд.

# БОБИ 2. ВАЗЪИ МУОСИР ВА ТАМОЮЛИ ТАШАККУЛЁБИИ ИҚТИСОДИЁТИ ДОНИШБУНЁД ДАР ШАРОИТИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ ИҚТИСОДИЁТИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Асосҳои институтсионалии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд нақши муҳимро заминаҳои институтсионалии он мебозанд, ки тартиботи умумии танзими соҳаро муқаррар намуда, таҳкурсии асосӣ ва сохтори меъмории онро муқаррар менамоянд. Махсусан, барои давлатҳои давраи гузариш, аз он ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавҷудияти заминаи рушдкардаи асосҳои институтсионалӣ ва механизми танзими самарабахши иқтисодиёт на танҳо заминаи объективии гузариш ба иқтисодиёти донишбунёдро муқаррар месозад, балки вазифаҳои стратегии дар пеш бударо муайян намуда, барои гузариш ба сатҳи нави рақобатпазирӣ ва рушди устувори иқтисодиёти миллӣ мусоидат менамояд. Аз ин нуқтаи назар, таҳқиқи асосҳои институтсионалии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қисмати муҳимми таҳқиқоти пешниҳодшаванда буда, аҳаммияти хоссаро дар самти муқаррарсозии доира ва тамоюли рушди иқтисодиёти миллӣ касб менамояд.

Ҳамин тавр, таҳқиқи заминаҳои институтсионалии мавзуи баррасишаванда ба мо дар доираи ин параграф имкон медиҳад, ки вазъи пойгоҳҳои ҳуқуқии танзими соҳа арзёбӣ карда шуда, монеаҳои институтсионалӣ дар самти вусъатдиҳии ҳамгироии илм бо истеҳсолот, адозагирии захираҳо барои маблағгузорӣ ба таҳқиқот ва дараҷаи имконпазири дастгирии институтсионалии ташаббусҳои инноватсионӣ ошкор карда шаванд. Ҳамаи ин дар натиҷа имкон медиҳад, ки тамсилаи томи институтсионалӣ коркард карда шавад, ки раванди ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёдро таҳким мебахшад.

Ҳамин тавр, пеш аз гузариш ба таҳлили вазъи ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд тахқиқи муҳити институтсионалии он, сохтори фарогирифтаи он, иқтидорнокӣ ва заифии заминаи қонунии он ва коркарди механизми мукаммалкунии он зарур мегардад. Ҳолати арзёбии вазъи институтсионалии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд на танҳо ба раванди гузариш ба шакли нави иқтисодиёт мусоидат менамояд, балки ба мо имкон медиҳад, ки интихоби стратегии рушди ҳаракати иқтисодиёти донишбунёдро дуруст тарҳрезӣ намоем.

Пеш аз арзёбии ҳолати институтсионалии танзими соҳа зарур мешуморем, ки худи ҳамин мафҳумро аз нуқтаи назари илмӣ тавзеҳ диҳем, то он ки муқарраротн дар раванд ҷойдоштаро равшан намуда, оид ба беҳтарсозии он тавсияҳои судманд пешниҳод намуда бошем.

Аз нуқтаи назари мо, асосҳои институтсионалии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёдро ҳамчун маҷмуи институтҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ баррасӣ намудан мумкин аст, ки раванди ташаккулёбӣ, тақсимот ва истифодаи донишро дар соҳаҳои афзалиятдоштаи иқтисодиёти миллӣ муқаррар менамояд. Ба он, пеш аз ҳама, меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи илм, инноватсия ва маорифро шомил намудан мумкин аст, ки унсурҳои муҳимми иқтисодиёти донишбунёд ба шумор меравандд. Дар баробари ин, асосҳои институтсионалии баррасишаванда як нуқтаи назари субъектҳои дар доираи он муттаҳидшаванда ё ҳамчун воҳиди сохторӣ маҷмуи ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатиро фаро мегирад, ки аз як тараф, ба омодакунии кадрҳо дар соҳаҳои афзалиятдоштаи иқтисодиёт, рушди таҳқиқоти илмӣ ва татбиқи инноватсия махсус гардонида шуда, аз тарафи дигар, мустақиман ва ё ғайримустақим раванди гузариш ба иқтисодиёти донишбунёдро танзим ва дастгирӣ менамояд.

Дар баробари ин, равишҳои дар боло зикршудаи асосҳои институтсионалиро ҳамчун сохтори ҷамъиятӣ баррасӣ намудан мумкин аст. Асосҳои институтсионалии иқтисодиёти донишбунёд ҳамчун анъана, арзишҳои иҷтимоӣ ва сохторҳои фарҳангии ҷамъиятӣ баррасӣ карда

мешаванд, ки муносибати ҷомеаро ба дониш нишон дода, нақши онро дар рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат муқаррар менамояд.

Дар шакли умум, асосҳои институтсионалии ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаҳои умумии ташаккулёбии дараҷаи нави рушди иқтисод ба ҳисоб меравад. Иқтисодиёти инноватсионӣ ва ба илм асосёфта меъёрҳо ва механизми фаъолияти онро ташаккул медиҳанд.

Вазъи низоми миллии инноватсионӣ омили муҳимми муқарраркундаи муҳити институтсионалии иқтисодиёти донишбунёд ба шумор меравад, ки фаъолияти давлат, корхонаҳои истеҳсолӣ, бахши илм ва таҳсилотро ба як гурӯҳ муттаҳид намуда, маҷрои самараноки интиқоли дониш ва технологияро ташаккул медиҳад ва ба рушди соҳибкорӣ дар мамлакат мусоидат менамояд.

Ҳангоми арзёбии асосҳои институтсионалии ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, ба нақши давлат дар ин самт таваҷҷуҳ намудан зарур аст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон субъекти калидӣ дар раванди ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд ба шумор меравад. Дар соҳаи иқтисодиёти донишбунёд ва унсурҳои таркибии он, аз қабили илм, маориф ва инноватсия давлат вазифаи танзимкунанда, қонунбарор ва ҳамзамон маблағгузорро иҷро менамояд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи татбиқи ҳуҷҷатҳои стратегӣ афзалиятҳо ва самтҳои ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёдро муқаррар намуда, фаъолияти дигар субъектҳои соҳаро дар доираи салоҳиятҳои худ муқаррар менамояд.

Дар ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Точикистон нақши муҳимро як қатор институтҳои калидӣ ишғол менамоянд, ки онҳо ҳам вазифаи танзимкунанда ва ҳам ҳамоҳангсозиро ба роҳ мемонанд. Ба ин институтҳо, пеш аз ҳама, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии

омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд. Нақши ҳар яки онҳоро дар ташаккули иқтисодиёти донишбунёд дар мамлакат баррасӣ хоҳем намуд.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон институти муҳимми танзимкунанда буда, сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф дар мамлакат татбиқ менамояд, ба муосиргардонии низоми омодасозии кадрҳо, воридсозии усулҳои инноватсионии таълим, рушди фаъолияти илмию таҳқиқотӣ машғул мебошад. Дар солҳои охир аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ислоҳоти таҳсилоти олӣ ба роҳ монда шуда истодааст, ки ба ҷорӣ намудани тамсилаи болониягии таҳсилот, рақамикунонии раванди таълим, рушди таҳсилоти мутассил ва фарогир, таъсиси шароит барои ҳамгироии таққиқотҳои илмӣ ва таҷрибаомӯзии истеҳсоливу таълимӣ равона карда шудааст.

Агентии инноватсия ва рушди рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ниҳоди муҳим дар ташаккул ва рушди иқтисодиёти донишбунёд баромад менамояд, ки аз 30-юми декабри соли 2020 фаъолият намуда, ба масъалаҳои татбиқи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии давлатӣ, иқтисодиёт, маориф ва илм масъул мебошад ва доираи рушди иқтисодиёти рақамӣ ва донишбунёд, таъсиси стартапҳо ва платформаҳои рақамиро назорат менамояд. Яке аз вазифаҳои муҳимми агентӣ пайваст намудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба равандҳои ҷаҳонии ташаккулёбии фазои рақамӣ ва инноватсионӣ ба шумор меравад.

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷамъоварӣ, коркарди омори расмӣ оид ба нишондиҳандаҳои муҳимми иқтисодиёти донишбунёд, аз қабили рушди сармояи инсонӣ, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, шуғл дар бахши иқтисодиёти рақамӣ ва донишбунёд машғул аст. Иттилооти агентии мазкур ҳамчун нишондиҳандаҳои асосӣ барои баҳодиҳии рушди иқтисодиёти донишбунёд ҳам аз тарафи мақомоти давлатии салоҳиятнок ва ҳам ташкилотҳои байналмилалӣ бо методологияҳои

машҳури андозагирии дараҷаи рушди иқтисодиёти донишбунёд истифода карда мешавад.

Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дигар ниҳодҳои давлатӣ нақши муҳимро дар ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд мебозад. Он ҳамчун институти муҳимми илмии мамлакат баромад намуда, гузаронидани таҳқиқотҳои фундаменталӣ ва таҷрибавиро дар самти иқтисодиёти донишбунёд ташкил ва назорат намуда, ҳамзамон, дар сохтори он институтҳои махсусусгардонидашуда дар масъалаҳои алоҳидаи иқтисодиёти донишбунёд аз қабили институти иқтисодиёт ва демография, Институти информатика ва масъалаҳои идоракунӣ фаъолият менамоянд, ки нақши марказҳои илмии иқтисодёти донишбунёдро ишғол менамояд.

Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва академияҳои соҳавии фаъолияткунанда дар мамлакат мақоми давлатӣ дошта, дар таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба илму техника ва инноватсия, таҳияи самтҳои афзалиятноки рушди илм, ташхиси илмию техникии таҳқиқоти бунёдӣ ва амалии илмӣ, корҳои илмии барои гирифтани мукофоти илмӣ пешниҳодшуда, таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи илму техника, муттаҳидсозии касбии олимон барои таъмини рушди иҷтимоиву иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок менамоянд.

Дар баробари институтҳои баррасишуда, дар ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд нақши институтҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо онҳо ҳамгиро шудааст, назаррас аст. Махсусан, Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз замони соҳибистиқлолӣ узви бевоситаи ташкилотҳои зиёди иқтисодӣ гардидааст, ки дар байни онҳо Ташкилоти байналмилалии ҳифзи моликияти зеҳнӣ, Иттиҳоди байналмилалии телекоммуникатсионӣ, барномаи рушди СММ бевосита дар танзими раванди гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд ва дастгирӣ дар ин раванд нақши босазо доранд. Ҳамкорӣ бо ин созмонҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият медиҳад, ки ба низоми байналмилалии арзёбии нишондиҳандаҳои иқтисодиёти донишбунёд даст ёбад. Иловатан, ҳамкорӣ бо чунин ташкилотҳо имкон медиҳад, ки

заминаҳои институтсионалии ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд дар баробари стратегияҳои миллӣ ва мушкилоти дохилӣ равандҳои ҷаҳониро низ таҷассум намоянд.

Ҷузъи муҳимми сохтори институтсионалии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон институти таъминоти кадрӣ ба шумор меравад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт нақши институтҳои илмӣ-таҳқиқотии профилӣ дар назди вазорату идораҳои давалатӣ аз қабили Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои навини Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим мебозанд. Дар баробари ин, нақши назаррасро дар омодасозии кадрҳо барои иқтисодиёти донишбунёд дар мамлакат муассисаҳои таҳсилоти олӣ ишғол мекунанд, ки имрӯз теъдоди онҳо дар мамлакат ба 46 адад расонида шуда, аз рӯйи равияҳои васеъ мутахассис омода менамоянд. Дар байни муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат таълимоти донишҷӯён дар равияҳои нав, ки ба ҷанбаҳои алоҳидаи иқтисодиёти донишбунёд хоссанд, бештар дар донишгоҳҳои пешсафи мамлакат ба мисли Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи техникии ба номи академик М. Осимӣ, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ба чашм мерасанд. Аммо дар баробари ин, зикр кардан зарур аст, ки иқтидори ин донишгоҳҳо дар тарбияи кадрҳои аз иқтисодиёти инноватсионӣ ва рақамӣ бархӯрдорбуда ҳоло ҳам нокифоя боқӣ мемонад.

Унсури муҳимми асосии институтсионалии ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд дар мамлакат инфрасохтори инноватсионии мамлакат ва сиёсати давлатӣ дар ин самт ба шумор меравад. Дар ин раванд унсурҳои муҳимми инфрасохтори инноватсионӣ технопаркҳо, бизнес-инкубаторҳо марказҳои интиқоли технология ба шумор мераванд.

Сиёсати давлатӣ дар самти илм, технология ва инноватсия ба воситаи барномаҳои мақсаднок татбиқ карда мешавад, ки барои таъсиси шароит барои рақамикунонии бахшҳои муҳимми иқтисодиёт, рушди савдои

электронӣ ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар соҳаҳои афзалиятдоштаи иқтисодиёт равона карда шудааст. Зарурати ҳамгироии илм бо истеҳсолот дар аксари барномаҳои давлатӣ ёдовар мегардад ва ҳамзамон, ба нақши бахши хусусӣ дар ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда мешавад.

Унсури муҳимми муҳити институтсионалии иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми маорифи мамлакат ба шумор меравад. Зеро маҳз ҳамин соҳа кадрҳои заруриро дар соҳаи инноватсия, илм ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ омода менамояд, ки барои ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд заруранд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шабакаи васеи донишгоҳҳо, институтҳои таълимӣ ва муассисаҳои касбӣ фаъолият менамоянд, ки дар ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд нақши муҳимро ишғол мекунанд. Барои омодасозии кадрҳо дар самти иқтисодиёти донишбунёд дар мамлакат дар солҳои охир наздиккунии стандартҳои давлатӣ ба стандартҳои байналмилалӣ, ҳамроҳшавӣ ба низоми Балонии таҳсилот, васеъгардонии барномаҳои мобилнокии таълимӣ ва ғайра равона карда шудаанд.

Аммо, новобаста аз фазои рушдкардаи низоми таҳсилот, то ҳол дар муассисаҳои касбии мамлакат як қатор масъалаҳо, аз қабили рушди нокифояи базаи моддию техникии онҳо, сатҳи пасти маблаггузории илм, ҳамкориҳои пасти байни муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва бахши воқеии иқтисодиёт ҷой доранд.

Унсури дигари муҳимми заминаи институтсионалии иқтисодиёти донишбунёд дар мамлакат фаъолияти институтҳои таҳқиқотӣ ва инфрасохтори инноватсионӣ ба шумор меравад. Бахши илмро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Академияи илмҳо, муассисаҳои махсусгардонидашудаи илмӣ ва лабораторияҳои таҳқиқотӣ дар ҳайати донишгоҳҳо ташкил медиҳанд. Аммо чунин лабораторияҳо имрӯз иқтидори нокифоя доранд ва бештар ба фаъолиятҳои таҳқиқотии назариявӣ машғул гардидаанд. Дар баробари ин, ҳамкориҳои нокифояи онҳо бо муассисаҳои таҳсилоти олии хориҷӣ,

норасоии кадрҳои аз технологияҳои ҳозира бархӯрдор, нақши онҳоро дар татбиқи лоиҳаҳои бузурги илмӣ ночиз мегардонад.

Бисёре аз ташаббусҳои инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии ташкилотҳои байналмилалӣ роҳандозӣ карда мешаванд, ки вобастагии бахши илму инноватсияро аз кумаки хориҷӣ нишон медиҳад. Аммо, дар баробари ин, татбиқшавии як қатор лоиҳаҳои самарабахш - аз қабили марказҳои технологияҳои иттилоотӣ, стартапҳо дар соҳаи хизматрасониҳои электронӣ иқтидори хуби рушди ин бахши муҳимми институти иқтисодиёти донишбунёдро нишон медиҳад.

Бахши хусусӣ дар Тоҷикистон нақши махсусро дар бунёди заминаи институтсионалии иқтисодиёти донишбунёд ишғол мекунад. Аммо аксари корхонаву муассисаҳои ин бахш, ки дар соҳаи кишоварзӣ, савдо ва сохтмон фаъолият менамоянд, дар маблағгузории бахши инноватсия ва рақамикунонии иқтисодиёт нақши заиф доранд. Чунин ҳолат агар, аз як тараф, бо низоми заифи ҳифзи моликияти зеҳнӣ алоқаманд бошад, аз тарафи дигар, ҳавасмандии ками онҳо бо илм ва таҳқиқот алоқаманд аст. Дар ин ҳолат ҳамкорӣ байни воҳидҳои ҷузъии бахши хусусӣ ва муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ барои ташаккули иқтисодиёти донишбунёд монеа эҷод менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари институтҳои расмӣ институтҳои ғайрирасмӣ дар ташаккули иқтисодиёти донишбунёд нақши муҳимро мебозанд. Ба чунин институтҳо, пеш аз ҳама, фарҳангу анъана, низоми арзишҳои ҷомеа нисбат ба маориф ва илм дохил мешаванд. Қобили зикр аст, ки таваҷҷуҳи институтҳои ғайрирасмӣ нисбат ба иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусбӣ буда, аз як тараф, ҳавасмандии баланди ҷавонон ба таҳсилот ва, аз тарафи дигар, таваҷҷуҳи аҳолӣ ба соҳибмаълумот гардонидани фарзандонашон мушоҳида мешавад. Аммо, дар баробари ин, вазъи иқтисодиву иҷтимоии мамлакат водор месозад, ки қисми зиёди аҳолӣ барои кор ба хориҷи кишвар сафарбар карда шаванд, ки дар баъзе ҳолатҳо ба фирори мағзҳо ва заифгардии иқтидори миллию касбӣ оварда мерасонад.

Дар баробари ин, шиносӣ бо асосҳои институтсионалии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд нишон медиҳад, ки ҳоло ҳам дар мамлакат дар ин самт мушкилоти алоҳида ҷой доранд, ки зарурати мукаммалгардонии вазъи заминавии танзими соҳаро тақозо менамояд. Махсусан, инфрасохтори суст рушдкардаи инноватсионӣ дар мамлакат, нокифоягии миқдори технопаркҳо, бизнесинкубаторҳо, марказҳои интиқоли технология, норасоии кадрҳои баландихтисос, сатҳи пасти ҷалби бизнес ба фаъолияти инноватсионӣ, ҳамкориҳои нокифояи байни муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бо корхонаҳо мушкилоти асосӣ дар ин самт мебошанд. Дар баробари ин, то ҳол дар мамлакат ба монеаҳои институтсионалӣ аз қабили номукаммалии қонунгузорӣ дар бахши моликияти зеҳнӣ, сатҳи нокифояи ҳифзи ҳуқуқи муаллиф, равандҳои бюрократӣ барои бақайдгирии стартапҳо ҷой доранд.

Барои мукаммал гардонидани заминаҳои ҳуқуқии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд, ба андешаи мо, татбиқи маҷмуи тадбирҳо дар самти васеъгардонии маҷмуи технопаркҳо, бизнес-инкубаторҳо ва кластерҳои инноватсионӣ, ҳавасмандгардонии шарикии байни муассисаҳои олии касбӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ бо корхонаю ташкилотҳо барои роҳандозии лоиҳаҳои муштараки илмӣ, ҳамгироӣ ва дар шабакаҳои инноватсионии байналмилалӣ, таъмини иштироки васеъ дар барномаҳои ташкилотҳои байналмилалӣ, рушди иқтисодиёти рақамӣ ва савдои электронӣ ҳамчун қисмати муҳимми иқтисодиёти донишбунёд зарур аст.

Ташаккулдиҳии низоми самарабахши низоми инноватсионии миллӣ имкон медиҳад, ки сатҳи рақобатпазирии иқтисод баланд бардошта шавад, вобастагӣ аз иқтисодиёти анъанавӣ ва ашёӣ кам карда шуда, рушди дарозмуддати иқтисодӣ таъмин карда шавад.

Шиносӣ бо заминаҳои ҳуқуқии танзими иқтисодиёти донишбунёд, нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди ташаккулёбии низоми миллии инноватсионӣ дар муқоиса ба дигар давлатҳои ИДМ нисбатан дертар ташаккул ёфтааст, ки ин ба ваъзи иҷтимоиву сиёсӣ дар мамлакат дар солҳои

аввали соҳибистиқлолӣ ва тулонӣ будани раванди интихоби модели афзалиятдоштаи рушди иқтисоди мамлакат дар солҳои аввали гузариш алоқаманд аст. Махсусан, шиносоӣ бо лоиҳаву барномаҳои қабулшудаи танзими соҳа нишон медиҳад, ки шуруъ аз солҳои 2000-ум, вақте ки дар мамлакат ҳуҷҷатҳо ва барномаҳои муҳим дар самти таъсиси инфрасохтори инноватсионӣ ва рушди илму техника қабул карда шуданд, қадамҳои аввалин дар самти гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ва инноватсионӣ гузошта шуд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гарчанде дар алоҳидагӣ барномаи алоҳидаи гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд қабул нагардида бошад ҳам, барномаҳо ва стратегияҳои муҳимме қабул ва татбиқ шуда истодаанд, ки бевосита фарогири ҷанбаҳои мухталифи ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд ба шумор мераванд. Ба ин ҳуҷҷатҳои стратегӣ, пеш аз ҳама, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи давлатии рушди илмию инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 аз 31-уми августи соли 2023, №417, инчунин Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042 аз 31 августи соли 2022, №439, Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030-ро дохил намудан мумкин аст, ки дар онҳо таваҷҷуҳи хосса ба масъалаҳои ҳавасмандгардонии фаъолнокии инноватсионӣ, муосиргардонии низоми маориф, васеъгардонии дастрасӣ ба технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва устуворгардонии иқтисоди илмии мамлакат равона карда шудааст.

Яке аз ҳуҷҷатҳои муҳимми барномавӣ, ки дар баробари муқаррар намудани афзалиятҳои миллӣ, дар умум, ҷанбаҳои алоҳидаи заминаи институтсионалии ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёдро муқаррар менамояд, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба шумор меравад.

Дар стратегияи мазкур зарурати гузариш ба модели рушди инноватсионии ба дониш ва рақамикунонӣ асос ёфта, ёдовар шудааст, ки ташаббуси муҳим барои гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд нишон медиҳад. Дар ноил гардидан ба ҳадафи асосии стратегияи мазкур баровардани кишвар ба сатҳи миёнаи даромад, дар баробари тадбирҳои дар он баррасишуда, аз қабили модернкунонӣ ва гуногунрангсозии иқтисодиёт, ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ, рушди инфрасохтори нақлиётӣ, энергетикӣ, саноатӣ ва кишоварзӣ, ҳамчунин, пешрафти соҳаҳои маориф ва илм бо дарназардошти истифодаи самараноки захираҳои инсонӣ зарур шуморида шудааст, ки таваҷҷуҳ ба иқтисодиёти донишбунёдро нишон медиҳад.

Дар баробари ин, дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 давраи сеюми рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2026-2030 ҳамчун марҳилаи ба анҷом расонидани индустриализатсияи босуръат ва ташаккули иқтидорҳо барои рушд дар асоси дониш ва навовариҳо муқаррар карда шудааст. Стратегия дар ин марҳила барои иқтисодиёти донишбунёд афзоиши сармоягузориҳо ба рушди донишу навовариҳоро ҳамчун заминаи муҳимми иқтисодиёти донишбунёд арзёбӣ менамояд. Гарчанде ки мустақиман дар ин фасл оид ба ташаккули иқтисодиёти донишбунёд сухан намеравад, аммо ба унсурҳои калидии он аз қабили вусъатнокгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ бо татбиқи усулҳои инноватсионӣ, ташкили истеҳсоли молҳои илмталаби арзиши иловашудаи баланддошта, рушди инноватсионии соҳаҳои сайёҳӣ ва хизматрасониҳои соҳибкорӣ таваҷҷуҳи хосса ҷудо карда мешавад. Тибқи пешгӯии стратегия, дар ин давра бояд дар рушди иқтисодӣ саҳми сармояи инсонӣ ва технологияҳои пешқадам бояд боло равад ва усулҳои инноватсионӣ дар бахши идоракунӣ низ ба роҳ монда шавад. Иловатан, вусъатбахшии татбиқи технологияҳои муосир, рушди энергетикаи алтернативӣ, инфрасохтори самарабахши нақлиётӣ, ки дар стратегия баррасӣ мешаванд, унсурҳои муҳимми иқтисодиёти донишбунёд ба шумор меравад.

Дар баробари ҳуҷҷатҳои стратегии зикргардида ҳамчун меъёрҳои муҳимми танзимкунандаи соҳа Барномаи давлатии рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030-ро ёдовар шудан мумкин аст.

Барномаи давлатии «Иқтисоди рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» заминаҳои муҳимро барои ташаккули иқтисодиёти донишбунёд фароҳам меорад. Маҳз дар барномаи мазкур таваҷҷуҳи махсус ба рушди сармояи инсонӣ тавассути тайёрӣ ва бозтайёрии кадрҳо, рақамигардонии соҳаи маориф ва ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди таълим, сохтмони инфрасохтори муосири рақамӣ, аз ҷумла, шабакаҳои алоқаи насли нав ва марказҳои коркарди додаҳо, инчунин, тавсеаи дастрасӣ ба хизматрасониҳои давлатӣ, электронии давлатӣ ва таълимӣ равона шудааст. Барнома такмили заминаи ҳуқуқиро дар соҳаи технологияҳои электронӣ пешбинӣ намуда, шароити зарурирo барои ҳамгироии равандҳои инноватсионӣ ба иқтисод ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалии илмӣ-техникӣ фароҳам меорад. Дар баробари ин, дар барномаи мазкур механизмҳои тиҷоратӣ гардонидани натиҷаҳои илмӣ ва маблағгузории венчурӣ, ки маҳаки муҳимми иқтисодиёти донишбунёд ба шумор меравад, ба таври кофӣ матраҳ карда нашудааст. Аз ин рӯ, барнома гарчанде заминаҳои институтсионалиро барои гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд фароҳам овардааст, аммо барои татбиқи пурра ва самараноки он зарурати такмили амиқи абзорҳои тиҷоратӣ гардонидани илм, рушд бахшидани экосистемаи таҳқиқотӣ, ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ба соҳаи инноватсия ва ҷорӣ намудани механизмҳои мониторинг ва арзёбии фаъолияти инноватсионӣ эҳсос мешавад, ки ин имкон медиҳад Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мутобиқ ба фазои ҷаҳонии инноватсионӣ ворид гардад.

Ҳамин тавр, хулоса намудан мумкин аст, ки дар барномаву стратегияҳо ва консепсияҳои баррасишуда масъалаҳои ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи ибрози якчанд нуктаҳо баррасӣ карда шудаанд, ки онҳо мустақиман ва

ғайримустақиман ба ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд алоқамандӣ доранд. Пеш аз ҳама, дар ҳуҷҷатҳои стратегии баррасишуда зарурати омодасозӣ ва аз такмили ихтисос гузаронидани кормандон, сохтани шароит барои рушди касбии кормандони илмӣ ва ҷалби ҷавонон ба соҳаи таҳқиқот сухан меравад, ки бевосита унсурҳои калидии иқтисодиёти донишбунёд ба шумор мераванд. Дар баробари ин, дар ҳуҷҷатҳо ба рушди иқтисодиёти рақамӣ, технологияҳои рақамӣ ва татбиқ намудани унсурҳои он ба соҳаи маориф ва идоракунии давлатӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда шудаанд, ки дар ташаккули заминаи ҳуқуқии танзими иқтисодиёти донишбунёд хеле муҳимманд. Модернкунонии инфрасохтори илмӣ-таҳқиқотӣ, лабораторияҳо, базаҳои амалии масъалаҳои дигари мубрами дар барномаҳои давлатӣ баррасишуда ба шумор меравад, ки рушди самаранокии меҳнатро дар фаъолияти илмӣ таъмин намуда, раванди интиқоли донишро ба иқтисодиёт метезонад. Ҳамаи инро ҳамчун асос барои гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти донишбунёд баррасӣ намудан мумкин аст.

Дар баробари ҳуҷҷатҳои муҳимми зикргардида, ҷанбаҳои алоҳидаи ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ ва донишбунёд аз рӯйи қонунҳои алоҳида ба мисли Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника» аз 18-уми марти соли 2015, №1197, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» аз 16-уми апрели соли 2012, №822, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ" аз 15 марти соли 2023, №1965, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» аз 16 апрели соли 2012, №822, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» аз 3 ноябри соли 1998, №726, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013, №1004 танзим карда мешаванд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013, №1004 дар баробари муайян намудани асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф,

принсипҳои таҳсилоти муттасил, истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар бахши маориф, принсипҳои умумии дастгирии давлатии барномаҳои инноватсониро муқаррар менамояд, ки ҷанбаҳои муҳим дар ташаккули иқтисодиёти донишбунёд ба шумор меравад. Дар баробари ин, қонуни мазкур масъалаҳои алоҳидаи ҳамоҳангсозии фаъолияти вазорату идораҳоро дар бахши илм таъмин намуда, консепсияву стратегияҳои давлатиро дар бахши маориф амалӣ мегардонад.

Моддаи 32-юми Қонуни мазкур салоҳиятҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маорифро аз қабили муайян намудани самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмию техникӣ, инноватсионӣ, мусоидат намудан ба пешрафти паркҳои технологӣ ва марказҳои илмие, ки дар сохтори муассисаҳои таълимӣ фаъолият доранд, муқаррар менамояд, ки барои ташаккули иқтисодиёти донишбунёд хеле муҳиманд. Таъсиси марказҳои илмию инноватсионӣ, паркҳои технологӣ ва ҳамоҳангсозии байнисоҳавии илмӣ ва илмию техникӣ қисмати дигари салоҳиятҳои муқарраркардашуда мебошад, ки онҳо чунин таркиби иқтисодиёти донишбунёд мебошанд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника» аз 18-уми марти соли 2015, №1197, санади меъёрии муҳим дар ташаккули иқтисодиёти донишбунёд аст, ки заминаҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ ва назорати давлатии онро муайян намуда, ба дастгирии давлатӣ ва рушди илм, инчунин, боло бурдани сатҳи зеҳнӣ ва фарҳангии ҷомеа равона шудааст. Дар қонуни мазкур унсурҳои алоҳидаи иқтисодиёти донишбунёд, аз қабили ташкил намудани шаклҳои гуногуни паркҳои технологӣ, афзун намудани натиҷабахшии барномаҳои мақсадноки илмию техникӣ муқаррар карда шуда, самтҳои асосии амалисозии сиёсати давлатӣ оид ба илму техника ошкор карда шудааст. Ҳамзамон, қонуни мазкур илмро ҳамчун соҳаи аҳаммияти иҷтимоидошта эътироф намуда, рушди афзалиятноки таҳқиқоти илмии бунёдиро кафолат медиҳад. Дар баробари ин, дар қонуни мазкур ҷанбаҳои мухталифи ҳамгироии фаъолияти илмӣ, илмию техникӣ ва таълимӣ

тавассути таъсис додани паркҳои технологӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст, ки дар андозагирии иқтисодиёти донишбунёд нақши муҳимро мебозад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» аз 26.12.2017, №826, нақши муҳимро дар таъмини институтсионалии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд мебозад. Зеро маҳз ҳамин қонун асосҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии фаъолияти инноватсиониро муқаррар намуда, субъект ва объектҳои онро дақиқ менамояд, ҳамзамон, мафҳумҳои иқтидори инноватсионӣ, ғояи инноватсионӣ ва лоиҳаи инноватсиониро, ки дар иқтисодиёти донишбунёд низ мафҳуми калидӣ ба шумор мерав止анд, муқаррар месозад. Дар қонуни мазкур афзалиятҳои стратегии сиёсати давлатии инноватсионӣ, ки ба устуворкунии алоқаҳо байни илму маориф, истеҳсолот, ҳамчунин, дастгирии соҳибкории хурду миёна, ҳифзи моликияти зеҳнӣ ва сохтани шароит барои тиҷоратикунонии натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ равона карда шудаанд, таваҷҷуҳи хосса дода шудааст.

Дар баробари ин, ҷанбаҳои мухталифи ташаккулёбии инфрасохтори инноватсионӣ, якҷоя бо технопаркҳо, технополисҳо, бизнес инкубаторҳо ва фондҳои венчурӣ, ки механизмҳои институтсионалии татбиқи донишро дар илм таъмин менамоянд, дар доираи қонуни мазкур танзим карда мешаванд. Ҳамзамон, танзими ҷанбаҳои молиявӣ ва иқтисодии ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд тариқи низоми субсидиякунонии давлатӣ, грантҳо, имтиёзҳои андозӣ ва ғайриандозӣ дар доираи он васеъ инъикос ёфта, қонун ҷалби воситаҳои сармоягузориҳои хусусию хориҷиро пешбинӣ менамояд, ки нақши инноватсияро дар модернсозии сохтории иқтисодиёти миллӣ таблиғ менамояд. Қонун тартиботи коркард ва татбиқи барномаҳои инноватсионӣ, ҷорӣ намудани экспертиза ва мониторинги самараноки онҳо ва ҳамчунон салоҳиятҳои мақомотҳои давлатиро дар идоракунии сиёсати инноватсионӣ дақиқ менамояд. Дар қонуни мазкур аҳаммияти хосса ба ҳифзи ҳуқуқии натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, танзими муносибатҳои шартномавӣ ва ташкили ангезаҳо барои тайёрсозӣ ва бозтайёркунии кадрҳо дар соҳаи инноватсионӣ

дода мешавад. Дар маҷмуъ, ин меъёрҳо заминаи институтсионалӣ-ҳуқуқиро барои ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фазои ҷаҳонии инноватсионӣ ташаккул дода, шароити рушди иқтисодиёти донишбунёдро дар сатҳи миллӣ таъмин менамоянд.

Дар баробари ин, қайд кардан зарур аст, ки новобаста аз он ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» (№826 аз 26.12.2017) асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии рушди соҳаи инноватсиониро ҳамчун унсури муҳимми ташаккули иқтисодиёти донишмарказ фароҳам меорад, дар он ҳамоно баъзе ҷанбаҳои муҳимми иқтисодиёти донишбунёд мадди назар гардидаанд. Пеш аз ҳама, дар қонуни мазкур механизмҳои ҳавасмандгардонии интиқоли технологияҳо ва ҳамгироии илми миллӣ ба шабакаҳои байналмилалии тадқиқотӣ ба қадри кофӣ муфассал нашудаанд ва масъалаҳои марбут ба табдили рақамии фаъолияти инноватсионӣ пурра инъикос наёфтаанд. Қонуни мазкур танҳо ба таври ғайримустақим ба иқтисодиёти донишбунёд ишора мекунад, аммо меъёрҳои муҳимми онро махсусан аз қабили ташкили платформаҳои рақамӣ, кластерҳои инноватсионии электронӣ ва хизматрасониҳои рақамӣ дар соҳаи маорифу бизнесро муайян намекунад.

Аммо татбиқи қонунҳои мазкур дар амал вобаста ба маблағгузории нокифоя ва ҳамоҳангии нокифоя байни сохторҳои давлатӣ сатҳи самаранокии татбиқи онҳоро паст мегардонад.

Ҳамин тавр, дар аксари меъёрҳои ҳуқуқии баррасӣ кардашуда, масъалаҳои танзими ҳамкории донишгоҳҳо, марказҳои илмӣ ва бахши хусусӣ дар бахши маблағгузории муштарак, тиҷоратӣ гардонидани натиҷаҳои илмӣ ва тақсими ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ баррасӣ карда шудааст. Вобаста ба ин, ба андешаи мо, такмили минбаъдаи заминаҳои ҳуқуқии танзимкунандаи иқтисодиёти донишбунёд бо дарназардошти амиқтари даъватҳои рақамигардонӣ, рақобати ҷаҳонии дониш ва зарурати ҳамгироии Тоҷикистон ба фазои ҷаҳонии инноватсионӣ зарур аст.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти асосҳои институтсионалии ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд нишон медиҳад, ки дар соҳа дар баробари пешравиҳои назаррас маҳдудиятҳои ҷиддӣ низ ҷой доранд. Барои мукаммал намудани заминаҳои институтсионалии рушди иқтисодиёти донишбунёд зарур аст тадбирҳои судманд дар самти устуворгардонии низоми маориф ва илм, ҳавасмандгардонии сармоягузории хусусӣ ба бахши илм ва рушди механизми шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ ба роҳ монда шавад.

Ҳамин тавр, ба андешаи мо, новобаста аз мавҷудияти меъёрҳои заминавии ҳуқуқии танзими соҳа, зарурати мукаммалгардонии онҳо ва наздиккуниашон ба меъёрҳои байналмилалӣ вуҷуд дошта, ҳамроҳ намудани консепсияҳои гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд дар онҳо зарур аст. Махсусан, ба андешаи мо, дар меъёрҳои ҳуқуқии баррасишуда зарур аст таҳкими қонунгузориҳо дар самти ҳифзи моликияти зеҳнӣ, литсензиякунонии хизматрасониҳои таҳсилотӣ ба роҳ монда шуда, дар онҳо механизми дастгирии стартапҳо возеҳ хамроҳ карда шавад.

Мукаммалнамоии заминаҳои институтсионалии иқтисодиёти донишбунёд имкон медиҳад, ки раванди гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд тезонида шуда, стратегияи дарозмуҳлати устуворгардонии сохтори он коркард карда шавад, ки он дар натиҷа ба баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ, таҳкими заминаи истеҳсолӣ ва ҳамгироии он ба фазои ҷаҳонии инноватсионӣ таҳким бахшида шавад.

## 2.2. Арзёбии вазъи муосир ва заминаҳои ташаккулёии иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз як тараф, раванди саноатикунонии босуръат ва аз тарафи дигар, рушди назарраси бахши хизматрасонӣ ба чашм мерасад, зарурати рушди истеҳсолоти илмталаб ва мураккаб пеш меояд, ки гузариш ба иқтисодиёти донишбунёдро мубрам мегардонад. Дар равандҳои ҷаҳонишавӣ рушди саноати 4,0 дар мамолики пешрафтаи ҷаҳон омили муҳимми рушди

иқтисодиёт, дониш, иттилоот ва технологияҳои иртибототӣ ба шумор меравад. Ҳамаи ин, дар навбати худ, ба рушди сармояи инсонӣ мусоидат намуда, онро ба арзишмандтарин неъмати ҷомеа мубаддал мегардонад. Аз ин нуқтаи назар, таҳқиқи вазъи муосир ва заминаҳои ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат ва иштироки фарох дар равандҳои ҷаҳонишавӣ муҳиммияти махсусро касб менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иқтисодиёти донишбунёд хусусиятҳои хосро касб намудааст ва ба яке аз мафҳумҳои муҳимми иҷтимоию институтсионалӣ мубаддал гардидааст, ки нақши беназир дар татбиқи ҳадафҳои муҳимми рушди стратегии мамлакат, махсусан, саноатикунонии босуръатро дорад. Дар солҳои охир иқтисодиёти мамлакатамон ҳолати нави сифатиро касб менамояд, ки ба тағйирёбии шароити хоҷагидорӣ алоқаманд аст, ки он, дар навбати худ, ба воридсозии технологияҳои муосир ва пешрафта дар равандҳои истеҳсолот ва идоракунӣ алоқаманд аст. Дар баробари ин, чораандешӣ дар самти баланд бардоштани нақши кашфиёт ва ихтироот дар рушди иқтисодиёти мамлакат таҳкурсии иқтисодиёти донишбунёдро мустаҳкам гардонида, иттилоот ва донишро ба омили муҳимми истеҳсолот табдил медиҳад.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мамлакати кӯҳӣ буда, захираҳои маъдании он бештар дар қаъри замин ҷойгиранд, дониш ва ихтироот нақши муҳимро метавонанд дар ташаккулдиҳии арзиши изоофашуда бозанд. Қайд кардан зарур аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иқтисодиёти донишбунёд дар раванди ташаккулёбӣ ва рушди доиравӣ қарор дорад, хусусиятҳои миллиро касб намудааст ва дар шароити афзалиятдиҳӣ он метавонад ба яке аз соҳаҳои пешбари иқтисодиёти мамлакат мубаддал гардад. Ҳамчун замина, ба ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд дар мамлакат метавонад болоравии нақши сармояи зеҳнӣ дар истеҳсолот, рушди инноватсия, омодасозии кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи замон баромад намоянд. Аз ин нуқтаи назар, барои муқаррарсозии вазъи иқтисодиёти

донишбунёд дар мамлакат зарур мешуморем чунин заминаҳоро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор диҳем.

Маъмулан, нишонаҳои ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд ҳиссаи баланди бахши хизматрасонӣ дар сохтори ММД, афзоиши хароҷот барои таҳсилот ва таҳқиқот, рушди сармояи инсонӣ, рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсия, ташаккули низоми инноватсионӣ дар мамлакат ва рушди бахши маориф ба шумор меравад, ки ҳолати онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиссаи бахши хизматрасонӣ ҳамчун нишондиҳандаи муҳимми ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд дар ММД шуруъ аз соли 2000-ум афзоиши бемайлон дошта, дар соли 2022 то 41,4%-и ММД-ро ташкил дод. Дар давоми ду даҳсолаи рушди мамлакат ҳиссаи он 32,5% боло рафтааст. Ин гувоҳи он аст, ки таваҷҷуҳ ба соҳаи сеюминдараҷаи иқтисодиёт, ки асоси онро дониш ва малака ташкил медиҳад, зиёд гардида истода, раванди гузариши иқтисодиёт аз иқтисодиёти анъанавӣ ба иқтисодиёти ба донишасосёфта аллакай оғоз гардидааст.




**Расми 2.1. Сохтори соҳавии ММД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Сарчашма:** [41, с. 217]

Аз ҳаҷми умумии истеҳсоли хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 7080 млн сомонӣ ё худ 14,78% ба истеҳсолоти хизматрасониҳо дар соҳаи маориф рост меояд, ки нишондиҳандаи дигари муҳимми ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд дар мамлакат аст. Ҳиссаи маориф дар сохтори умумии хизматрасониҳо шуруъ аз соли 2015 2,15% зиёд гардидааст.

**Ҷадвали 2.1. Ҳиссаи маориф дар сохтори умумии истеҳсоли хизматрасониҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, млн сомонӣ**

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Хизматрасониҳо | 19972,12 | 20359,3 | 25049,7 | 26111,4 | 29333,8 | 29597,1 | 33132,8 | 47897,1 |
| Маориф | 2522,7 | 2871,3 | 3022,7 | 3256,3 | 3752,6 | 4086,8 | 4778,7 | 7080,0 |
| Бо % | 12,63 | 14,10 | 12,07 | 12,47 | 12,79 | 13,81 | 14,42 | 14,78 |

**Сарчашма:** [41, с. 217]

Ба ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд дар мамлакат нақши назаррас ба илм ва инноватсия рост меояд. Сарчашмаи асосии маблағгузорӣ ба илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буҷети давлатӣ ба шумор рафта, дар соли 2024 ҳаҷми маблағгузорӣ ба илм ба 119586,7 млн сомонӣ расид, ки нисбат ба соли 2017 116% афзудааст (Ҷадвали 2.2).

**Ҷадвали 2.2. - Динамикаи рушди илм ва инноватсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2024/ 2017 в % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Хароҷоти буҷети давлатӣ ба илм, ҳазор сомонӣ | 52890,7 | 55503,8 | 60636,7 | 66910,7 | 76401,0 | 82820,4 | 99690,7 | 119586,7 | 226,10 |
| Миқдори муассисаҳои пешбарандаи корҳои илмӣ-техникӣ, адад | 66 | 74 | 80 | 82 | 82 | 82 | 81 | 80 | 121,21 |
| Миқдори кормандони ба фаъолияти корҳои илмӣ-техникӣ машғул, одам | 3704 | 3894 | 3720 | 3923 | 4505 | 4269 | 4446 | 4496 | 121,3 |

**Сарчашма:** [41, с. 111]

Дар ин давра миқдори муассисаҳои илмӣ, ташкилотҳо, ки корҳои илмӣ-техникиро пеш мебаранд, аз 66 адад аз соли 207 ба 80 адад дар соли 2024 расида, бо меъёри фоизи 21,1% зиёд гардидааст. Миқдори кормандони ба фаъолияти корҳои илмӣ-техникӣ машғул бошад, дар соли 2024 4496 нафарро

ташкил дод, ки нисбат ба соли 2017 21,3% зиёд аст. Гарчанде ки маълумотҳои таҷассумкунандаи рушди илм ва инноватсия, ки дар ҷадвал оварда шудаанд, то андозае тавҷҷуҳ ба соҳаи мазкурро ифода намояд ҳам, барои гузариш бо ҷомеаи донишбунёд онро кофӣ шуморидан инконнопазир аст ва афзудани хароҷотро дар ин самт тақозо менамояд [64].

Хароҷоти буҷети давлатӣ ба илм нисбат ба ММД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даҳсолаи охир ҳамагӣ 0,9 - 0,10%-ро ташкил менамояд, ки хеле нокифоя боқӣ мемонад (расми 2.2).




**Расми 2.2. Муқоисаи хароҷотҳои давлатӣ ба илм нисбат ба ММД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [41]

Чунин ҳолат дар тамоми давлатҳои ИДМ ва Гурҷистон мушоҳида гардида, дар аксари онҳо ҳиссаи хароҷот ба таҳқиқот ва кашфиёт ба 0,1-0,2%-и ММД-ро ташкил менамояд. Танҳо ин нишондиҳанда нисбатан барои Беларус (0,6%), Молдова (0,23%-0,2%) ва Гурҷистон (0,5%) дар солҳои алоҳида баробар аст.

Аммо, дар баробари ин, қайд кардан зарур аст, ки гарчанде ки ҳаҷми хароҷот ба илм ва инноватсия дар таносуби ММД кам аст, ҳиссаи чунин

маблағгузориҳо дар буҷети мамлакат 0,32–0,33%–ро ташкил медиҳад. Дар баробари ин, соли 2024 ҳиссаи хароҷоти илм ва маориф дар якҷоягӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 17,63%-ро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2019 2% зиёд аст.

**Ҷадвали 2.3. - Ҳиссаи хароҷотҳои давлатӣ ба илм нисбат ба ММД дар ИДМ ва Гурҷистон, %**

| | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Озорбойҷон** | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 |
| **Арманистон** | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 |
| **Беларус** | 0,5 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,5 | 0,5 |
| **Гурҷистон** | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,3 |
| **Қазоқистон** | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 |
| **Қирғизистон** | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 |
| **Молдова** | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,2 | 0,2 | 0,2 |
| **Россия** | 1,1 | 1,1 | 1,0 | 1,0 | 1,1 | 1,0 |
| **Тоҷикистон** | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 |
| **Узбекистон** | 0,2 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 |

**Сарчашма:** [4]

Ҳамзамон, дар назар аст, ки дар соли 2026 хароҷоти буҷети давлатӣ ба илм ва маориф ба 21,6% расонида шавад. Афзоиши таносуби хароҷот ба илм ва маориф дар сохтори буҷети мамлакат гувоҳи он аст, ки моҳияти ин соҳаҳо дар рушди иқтисодиёт ва таъсиси иқтисодиёти донишбунёд дарк карда шудааст. Дар мамлакате, ки сатҳи саводнокӣ 99,9%-ро ташкил медиҳад ва дар гузашта мутафаккирони сатҳи байналмилалии зиёдеро ба камол расонидааст, имконот барои бунёди ҷомеаи донишбунёд пурра вуҷуд дорад.

**Ҷадвали 2.4. - Ҳиссаи хароҷотҳо ба илм ва маориф дар сохтори умумии буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| | Ҳаҷми буҷети давлатӣ | Хароҷоти буҷети давлатӣ ба илм, ҳазор сомонӣ | Бо % | Хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф | Бо% |
|---|---|---|---|---|---|
| 2015 | 16586483,9 | 52890,7 | 0,32 | 2539341,5 | 15,31 |
| 2022 | 25065000,0 | 82820,4 | 0,33 | 4311400 | 17,20 |
| 2023 | 30053803,1 | 99690,7 | 0,33 | 5259873,8 | 17,50 |
| 2024 | 36056818,1 | 119586,7 | 0,32 | 6240815,2 | 17,31 |

**Сарчашма:** [41, с. 378-388]

Дар ҷадвали 2.5 ҳаҷми корҳои илмӣ-техникии басомонрасонидашуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст. Чӣ тавре ки аз ҷадвал бармеояд, ҳаҷми корҳои илмию техникӣ, ки дар соли 2022 дар кишвар анҷом дода мешаванд, ба раванди гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд бетаъсир намемонад (ҷадвали 2.5).

Дар соли 2024 ҳаҷми корҳои илмию техникии иҷрошуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 99133,1 ҳазор сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2017 46333,3 ҳазор сомонӣ, ё худ 87,7% зиёд гардид. Дар ин давра ҳаҷми корҳои илмӣ-техникӣ ба 98588,1 ҳазор сомонӣ, корҳои илмӣ таҳқиқотӣ 90218,4 ҳазор сомонӣ, корҳои лоиҳакашӣ, конструкторӣ ва технологӣ 632,5 ҳазор сомонӣ, корҳои лоиҳакашӣ барои сохтмон 30,9 ҳазор сомонӣ ва хизматрасониҳои илмию техникӣ 7706,3 ҳазор сомониро ташкил дод. Дар байни корҳои илмӣ-техникии иҷрошуда суръати баланди афзоиш ба корҳои илмӣ-техникӣ (88,5%) ва корҳои лоиҳакашӣ, конструкторӣ ва технологӣ (198,28%) рост меояд.

**Ҷадвали 2.5. - Ҳаҷми корҳои илмию техникии иҷрошуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаз. сомонӣ**

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2024/ 2017 в % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Хаҷми корҳои иҷрошуда | 52799,8 | 58434,0 | 70580,4 | 66788,4 | 74120,4 | 75292,7 | 85625,6 | 99133,1 | 187,75 |
| Аз он ҷумла корҳои илмӣ-техникӣ | 52287,2 | 57937,7 | 70420,9 | 64892,6 | 73513,3 | 74907,1 | 85091,0 | 98588,1 | 188,55 |
| корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ | 51935,6 | 57547,2 4 | 68423,6 | 56650,3 | 67011,5 | 68295,8 | 77996,9 | 90218,4 | 173,71 |
| Аз онҳо корҳои лоиҳакашӣ, конструкторӣ ва технологӣ | 319,0 | 351,4 | 120,5 | 220,3 | 782,7 | 575,0 | 600,0 | 632,5 | 198,28 |
| Корҳои лоиҳакашӣ барои сохтмон | - | - | 20,9 | 12,4 | 27, 4 | 45,5 | 28,4 | 30,9 | 147,85 |
| Хизматрасониҳои илмию техникӣ | 32,6 | 39,1 | 1825,9 | 5664,3 | 5691,8 | 5990,8 | 6465,7 | 7706,3 | - |

**Сарчашма:** [41, с. 68]

Дар баробари зиёд гардидани ҳиссаи бахши хизматрасонӣ дар сохтори ММД, солҳои охир ҳиссаи ин бахш дар шуғл низ боло рафта истодааст. Дар соли 2024 дар бахши хизматрасонӣ 705,5 ҳазор нафар машғули кор буданд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2015 4,4% зиёд аст. Дар баробари ин, ҳиссаи бахши хизматрасонӣ дар таъминоти шуғл дар мамлакат 27,7%-ро ташкил менамояд, ки аз саноат (4,2%) ва сохтмон (3,2%) зиёд аст.

Нишондиҳандаи таъминоти шуғл дар соҳаи маориф дар соли 2017 252,2 ҳазор нафарро ташкил дод, ки ба он 9,9% шуғли умумӣ дар мамлакат ва 35,77% аз шуғл дар бахши хизматрасонӣ рост меояд. Ба шуғл дар бахши иттилоот ва алоқа ҳамчун унсури муҳимми ҷомеаи донишбунёд 11,7 ҳазор нафар дар соли 2024 рост меояд.

**Ҷадвали 2.6. - Динамикаи тағйироти шуғли аҳолӣ дар соҳаи хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳазор нафар**

| Нишондиҳандаҳо | 2017. | 2018 | 2019 | 2020. | 2021 | 2022. | 2023 | 2024 | 2024/ 2017, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Бахши хизматрасонӣ | 675,7 | 690,5 | 721,7 | 726,6 | 735,3 | 751,8 | 769,4 | 705,5 | 104,4 |
| Иттилоот ва алоқа | 10,2 | 10,7 | 11 | 11,2 | 11,7 | 12,4 | 12,1 | 11,7 | 114,7 |
| Маориф | 209,3 | 220,5 | 231,5 | 235,0 | 242,1 | 247,1 | 256,0 | 252,2 | 120,4 |

**Спрчашма:** [41, с. 84-85]

Таҳлили гузаронидашудаи нишондиҳандаҳои овардашуда нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳо барои иқтисодиёти донишбунёд гузошта шудааст. Дар баробари ин, қайд кардан зарур аст, ки гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд ба гузариш ба технологияҳои насли 5 ва 6 мувофиқат менамояд, ки дар доираи он дониш зиёда аз 50%-ро дар сохтори маҳсулоти истеҳсолшаванда ташкил намуда, тамоми хусусиятҳои раванди истеҳсолотро муқаррар менамояд. Махсусан, дар технологияҳои насли 6 таваҷҷуҳи махсус ба афзалгузории идоракунии технологӣ дода мешавад, ки рушди соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ, аз ҷумла, илм ва маорифро

таблиғ менамояд. Аммо вазъи воқеӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт чораандешии минбаъдаро тақозо менамояд.




**Расми 2.2. Ҳароҷот ба таҳқиқот ва ихтироот аз рӯи мамлакатҳо**
**Сарчашма:** [5]

Дар баробари ин, маблағгузорӣ ба таҳқиқот ва ихтироот имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати давлатҳои дигари ҷаҳон қаноатмандкунанда нест. Зеро таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар соли 2021 хароҷоти ҷаҳонӣ ба таҳқиқот ва кашфиёт 1,1 трлн евроро ташкил дод, ки 93%-и он ба 8 давлати мутараққии саноатии ҷаҳон ва 3 давлати нави саноатӣ, аз қабили ИМА, Чин, Ҷопон, Олмон, Швейтсария, Кореяи Ҷанубӣ, Шоҳигарии Британия, Фаронса, Тайван, ва Нидерланд рост меояд.

Чӣ тавре ки асоси тамоми ихтироот – таҳқиқоти фундаменталӣ ба шумор меравад, зиёд намудани маблағгузорӣ ба таҳқиқоти илмии пойгоҳӣ хеле муҳим мебошад. Он дар давраи дарозмуддат ба болоравии маҳсулнокӣ аҳаммият дода, дар ташаккулёбии илмҳои дақиқ ва амалӣ мусоидат менамояд.

Дар баробари ин, баланд бардоштани талабот ба илм тариқи афзудани миқдори докторантон, аспирантон, докторони фалсафа ва магистрон хеле муҳим ба шумор меравад.

Дар соли 2024 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шумораи кормандони илмӣ-техникӣ 1233 нафар дорои дараҷа ва унвони илмӣ буданд, ки аз онҳо 320 нафарро доктори илм ва 913 нафарро номзади илм ташкил дод. Дар соли 2015 ин нишондиҳандаҳо мутаносибан ба 1076 нафар; 328 ва 748 нафар баробар буданд. Дар давоми 7 соли таҳлилшаванда миқдори кормандони унвони илмидошта 14,59%, докторони илм 3,8%, номзадони илм 22,06% афзудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024 ба даҳ ҳазор нафар аҳолӣ 0,82 нафар кормандони дараҷа ва унвони илмидошта, 3,15 нафар докторони илм ва 1,10 нафар номзадони илм рост меояд. Ин нишондиҳанда дар соли 2015 мутаносибан ба 0,79, 2,61 ва 1,14 баробар буд.

**Ҷадвали 2.7. Шумораи кормандони илмӣ-техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба доштани унвонҳои илмӣ**

| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2024/2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Миқдори кормандони дараҷаи илмидошта | 1076 | 1074 | 1024 | 1141 | 1201 | 1186 | 1188 | 1233 | 114,59 |
| Ба 10000 нафар аҳолӣ | 0,79 | 0,81 | 0,87 | 0,80 | 0,78 | 0,82 | 0,83 | 0,82 | 103,80 |
| доктори илм | 328 | 307 | 293 | 325 | 362 | 337 | 322 | 320 | 97,56 |
| Ба 10000 нафар аҳолӣ | 2,61 | 2,85 | 3,05 | 2,81 | 2,57 | 2,88 | 3,07 | 3,15 | 120,69 |
| номзади илм | 748 | 767 | 731 | 816 | 839 | 849 | 866 | 913 | 122,06 |
| Ба 10000 нафар аҳолӣ | 1,14 | 1,14 | 1,22 | 1,12 | 1,11 | 1,14 | 1,14 | 1,10 | 96,49 |

**Сарчашма:** [41, с. 26]

Солҳои охир вобаста ба афзоиши шумораи докторантон аз рӯйи ихтисос тамоюли манфии рушди нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти аспирантура ва докторантура ба чашм мерасад. Мувофиқи омори расмӣ, дар соли 2024, миқдори аспирантҳо дар мамлакат 142 нафарро ташкил дод, ки аз онҳо 52 нафарашонро занҳо ташкил медиҳанд. Дар ин сол 51 нафар ба аспирантура дохил гардида, 39 нафар аспирантураро хатм намудаанд.

Микдори аспирантон дар соли 2024 нисбат ба соли 2017 91,61% коҳиш ёфтааст.

**Ҷадвали 2.8. - Динамики тағйирёбии шумора, қабул ва хатми аспирантҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2024/2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъи аспирантҳо | 1672 | 1576 | 1506 | 1289 | 758 | 339 | 219 | 142 | 8,49 |
| Аз онҳо занҳо | 650 | 585 | 561 | 416 | 287 | 107 | 64 | 52 | 8,00 |
| Ҳамагӣ ба аспирантура қабул шуданд | 541 | 478 | 472 | 198 | 9 | 8 | 31 | 51 | 9,43 |
| Аз онҳо занҳо | 196 | 149 | 147 | 50 | 2 | 3 | 14 | 28 | 14,29 |
| Ҳамагӣ аспирантураро хатм карданд | 414 | 451 | 445 | 378 | 393 | 360 | 170 | 39 | 9,42 |
| Аз онҳо занҳо | 129 | 139 | 145 | 126 | 106 | 130 | 47 | 7 | 5,43 |

**Сарчашма:** [41, с. 26]

Дар баробари ин, қайд кардан зарур аст, ки аз шумораи умумии аспирантон ҳиссаи онҳо дар соҳаҳои иқтисодиёт, филология, ҳуқуқшиносӣ ва тиб нисбатан зиёд буда, дар соҳаҳои илмҳои дақиқ, аз қабили кимиё, физикаю математика, техникӣ, геологӣ, меъморӣ нисбатан камтаранд. Дар баробари ин, қисми зиёди аспирантон ё таҳсилро дар аспиратура ба итмом намерасонанд ва ё пас аз хатм сари вақт ҳимоя намекунанд, ки ин ба суръати пасти афзоиши кормандони илмӣ-техникии унвони илмидошта оварда мерасонад.

Ҳамасола қисми зиёди хатмкардагони макотиби олии мамлакат рӯ ба муҳоҷират меоранд, ки дар ташаккули иқтисодиёти кадрии мамлакат таъсири манфӣ мерасонанд. Ин, дар навбати худ, ба ҳиҷрати мағзҳо ва фирори ақидаҳо оварда мерасонад. Ҳамин тавр, фирори мағзҳо ва фирори ақлҳо на танҳо ба ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд таъсир мерасонад, балки барои амнияти иқтисодиву сиёсии мамлакат таҳдид эҷод менамояд.

Хусусияти муҳимми иқтисодиёти донишбунёд дар баробари рушди соҳаи илм ва маориф бевосита ба ташаккулёбӣ ва рушди сармояи инсонӣ

алоқаманд аст. Рушди сармояи инсонӣ дар мамлакат, пеш аз ҳама, ба рушди маориф ва иқтисоди таҳсилотии мамлакат алоқаманд аст

**Ҷадвали 2.9. - Нишондиҳандаҳои рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017-2024**

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022. | 2023 | 2024 | 2024/ 2017, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Адади муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, воҳид | 578 | 602 | 615 | 636 | 662 | 678 | 696 | 707 | 122,32 |
| Шумораи кӯдакон дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, ҳазор нафар | 92,0 | 91,1 | 93,1 | 96,6 | 102,2 | 97,2 | 101,2 | 102,5 | 111,41 |
| Муассисаҳои миёнаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, адад | 3855 | 3874 | 3879 | 3877 | 3893 | 3920 | 3949 | 3972 | 103,04 |
| Шумораи хонандагон, ҳазор нафар | 1785,8 | 1838,8 | 1907,7 | 1970,9 | 2035,2 | 2110,2 | 2196,8 | 2233,0 | 125,04 |
| Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, адад | 66 | 67 | 67 | 70 | 74 | 78 | 79 | 84 | 127,27 |
| Донишҷӯёни онҳо, ҳазор нафар | 68,9 | 76,7 | 82,4 | 86,5 | 90,4 | 97,7 | 95,5 | 87,2 | 126,56 |
| Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, адад | 38 | 39 | 39 | 39 | 40 | 41 | 41 | 46 | 121,05 |
| Донишҷӯёни он ҳо, ҳазор нафар | 176,5 | 186,9 | 195,7 | 209,8 | 229,6 | 245,9 | 239,5 | 218,1 | 123,57 |

**Сарчашма:** [41, с. 41-65]

Соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соли 2024 707 адади муассисаи таҳсилоти томактабӣ, 3972 муассисаи миёнаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 84 адад муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ва 46 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ташкил медиҳад. Дар давоми солҳои 2024-2017 тамоюли мусбии рушди маорифи мамлакат мушоҳида гардида, дар ин давра миқдори муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ 22,2%, муассисаҳои миёнаи

таҳсилоти миёнаи умумӣ 3,04%, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 27,2 ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ 21, 05% афзудаанд. Шумораи кӯдакон дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ 102,5 ҳазор нафар (афзоиш –11,41%), шумораи хонандагони муассисаҳои миёнаи таҳсилоти миёнаи умумӣ 2233,0 ҳазор нафар (афзоиш 125,04%), донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 87,2 ҳазор нафар (афзоиш 126,56%) ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ 218,1 ҳазор нафар (афзоиш 123,57%)-ро ташкил дод.

Дар ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳимро ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ мебозад [2, с. 116]. Нишондиҳандаи муҳимме, ки вазъи иҷтимоии ташаккулёбии сармояи инсониро арзёбӣ менамояд, шохиси рушди иқтисоди инсоният ба шумор меравад, ки дар доираи барномаи рушди СММ таҳия карда шудааст. Ин нишондиҳанда аз рӯйи се зернишондиҳандаи муҳим - дарозумрӣ, сатҳи ноилшудаи рушди маориф ва сатҳи зиндагӣ, ки аз рӯйи ММД ба сари аҳолӣ ҳисоб карда мешавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни 152 давлати ҷаҳон аз рӯйи шохиси рушди инсоният дар ҷаҳон дар ҷойгоҳи 86-ум қарор дорад, ки 10 мавқеъ дуртар аз сатҳи миёнаи ҷаҳонӣ мебошад. Қимати ин шохис дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 – 0,50%-ро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2018 0,4 нишондиҳанда заифтар шудааст. Муқоисаи нишондиҳандаи мазкур бо 5 давлати пешсаф ва 5 давлати қафомонда нишон медиҳад, ки дар соли 2020 қимати баландтарин бо бузургии 0,77 ба Норвегия, 0,75 ба Исландия, 0,76 ба Швейтсария ва 0,80 ба Ирландия ва 0,79 ба Ирландия рост меояд. Дар давлатҳои қафомонда, ба мисли Ҷумҳурии Африқои Марказӣ, Чад, Судони Ҷанубӣ, Нигер ва Мали он ба ҳудуди 0,30 - 0,32 баробар аст. Зернишондиҳандаҳои шохиси мазкур аз қабили эҳтимолияти зинда мондани кӯдак то синни 5-солагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 0,97 воҳидро ташкил медиҳад, ки аз давлатҳои пешсаф 0,3 воҳид пасттар аст ва аз давлатҳои қафомонда 0,7 воҳид зиёдтар аст. Давомнокии пешбинишудаи таҳсил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 10,9 солро ташкил менамояд, ки аз давлатҳои

пешрафта 2,8 сол паст аст. Дар баробари ин, қайд кардан зарур аст, ки давомнокии миёнаи таҳсил дар ҷаҳон 6,85 солро ва пасттарини он 5,2 солро ташкил медиҳад, ки нишондиҳандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбатан баландтар аст.

**Ҷадвали 2.10. Шохиси рушди инсоният барои як қатор давлатҳо**

| | Панҷгонаи аввал | | | | | | Панҷгонаи охир | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| мавқеъ | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 86 | 152 | 151 | 150 | 149 | 148 |
| Давлатҳо/ нишондиҳандаҳо | Норвегия | Исландия | Швейтсария | Финландия | Ирланлия | Тоҷикистон | ҶАМ | Чад | Судан Ҷанубӣ | Нигер | Малӣ |
| Эҳтимолияти зинда мондан то синни 5 | 1.00 | 1.00 | 1.00 | 1.00 | 1.00 | 0.97 | 0.88 | 0.88 | 0.90 | 0.92 | 0.90 |
| Давомнокии пешбинишудаи таҳсил | 13.7 | 13.5 | 13.3 | 13.7 | 13.9 | 10.9 | 4.6 | 5.3 | 4.7 | 5.5 | 5.2 |
| Холҳои ҳамоҳангшудаи санҷиш | 514 | 498 | 515 | 534 | 521 | 391 | 369 | 333 | 336 | 305 | 307 |
| Омӯзиши солҳои таҳсил дар мактаб | 11.2 | 10.7 | 10.9 | 11.7 | 11.6 | 6.8 | 2.7 | 2.8 | 2.5 | 2.7 | 2.6 |
| Коэффитсиенти зиндамонии калонсолон | 0.94 | 0.95 | 0.95 | 0.93 | 0.94 | 0.87 | 0.59 | 0.65 | 0.68 | 0.77 | 0.75 |
| Қисмати кӯдакони то 5-сола. ки қадпаст нестанд | – | – | – | – | – | 0.82 | 0.59 | 0.60 | 0.69 | 0.52 | 0.73 |
| Индекси рушди инсоният 2020 | 0.77 0 | 0.75 | 0.76 | 0.80 | 0.79 | 0.50 | 0.29 | 0.30 | 0.31 | 0.32 | 0.32 |
| Индекси рушди инсоният 2018 | 0.77 | 0.74 | 0.77 | 0.81 | 0.81 | 0.54 | | 0.30 | 0.31 | 0.32 | 0.32 |
| Индекси рушди инсоният, с. 2010 | .77 | 0.76 | 0.77 | 0.82 | 0.77 | | | 0.29 | | - | - |

**Сарчашма:** [58, с. 87]

Омӯзиши солҳои таҳсил дар мактаб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 6,8 сол баробар аст, ки ба ин, пеш аз ҳама, фарогир набудани ҳамаи духтарон ба таҳсилоти умумӣ (ибтидоӣ, умумии асосӣ, миёнаи умумӣ) то соли 2027 таъсир мерасонид ва дар назар аст, ки баъд аз ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф” ва ҳатмӣ кардани таҳсилоти миёнаи умумӣ марҳила ба марҳила баланд гардад. Дар

баробари ин, гузариш ба таҳсилоти умумии 12-сола марҳила ба марҳила омили муҳим дар рушди маориф хоҳад буд.

Дар баробари дар сатҳи миёна қарор доштани Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сатҳи ҷаҳонӣ аз рӯйи индекси рушди инсоният муқоисаи мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар давлатҳои ИДМ нишон медиҳад, ки барои баланд бардоштани қимати рушди инсоният роҳандозии тадбирҳои иловагӣ зарур аст. Зеро дар муқоиса бо дигар давлатҳои ИДМ мавқеи 86-уми мамлакат аз Беларус 48 мавқеъ, Қазоқистон 47 мавқеъ, Россия 47 поёнтар аст (ниг. ҷадвали 2.11).

**Ҷадвали 2.11. Шохиси рушди инсоният барои як қатор давлатҳо**

| | | Мавқеъ | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 86 | 38 | 39 | 42 | 45 | 47 | 53 | 56 | 61 | 69 | 86 |
| | | Тоҷикистон | Белорус | Қазоқистон | Росия | Украина | Грузия | Армения | Озорбойҷон | Молдова | Қирғизистон | Узбекистон |
| Зернишондиҳандаҳо | Эҳтимолияти зинда мондан то синни 5 | 0.97 | 1.00 | 0.99 | 0.99 | 099 | 0.99 | 0.99 | 0.98 | 0.98 | 0.98 | 0,98 |
| | Давомнокии пешбинишудаи таҳсил | 10.9 | 13.8 | 13.7 | 13.7 | 12,9 | 12.9 | 11.3 | 12.4 | 11.8 | 12.9 | 12,0 |
| | Холҳои ҳамоҳангшудаи санҷиш | 391 | 488 | 416 | 498 | 478 | 400 | 443 | 416 | 439 | 420 | 474 |
| | Омӯзиши солҳои таҳсил дар мактаб | 6.8 | 10.8 | 9.1 | 10.9 | 9,9 | 8.3 | 8.0 | 8.3 | 8.3 | 8.7 | 9,1 |
| | Коэффитсенти зиндамонии калонсолон | 0.87 | 0.85 | 0.84 | 0.80 | 0,81 | 0.85 | 0.89 | 0.88 | 0.84 | 0.85 | 0,87 |
| | Қисмати кӯдакони то 5-сола қадпаст нестанд | 0.82 | – | 0.92 | – | - | – | 0.91 | 0.82 | 0.94 | 0.88 | 0,89 |
| | Индекси рушди инсоният 2020 | 0.50 | 0.70 | 0.63 | 0.68 | 0,63 | 0.57 | 0.58 | 0.58 | 0.58 | 0.60 | 0,62 |
| | 2018 | 0.54 | | 0.78 | 0.73 | 0,64 | 0.61 | 0.58 | 0.63 | 0.58 | 0.59 | 0.50 |

**Сарчашма:** [58, с. 89]

«Ҳамин тавр, дар асоси таҳқиқи гузаронидашуда хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз баъзе мушкилот заминаҳои ташаккулёбии ҷомеаи донишбунёд гузошта шудааст. Иқтисодиёти мамлакат имкониятҳои зиёд барои чунин гузаришро дорад, ки ин пеш аз ҳама, ба иқтидори баланди муассисаҳои таҳсилоти олӣ, рушди баланди иқтисодиёт, рушди баланди воситаҳои алоқа ва иттилоот ба шумор меравад» [28, с. 55].

Дар баробари ин, барои вусъатбахшӣ ба ин раванд зарур аст консепсияи муосири таҳсилот вобаста ба тағйироти бавуқуъоянда дар иқтисодиёт ва хоҷагии ҷаҳонӣ бо дарназардошти афзалиятгузорӣ ба дониш, илм, ҷомеаи рақамӣ ва инноватсионӣ гузошта шавад. Барномаҳои таҳсилотии макотиби олии мамлакат ба талаботи иқтисодиёти донишбунёд мувофиқ карда шуда, иқтидори кадрии корхонаҳо ва муассисаҳои истеҳсолию таълимӣ баланд бардошта шавад. Дар баробари ин, зарур аст сифати таҳсилот дар мактабҳои миёнаи умумӣ ва олии касбӣ баланд бардошта шуда, салоҳиятҳои касбии хатмкунандагон ба талаботи иқтисодиёти донишбунёд мувофиқ карда шавад. Бояд тамоми табақаҳои ҷомеа дарк намоянд, ки таҳкурсии асосии иқтисодиёти донишбунёд – дониш ва таҷрибаи истифодаи он дар амал ба шумор меравад. Моҳияти гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд дар муосиргардонии иқтисодиёти анъанавӣ таҷассум меёбад, ки мукаммалгардонии технологияҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоиро тақозо менамояд, ки ҳамаи он, дар навбати худ, ба ислоҳоти соҳаи маориф асос меёбад. Амалишавии тавсияҳои пешниҳодшуда дар амал имкон медиҳад, ки сатҳи саводнокии аҳолӣ баланд бардошта шуда, сифати зиндагӣ беҳтар, рушди соҳаҳои иқтисодиёт, фарҳанг, маориф ва илм дар асоси истифодаи дастовардҳои илм ва техника таъмин карда шавад.

## 2.3. Моделсозии регрессионии таъсири иқтисодиёти донишбунёд ба рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар шароити трансформатсияи сохтори иқтисодӣ ба самти иттилоотонӣ ва зеҳниятонӣ, сатҳи рушди иқтисодиёти донишбунёд ба унсури калидии таъмини рушди устувори иқтисодӣ табдил меёбад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки хусусиятҳои иқтисодии он бо сатҳи маҳдуди саноатӣ, тавозуни манфии савдои хориҷӣ ва сатҳи пасти ҳамгирой ба занҷирҳои ҷаҳонии арзиши иловашуда тавсиф мегарданд, гузариш ба модели иқтисодиёти донишбунёд ба сифати омили зарурӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирӣ, диверсификатсияи иқтисодӣ ва коҳиш додани вобастагӣ аз омилҳои беруна арзёбӣ мегардад. Бо вуҷуди он ки кишвар дорои захираҳои назарраси сармояи инсонӣ ва ҳиссаи қобили мулоҳизаи аҳолии ҷавон дар сохтори қувваи корӣ мебошад, ин захираҳо то ҳол ба манбаъҳои устувори рушди иқтисодӣ табдил наёфтаанд. Дар чунин шароит, истифодаи моделсозии регрессионӣ ҷиҳати арзёбии таъсири нишондиҳандаҳои иқтисодиёти донишбунёд ба рушди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият медиҳад, ки иқтидори ин соҳа дар самти таъмини рушди устувори иқтисодӣ пурра ошкор гардад.

Ҳадафи асосии таҳқиқот ба ҳисоб гирифтани арзёбии миқдорӣ оид ба таъсири маҷмуи индикаторҳои иқтисодиёти донишбунёд ба динамикаи рушди иқтисодӣ тавассути ҳамгироии заминаҳои назариявӣ оид ба нақши дониш дар рушди иқтисодӣ ва гузаронидани таҳлили эмпирикии нишондиҳандаҳои муҳим дар доираи масъалаи мавриди таҳлил мебошад.

Аҳаммияти назариявии тадқиқот дар ғанигардонии заминаи илмӣ дар самти омӯзиши нақши дониш дар рушди иқтисодӣ, таҳлили хусусиятҳои ҳамоҳангсозии назарияҳои классикӣ ва муосири рушди иқтисодӣ ва мусоидат ба такмили минбаъдаи асосҳои методологии иқтисодиёти донишбунёд ифода меёбад. Аҳаммияти амалӣ бошад, дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд ҳамчун асос барои

мақомоти давлатӣ дар самти суръатбахшии гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд, такмил додани индикаторҳои асосӣ ва рушди сиёсати марбута истифода шаванд. Илова бар ин, хулосаҳои тадқиқот метавонанд барои вазорату идораҳои соҳавӣ ҳангоми таҳияи стратегияи миллӣ оид ба рушди иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти амалӣ дошта бошанд.

Заминаи методологии таҳқиқотро муносибати низомӣ ва мукаммал дар омӯзиши таъсири иқтисодиёти донишбунёд ба рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад. Тадқиқот ба назарияҳои классикӣ ва муосири рушди иқтисодӣ, моделҳои иқтисодиёти донишбунёд, инчунин, ба осори муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ такя мекунад. Дар доираи ин кор, консепсияҳои назариявии таъсири иқтисодиёти донишбунёд ба рушди иқтисодӣ бо истифода аз усули байнисоҳавӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки он назарияҳои сармоя, пешрафти технологӣ ва таъминкунии институтсионалии рушдро фаро мегирад.

Дар раванди таҳқиқот маҷмуи усулҳои омӯзиши иқтисодиёт (таҳлили коррелятсионӣ, таҳлили регрессионӣ) низ истифода шудааст, ки ин имкон дод, то модели содакардашудаи таъсири индикаторҳои иқтисодиёти донишбунёд ба рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардад. Бо ин мақсад таҳлил аз консепсияҳои асосии рушди иқтисодӣ оғоз мегардад, ки дар онҳо, дар баробари дигар омилҳо, ба омили дониш таваҷҷуҳи махсус дода шудааст.

Бояд зикр кард, ки консепсияҳои муосири рушди иқтисодӣ бар маҷмуи назарияҳои классикӣ ва муосир такя доранд. Сарчашмаҳои ин назарияҳо аз кори Р. Соло оғоз мегарданд, ки дар он “сармоя, меҳнат ва технология ҳамчун омилҳои рушди иқтисодӣ муайян шудаанд” [132, с. 66], таҳқиқоти Сакс ва Уорнер, ки “манбаъҳои табииро омили рушд мешуморанд” [129, с. 823] инчунин аз назарияҳои Р.И. Лукас [125], Н. Манкю [126], В. Пауэлл, К. Снеллман [127] ва дигарон, ки дар онҳо ба омили дониш ва навовариҳо таваҷҷуҳи хос зоҳир шудааст.

«Эволютсияи рушди назарияи иқтисодӣ боис гардид, ки дар асри XXI парадигмаи нав - модели иқтисодиёти донишбунёд ташаккул ёбад. Мувофиқи ин модел, қувваҳои ҳаракатдиҳандаи рушди иқтисодӣ аз дороиҳои моддӣ ба самти дороиҳои ғайримоддӣ - дониш, сармояи инсонӣ, технология ва навовариҳо мегузаранд» [75, с. 64].

«Дар модели иқтисодиёти донишбунёд, дониш на танҳо ҳамчун абзори муассири таъмини рушди устувори иқтисодӣ, балки ҳамчун воситаи беҳтарсозии нишондиҳандаҳои сифатии рушд арзёбӣ мегардад» [127]. Дар муқоиса бо омилҳои суннатии рушди иқтисодӣ, сармояи зеҳнӣ мавқеи ҳукмрон дорад ва пешрафти иқтисодӣ бештар бо дастовардҳои илмӣ ва технологӣ пайваст мешавад.

Омӯзиши заминаҳои назариявию методологии рушди модели иқтисодиёти донишбунёд нишон медиҳад, ки яке аз аввалин муҳаққиқоне, ки мафҳуми иқтисодиёти донишбунёдро баён кардааст, Алфред Маршалл мебошад. Ӯ рушди иқтисодиро ҳамчун маҷмуи равандҳои истеҳсолӣ, ки бар асоси дониш ташкил ёфтаанд ва ба суръатбахшии тағйироти технологӣ мусоидат мекунанд, тавсиф кардааст.

Дар назарияи рушди навоваронаи Й. Шумпетер, «...рушд натиҷаи воридсозии комбинатсияҳои нави омилҳо арзёбӣ мегардад. Дар ин ҷо, ба навовариҳои соҳибкорӣ барои тағйири сохторҳои иқтисодӣ аҳаммияти махсус дода мешавад, ки мустақиман ба мафҳуми иқтисодиёти донишбунёд иртибот дорад» [56, с. 85].

Мувофиқи назарияи неоклассикии Р. Солоу, «...рушди устувор бо шарофати сармоягузорӣ, меҳнат ва пеш аз ҳама, пешрафти технологӣ имконпазир мегардад. Пешрафти технологӣ ҳамчун омили экзогенӣ самти дарозмуддати афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилиро муайян мекунад» [133, с. 66].

Назарияҳои эндогении Лукаси Р. [125, с. 6] пешрафти илмӣ-техникиро ҳамчун омили дохилан тавлидшудаи низом арзёбӣ менамоянд. Дар ин ҷо дониш ҳамчун неъмати ҷамъиятӣ баррасӣ мешавад ва сармоягузорӣ ба

маориф, ҳифзи моликияти зеҳнӣ, дастгирии инфрасохтори таҳқиқотӣ ва муҳити институтсионалӣ ҳамчун шартҳои асосии рушди устувор дониста мешаванд.

Ҳамин тариқ, омӯзиши консепсияҳои назариявии таъсири иқтисодиёти донишбунёд ба рушди иқтисодӣ ба заминаи мураккаби байнисоҳавӣ такя мекунад, ки назарияҳои сармоя, пешрафти технологӣ ва таъминкунии институтсионалии рушдро фаро мегирад. Истифодаи амалии он бо роҳи ченкунии индикаторҳои иқтисодиёти донишбунёд имконпазир мегардад (ҷадвали 2.12).

**Ҷадвали 2.12. - Таҳлили муқоисавии таркиби индекси иқтисодиёти донишбунёд дар доираи равишҳои гуногуни институтсионалӣ**

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Бонки Ҷаҳонӣ | Ҷузъҳои асосии шохис | Индекси муҳити инфрасохтории ҷаҳонӣ | Индекси маориф ва захираҳои инсонии босалоҳият | Индекси навовариҳои технологӣ | Индекси технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК) |
| | Нишондиҳандаҳои андозагирӣ | Монеаҳои гумрукӣ, муҳити танзимкунанда, хароҷот барои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва коркард (НИОКР) | Давомнокии миёнаи таҳсил (бо солҳо) | Шумораи дархостҳо барои патентҳо ва тамғаҳои молӣ, шумораи нашрияҳои илмӣ | Шумораи телефонҳо ба ҳар 1000 нафар, шумораи компютерҳо ба ҳар 1000 нафар, шумораи истифодабарандагони Интернет ба ҳар 1000 нафар |
| Бонки аврупоии таҷдид ва рушд | Ҷузъҳои асосии шохис | Муҳити институтсионалӣ барои навовариҳо | Малакаҳо ва салоҳиятҳо барои фаъолияти инноватсионӣ | Низоми инноватсионӣ | Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ |
| | Нишондиҳандаҳои андозагирӣ | Кушодагии иқтисодӣ. Муҳити соҳибкорӣ ва сифати идоракунӣ | Малакаҳои умумӣ ва ихтисосӣ | Вобастагии вуруд ва баромадҳо (дар раванди инноватсионӣ) | Дастрасӣ ба технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, Сатҳи рушдёфтдагии технологияи ТИК» |

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф бо истифода аз сомонаҳои Бонки Ҷаҳонӣ ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд (БАТР).

Бояд қайд кард, ки таъсири иқтисодиёти донишбунёд ба вазъи иқтисодӣ дар доираи баҳсҳои гуногуни илмӣ мавриди баррасӣ қарор

мегирад. Иқтисодшиносони хориҷӣ Л. Соете ва Д. Нифф ба хулосае расидаанд, ки «...дониш ба сохтори иқтисодӣ таъсир расонида, боиси тағйироти ҳам сохторӣ ва ҳам иҷтимоӣ мегардад. Ба андешаи онҳо, дониш махсусан ба ҳаҷми бекорӣ, усулҳои ташкили меҳнат ва истеҳсолот, инчунин, ба сиёсати технологӣ таъсири назаррас мерасонад» [54, с. 12].

Муҳаққиқи хориҷӣ С.А. Асону ва ҳамкорони ӯ, «...бо таҳлили робитаи байни натиҷаҳои иқтисодӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар мисоли як қатор кишварҳои рӯ ба рушд, робитаи заиф, вале устуворро миёни нишондиҳандаҳои иқтисодиёти донишбунёд ва самаранокии иқтисодӣ муайян намуданд» [49]. Бо вуҷуди ин, «...таъсири иқтисодиёти донишбунёд ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ назар ба тағйирёбандаҳои анъанавии назоратӣ, аз қабили сармоягузории мустақими хориҷӣ, кумаки беруна ё сармоягузории хусусӣ, бештар арзёбӣ гардид» [123, с. 165].

Ҳамзамон, дараҷаи таъсири ин унсурҳои иқтисодиёти донишбунёд ба нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ дар заминаи амалӣ ҳанӯз пурра таҳқиқ нашудааст. Ин ҳолат зарурати гузаронидани таҳлили эмпирикиро тақозо мекунад, ки ҳадафи он муайян намудани вобастагии микдорӣ миёни рушди унсурҳои иқтисодиёти донишбунёд ва афзоиши иқтисодӣ мебошад.

Бо дарназардошти ин, мо кӯшиш менамоем таъсири омилҳои асосии иқтисодиёти донишбунёд, аз қабили индекси маориф, сатҳи фарогирии интернет, хароҷот барои корҳои илмиву таҳқиқотӣ ва дигар индикаторҳои институтсионалӣ ба рушди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳқиқ намоем. Барои расидан ба ин ҳадаф аз усулҳои таҳлили коррелятсионӣ, регрессияи хаттии серомила, визуализатсия ва тафсири параметрҳои модел истифода хоҳем кард.

Таҳлили гузаронидашуда имкон медиҳад, ки на танҳо самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи дониш ва навовариҳо муайян шаванд, балки зарурати таҳкими институтсионалӣ, васеъ намудани дастрасӣ ба инфрасохтори рақамӣ ва баланд бардоштани фаъолияти сармоягузорӣ дар бахши илм ва маориф асоснок гардад.

Ҳамчун абзори методологӣ мо таҳлили коррелятсионӣ ва арзёбии таъсири индикаторҳои иқтисодиёти донишбунёд ба рушди иқтисодӣ тавассути усули регрессияи хаттии серомиларо авлотар медонем [30, 31]. Таҳлили коррелятсионӣ имконият медиҳад, ки дараҷаи робитаи хаттӣ миёни тағйирёбандаҳо муайян карда шавад, дар ҳоле ки регрессияи хаттии серомила имкон медиҳад таъсири миқдории нишондиҳандаҳои иқтисодиёти донишбунёд ба ММД ба ҳар сари аҳолӣ ҳисоб карда шавад. Маълумот барои гузаронидани таҳлили регрессионӣ дар ҷадвали зерин оварда шудааст (ҷадвали 2.13).

**Ҷадвали 2. 13 – Маълумоти оморӣ барои модел**

| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ММД ба сари аҳолӣ, сомонӣ | 7291,4 | 7870,2 | 8580,1 | 8922,2 | 10312,0 | 11838,8 | 12868,8 |
| Суръати афзоиши ММД, % | 7,1 | 7,6 | 7,4 | 4,4 | 9,4 | 8,0 | 8,3 |
| Хароҷот ба илм (% аз ММД) | 0,085333 | 0,08458 | 0,090999 | 0,081938 | 0,084354 | 0,091433 | 0,201959 |
| Хароҷоти буҷети давлатӣ ба илм | 60636,7 | 66910,7 | 76401,0 | 82820,4 | 99690,7 | 119586,7 | 143510,8 |
| Шохиси маориф | 0,702 | 0,673 | 0,682 | 0,68 | 0,702 | 0,68 | 0,68 |
| Шохиси рушди инсоният | 0,659 | 0,668 | 0,668 | 0,656 | 0,677 | 0,679 | 0,691 |
| Фоизи истифодабарандагони интернет % | 28,16 | 32,30 | 34,56 | 34,44 | 35,12 | 37,71 | 42,57 |
| Шохиси самаранокии идоракунии давлатӣ | | | -1,12 | -0,76 | -0,65 | 0,76 | -0,77 |
| Шохиси сифати танзим | | | -1,06 | -1,07 | -1,15 | -1,20 | -1,18 |
| Индекси волоияти қонун | | | -1,8 | -1,78 | -1,70 | -11,67 | -1,63 |

**Сарчашма:** [42, с. 478]; инчунин маълумот аз сомонаҳои расмии Бонки Ҷаҳонӣ, ITU ва Барномаи рушди СММ (ПРООН).

ММД ба ҳар сари аҳолӣ (бо сомонӣ) ҳамчун тағйирёбандаи вобаста баррасӣ мегардад, дар ҳоле ки хароҷот барои илм, индекси маориф, ҳиссаи истифодабарандагони интернет, индекси самаранокии идоракунии давлатӣ, индекси сифати танзим ва индекси волоияти қонун ҳамчун тағйирёбандаҳои новобаста истифода мешаванд.

Барои баҳогузории қувваи робитаи хаттӣ байни ду тағйирёбандаи миқдорӣ X ва Y аз коэффитсиенти коррелятсияи Пирсон истифода бурда мешавад, ки он мувофиқи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$r_{xy} = \frac{\sum_{i=1}^{n}(X_i - \overline{X})(Y_i - \overline{Y})}{\sqrt{\sum_{i=1}^{n}\left(X_i - \overline{X}\right)^2 \cdot \sum_{i=1}^{n}(Y_i - \overline{Y})^2}}$$

**Дар ин ҷо:**

– $X_i, Y_i$ – арзишҳои тағйирёбандаҳо дар мушоҳидаи i-юм;

- $\overline{X}, \overline{Y}$ – миёнаҳои интихобӣ барои ҳар як тағйирёбанда;
- n – шумораи мушоҳидаҳо.

Арзиши r дар ҳудуди [−1;1] ҷойгир аст, яъне r∈[−1;1]. Агар r>0,7 бошад, пас робитаи мусбати қавӣ вуҷуд дорад; агар r<–0,7 бошад, пас робитаи манфии қавӣ ба назар мерасад; агар |r|<0,3 бошад, пас байни тағйирёбандаҳо робитаи заиф мушоҳида мегардад.

Барои арзёбии таъсири якчанд омили иқтисодиёти донишбунёд ба рушди иқтисодӣ аз **модели регрессияи хаттии серомила** истифода бурда мешавад, ки шакли умумии он чунин аст:

$$Y = \beta_0 + \beta_1 X_1 + \beta_2 X_2 + \cdots + \beta_k X_k + \varepsilon$$

**Дар он ҷо:**

- Y – тағйирёбандаи вобаста (маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ);

– $X_1, \ldots X_k$ – тағйирёбандаҳои новобаста (омилҳои иқтисодиёти донишбунёд);

– $\beta_0$ – узви озод (intercept);

– $\beta_i$ – коэффитсиентҳои таъсири тағйирёбандаҳои $X_i$;

- ε – хатои тасодуфӣ (residual).

Арзёбии коэффитсиентҳо бо усули **ҳадди ақалли квадратҳо** (МНК) амалӣ мегардад, ки мувофиқи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$\hat{\beta} = (X^{\top}X)^{-1} X^{\top}Y$

**Дар он ҷо:**

X – матритсаи тағйирёбандаҳои шарҳдиҳанда (бо дарбаргирии константа);

Y – вектори арзишҳои мушоҳидашудаи тағйирёбандаи вобаста;

β – вектори коэффитсиентҳои баҳогузоришудаи регрессия.

$$R^2 = 1 - \frac{\sum(y_i - \hat{y})^2}{\sum(y_i - \bar{y})^2}$$

**Дар он ҷо:**

$Y_i$– арзишҳои воқеии тағйирёбандаи вобаста;

$\hat{y}_i$ – арзишҳои пешбинишуда аз рӯйи модел;

$\bar{y}$– миёнаи тағйирёбандаи вобаста.

Арзиши **коэффитсиенти детерминатсия** ($R^2$) дар ҳудуди [0;1] ҷойгир аст, яъне $R^2 \in [0;1]$. Ҳар қадар ки ин коэффитсиент ба 1 наздик бошад, ҳамон қадар ҳиссаи тағйирёбии Y, ки тавассути модели регрессия шарҳ дода мешавад, бештар мебошад.

**Аҳаммияти умумии модел** бо истифода аз **F-омор** арзёбӣ мегардад, ки онро метавон бо шакли зерин ифода кард:

$$F = \frac{(R^2/k)}{(1 - R^2)/(n - k - 1)}$$

**Дар он ҷо:**

k – шумораи тағйирёбандаҳои шарҳдиҳанда;

n – шумораи мушоҳидаҳо.

Арзиши F барои санҷиши фарзия (гипотеза) дар бораи аҳаммияти умумии моделӣ истифода мешавад. Агар Fҳисобӣ>Fҷадвалӣ бошад, гипотезаи сифрӣ дар бораи беаҳаммиятии моделӣ рад карда мешавад ва модел ҳамчун аҳаммиятнок аз нуқтаи назари оморӣ қабул мегардад.

Ҳамин тавр, мо **модели содакардашудаи таъсири индикаторҳои иқтисодиёти донишбунёд ба рушди иқтисодӣ**-ро ба таври зерин таҳия менамоем:

$$GDP_{per\,capita} = \beta_0 + \beta_1 \cdot Internet + \beta_2 \cdot Science + \beta_3 \cdot Goveffect + \varepsilon$$

Дар асоси баҳодиҳӣ:

$$GDP_{per\ capita} - 103800 + 3679 \cdot Internet - 215300 \cdot Science - 4479 \cdot Goveffect + \varepsilon$$

**Дар он ҷо:**

**Internet** – ҳиссаи истифодабарандагони интернет (дар фоиз);

**Science** – хароҷот барои илм (фоиз аз ММД);

**GovEffect** – индекси самаранокии идоракунӣ.

Ҳамин тавр, бо такя ба истифодаи моделҳои дар боло овардашуда ва натиҷаҳои таҳлили анҷомдодашуда **матритсаи коррелятсионӣ** муайян карда мешавад.

**Ҷадвали 2.14 – Натиҷаҳои регрессияи хаттии серомила барои солҳои 2020–2024**

| | Нишондиҳанда | Коэффитсиент | Шарҳ |
|---|---|---|---|
| 1. | Шохиси маориф | –1306.54 | Афзоиши индекси маориф ба 0,1 воҳид бо коҳиши ММД тақрибан ба 130 сомонӣ вобаста аст. |
| 2. | Фоизи истифодабарандагони интернет, % | +227.97 | Афзоиши ҳиссаи истифодабарандагони интернет ба 1% бо афзоиши ММД тақрибан ба 228 сомонӣ алоқаманд аст. |
| 3. | Хароҷот ба илм (% аз ММД) | +3999.82 | Афзоиши хароҷот барои илм ба 1% аз ММД бо афзоиши ММД тақрибан ба 4000 сомонӣ алоқаманд аст. |
| 4. | Шохиси самаранокии идоракунии давлатӣ | +709.02 | Баландшавии индекси сифати идоракунӣ ба 1 воҳид бо афзоиши ММД тақрибан ба 709 сомонӣ вобаста аст. |
| 5. | Шохиси сифати танзим | –14 610 | Манфӣ, эҳтимолан коэффитсиенти ноустувор аст |
| 6. | Шохиси волоияти қонун | +85.36 | Таъсири мусбати заиф |

**Сарчашма**: ҳисобҳои муаллиф.

Тавре ки натиҷаҳои овардашуда дар ҷадвали 2.14 нишон медиҳанд, сатҳи фарогирии интернет, хароҷот барои илм ва самаранокии идоракунии давлатӣ аз муҳимтарин ва мусбаттарин омилҳои рушди иқтисодӣ дар кишвар ба ҳисоб меравaнд. Ин далолат мекунад, ки аз як тараф, сатҳи фарогирии интернет ҳамчун индикатори муҳимми инфрасохтори рақамӣ дар ташаккули иқтисодиёти донишбунёд нақши калидӣ мебозад; аз тарафи дигар, хароҷот барои илм ҳамчун сармоягузориҳои дарозмуддат ба соҳаи навовариҳо ифода

ёфта, дар оянда ба афзоиши ҳосилнокӣ мусоидат менамояд. Самаранокии идоракунии давлатӣ бошад, аҳаммияти институтҳои босифатро дар рушди иқтисодӣ тасдиқ мекунад.

Робитаи манфии ошкоршуда байни афзоиши ММД ва индекси маорифу сифати институтҳо метавонад бо ноустувории оморӣ дар давраи мавриди таҳлил алоқаманд бошад. Ғайр аз ин, бо назардошти он ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон индекси саводнокӣ дар тули даҳсолаҳои охир дар сатҳи хеле баланд (0,99 %) қарор дорад ва қариб ба ҳадди ниҳоӣ расидааст, имконияти афзоиши минбаъдаи он маҳдуд аст.

Ҳамзамон, дар Тоҷикистон ҳамчун як кишвари аграрӣ, қисми асосии ММД то ҳол дар соҳаҳои меҳнатталаб, аз қабили кишоварзӣ ва соҳаи хизматрасонӣ ташаккул меёбад.

**Модели содакардашудаи регрессия** барои се тағйирёбандаи калидӣ дар **ҷадвали 2.15** оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.15. – Модели содакардашудаи регрессия барои се тағйирёбандаи калидӣ**

| | Тағйирёбандаҳо | Коэф. | Шарҳ |
|---|---|---|---|
| | **Фоизи истифодабарандагони интернет %** | +3679.30 | Афзоиши ҳиссаи истифодабарандагони интернет ба 1% бо коҳиши ММД тақрибан ба −3680 сомонӣ алоқаманд мебошад. |
| | **Хароҷот ба илм (% аз ММД)** | –215 300 | Таъсири манфӣ – эҳтимоли артефакт (ҳассосияти бузурги модел) |
| | **Шохиси самаранокии идоракунии давлатӣ** | –4479.30 | Коэффитсиенти манфӣ<br>Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки коэффитсиент манфӣ ва ноустувор аст, ки эҳтимолан ба мултиколлинеариат (ҳамбастагии қавии байни тағйирёбандаҳои модел) вобаста мебошад |

**Сифати моделро бо нишондиҳандаҳои зерин арзёбӣ кардан мумкин аст:**

| **Нишондиҳандаҳо** | $R^2$ = | F-омор | p-value | Adj. $R^2$ = |
|---|---|---|---|---|
| **қимат** | 0.992 | 39.15 | > 0.05 | 0.966 |

***Сарчашма**: ҳисоби муаллиф.

Арзиши $R^2$=0,992 аз қобилияти хеле баланди тавзеҳдиҳии модели таҳияшуда шаҳодат медиҳад. Бо вуҷуди он ки арзиши F-омор 39,15-ро

ташкил медиҳад, аммо p > 0,05 далолат мекунад, ки ҳаҷми интихоботи мушоҳидаҳо ва шумораи тағйирёбандаҳо нисбатан хурд мебошад.

Аз ҷиҳати графикӣ, вобастагиҳои байни ММД ба ҳар сари аҳолӣ ва се омили калидии иқтисодиёти донишбунёдро метавон ба таври зерин нишон дод (расми 2.2).




**Расми 2.2.** Вобастагиҳо байни ММД ба ҳар сари аҳолӣ ва се омили калидии иқтисодиёти донишбунёд

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф.

Бо такя ба натиҷаҳои таҳлил, таъсири ҳамзамони ду омил ба ММД-ро дар шакли графикӣ пешниҳод менамоем (расми 2.3)




**Расми 2.3.** Вобастагии ММД аз ҳиссаи истифодабарандагони интернет ва хароҷот барои илм

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф.

Таҳлили гузаронидашуда нишон дод, ки аз миёни омилҳои калидии иқтисодиёти донишбунёд, сатҳи рақамисозӣ таъсири назаррастаринро ба рушди иқтисодии Тоҷикистон мерасонад. Индикаторҳои муҳити институтсионалӣ ва хароҷоти илмӣ низ робита бо ММД-ро нишон медиҳанд, аммо барои ошкор намудани вобастагиҳои устувор ба интихоби вақтии васеътар ниёз доранд.

Натиҷаҳои бадастомада зарурати дастгирии фаъоли давлатӣ дар самти рушди инфрасохтори рақамӣ, баланд бардоштани сифати идоракунии давлатӣ ва ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ба илм ва маорифро тасдиқ менамоянд.

Хулосабарорӣ аз натиҷаҳои таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки дар айни замон хароҷоти буҷети давлатӣ дар ҳаҷми умумӣ барои маблағгузории лоиҳаҳои бузург дар соҳаи тадқиқот ва рушд кофӣ нестанд. Инро шумораи ками дархостҳо барои патентҳои ихтироот дар кишвар тасдиқ мекунад. Масалан, тибқи маълумоти Муассисаи давлатии «Маркази миллии патентӣ ва иттилоотӣ»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соли 2023 шумораи дархостҳо барои ихтироот 145 ададро ташкил додааст, аммо шумораи патентҳои воқеан гирифташуда дар солҳои охир ҳамагӣ 1-2 адад мебошад, ки ба ҳисоби миёна тақрибан 0,2 патент ба ҳар як миллион аҳолӣ рост меояд.

Илова бар ин, тибқи омори Созмони ҷаҳонии моликияти зеҳнӣ, нисбат ба нишондиҳандаҳои рушди моликияти зеҳнӣ дар кишварҳои ҷаҳон, шумораи умумии дархостҳо барои патенти ихтироот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 ҳамагӣ 11 ададро ташкил додааст, ки аз онҳо 8-тоаш ба сокинони кишвар ва 3-тоаш ба ғайрирезидентҳо рост меояд.

Аз рӯйи маълумоти овардашуда, сарфи назар аз каме афзудан, шумораи дархостҳои патентӣ то ҳол дар сатҳи ниҳоят паст боқӣ мондааст. Набудани массаи интиқодӣ далели сатҳи пасти корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ (НИОКР) ва низоми заифи тиҷоратисозии дастовардҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.




**Расми 2.4. - Шумораи дархостҳо барои патенти ихтироот**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф бо истифода аз [10].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2024 шумораи дархостҳо барои гирифтани тамғаҳои молӣ 146 ададро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2014 127 адад бештар мебошад. Кам шудани шумораи дархостҳо барои гирифтани тамғаҳои молӣ далели сустшавии фаъолиятҳои соҳибкорӣ ва инчунин нишондиҳандаи нокифоя будани кори институтҳои ҳифзи моликияти зеҳнӣ дар самти ҷалби довталабон мебошад.

Аз соли 2014 то соли 2023, тибқи маълумоти Созмони ҷаҳонии моликияти зеҳнӣ, шумораи дархостҳо барои гирифтани намунаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамагӣ 1 ададро ташкил додааст. Ин нишон медиҳад, ки сарфи назар аз талошҳои назаррас барои гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд, ба соҳаи тарроҳии саноатӣ дар кишвар то ҳол таваҷҷуҳи кофӣ зоҳир карда намешавад.

Илова бар ин, аксари дархостҳо барои бақайдгирии тамғаҳои молӣ дар кишвар аз ҷониби резидентҳои хориҷӣ пешниҳод мегарданд, ки ин далели он аст, ки таваҷҷуҳ ба моликияти зеҳнӣ дар Тоҷикистон бештар аз ҷониби тиҷорати хориҷӣ ифода меёбад.




**Расми 2.5. - Шумораи дархостҳо барои тамғаҳои молӣ**
*Сарчашма: таҳияи муаллиф бо истифода аз* [10]

Хулоса кардан мумкин аст, ки бо вуҷуди афзоиши баъзе индикаторҳои иқтисодиёти донишбунёд, нишондиҳандаҳои муҳимми он, аз қабили шумораи дархостҳо аз ҷониби резидентҳо барои патенти ихтироот, дар сатҳи ниҳоят паст боқӣ мемонанд. Ин далели сатҳи пасти фаъолияти илмӣ-технологӣ дар кишвар ва заъфи тиҷоратисозии натиҷаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва коркардҳо мебошад. Сабаби асосӣ дар нокифоя рушд ёфтани ҳамкории муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ, донишгоҳҳо ва бахши хусусӣ мебошад.

Набудани дархостҳо тавассути низомҳои байналмилалии ҳифзи моликияти зеҳнӣ, ба монанди низоми Мадрид ва низоми Гаага, нишон медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар манзараи ҷаҳонии патентӣ мавқеи ночизро ишғол мекунад.

Ғайр аз ин, набудани дархостҳо барои намунаҳои саноатӣ ва коҳиши шумораи дархостҳо барои тамғаҳои молӣ далели заъфи рушди бахши хурду миёнаи соҳибкорӣ дар ҷиҳати маркетинг ва брендсозӣ мебошад. Ин

метавонад ба имкониятҳои содиротии кишвар ва рақобатпазирии маҳсулот дар бозорҳои хориҷӣ таъсири манфӣ расонад.

Ҳамзамон, таҳлилҳои вобаста ба шумораи объектҳои моликияти зеҳнӣ, ки дар шакли тамғаҳои молӣ сабт шудаанд, нишон медиҳад, ки ҳиссаи назарраси ҳамаи ҳуқуқҳои сабтшуда ба нерезидентҳои давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла Федератсияи Россия, ИМА ва Олмон тааллуқ дорад. Ин вазъ нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкатҳои хориҷӣ нисбат ба ширкатҳои ватанӣ дар ҳифзи ҳуқуқҳои худ тавассути патенткунонии ихтироот ва бақайдгирии тамғаҳои молӣ фаъолтар мебошанд.

Ин ҳолат ба рушди экосистемаи миллии инноватсионӣ ва ташаккули иқтисодиёти донишбунёд таъсири манфӣ мерасонад.

## ХУЛОСАИ БОБИ 2

Таҳлили вазъи муосири рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити татбиқи сиёсати саноатикунонии босуръат имкон медиҳад, ки як қатор хулосаҳои илмӣ-амалӣ пешниҳод карда шаванд:

**Якум**, дар солҳои охир иқтисодиёти миллӣ марҳилаи фаъоли навсозии сохториро паси сар менамояд, ки он бо рушди саноат, афзоиши истеҳсолоти ватанӣ, диверсификатсияи соҳаҳо ва густариши инфрасохтори истеҳсолӣ алоқаманд мебошад. Ин раванд заминаи мусоид барои ворид намудани унсурҳои иқтисодиёти донишбунёд – аз ҷумла, технологияҳои рақамӣ, инноватсия ва идоракунии муосир фароҳам овардааст.

**Дуюм**, таҳлил нишон медиҳад, ки тамоюли афзоиши сармоягузорӣ ба соҳаҳои саноатӣ, энергетика, инфрасохтори нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ ба ташаккули муҳити мусоид барои рушди технологияҳои нав ва рақамикунонии истеҳсолот мусоидат менамояд. Бо вуҷуди ин, ҳиссаи соҳаҳои баландтехнологӣ ва фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ дар сохтори ММД ҳанӯз ба сатҳи кишварҳои пешрафта нарасидааст, ки ин зарурати тақвияти сиёсати инноватсиониро тақозо мекунад.

**Сеюм**, яке аз тамоюлҳои муҳимми марҳилаи муосир – рушди иқтисоди рақамӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар

бахшҳои гуногуни иқтисод мебошад. Рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ, рушди тиҷорати электронӣ, низоми пардохтҳои ғайринақдӣ ва автоматикунонии равандҳои истеҳсолӣ тадриҷан ба баланд гардидани самаранокии иқтисодӣ ва шаффофияти идоракунӣ мусоидат менамояд.

**Чорум**, сармояи инсонӣ ҳамчун омили калидии ташаккули иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръат аҳаммияти махсус касб мекунад. Гарчанде низоми таҳсилот ва омодасозии кадрҳо дар кишвар рушд ёфта истодааст, аммо масъалаи мутобиқсозии ихтисосҳо ба талаботи бозори меҳнат ва саноати муосир ҳанӯз ҳам муҳим боқӣ мемонад. Ин зарурати ҳамоҳангсозии сиёсати саноатӣ ва сиёсати маорифро тақвият медиҳад.

**Панҷум**, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақобати байналмилалӣ рушди иқтисодиёти донишбунёд барои Тоҷикистон ҳамчун омили баланд бардоштани рақобатпазирии миллӣ ва таъмини амнияти иқтисодӣ баромад мекунад. Таҳкими иқтидори илмӣ-технологӣ, рушди стартапҳо, дастгирии соҳибкории инноватсионӣ ва ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба соҳаҳои баландтехнологӣ самтҳои муҳимми сиёсати иқтисодӣ ба ҳисоб мераванд.

Ҳамин тариқ, вазъи муосири иқтисодиёти Тоҷикистон нишон медиҳад, ки равандҳои саноатикунонии босуръат ва ташаккули иқтисодиёти донишбунёд ба ҳамдигар алоқаманд буда, якдигарро тақвият медиҳанд. Дар сурати татбиқи пайгиронаи сиёсати давлатӣ, густариши инфрасохтори инноватсионӣ ва баланд бардоштани сифати сармояи инсонӣ, имкониятҳои гузариш ба модели рушди донишбунёд дар иқтисоди миллӣ тадриҷан мустаҳкам мегарданд.

# БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛЁБӢ ВА РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ДОНИШБУНЁД ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Роҳҳои асосии вусъатбахшии раванди гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд дар шароити рушди ҷамъияти саноатикунонии босуръат

«Ташаккул ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз вазифаҳои стратегии муҳим дар замони вусъатёбии раванди рақамикунонии иқтисодиёт ба шумор рафта, ҳолати ояндаи рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакатро муқаррар менамояд. Зеро маҳз дар шароити рушди саноати 4,0 дар ҷаҳони муосир ва чаҳонишавии равандҳои иқтисодӣ гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд ягона роҳи таъмини рушди босубот ва устувори иқтисодӣ ба шумор меравад, ки дараҷаи рақобатпазирии иқтисодиёти миллиро муқаррар намуда, ҳамгироии онро ба хоҷагии ҷаҳонӣ таҳким мебахшад» [17, с. 35].

Д«ар ҳамин асно, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор намудани самтҳои калидии гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд аҳаммияти хосса касб менамояд, ки он раванди ояндаи рушди соҳаро нишон дода, вобаста ба он қабули тадбирҳои муассирро бо дарназардошти вазифагузории дақиқ тақозо менамояд. Дар баробари ин, муайянсозии самтҳои стратегии масъалаи баррасишаванда ошкорсозии маҷмуи соҳаҳои наздик ва ҳамшабеҳро тақозо менамояд, ки рушди онҳо дар оянда имкон медиҳад вобастагии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз омилҳои муҳоҷиратӣ ва ашёгӣ паст намуда, раванди гузариш ба модели нави рушди иқтисодии ба дониш ва инноватсия асосёфтаро таҳким бахшад» [18, с. 94]. Самтҳои стратегии муқарраршаванда дар ин асно ба муосиргардонии низоми маориф ва илм, рушди низоми миллии инноватсионӣ, рушди сармояи инсонӣ, таҳкими заминаҳои институтсионалии танзими соҳа ва ҳамкориҳои байналмилалӣ оварда мерасонад, ки онҳоро дар алоҳидагӣ баррасӣ хоҳем кард (расми 3.1).

Самтҳои стратегии рушди иқтисодиёти донишбунёд




**Расми 3.1. Самтҳои стратегии ташакккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

**1. Рушди низоми маориф ва илм ҳамчун пояҳои бунёдии иқтисодиёти донишбунёд**

Барои гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд, пеш аз ҳама, рушди низоми маориф ва илм хеле муҳим ба шумор меравад. Зеро ин бахш сармояи инсониро ташаккул дода, омили асосии бунёди инноватсия ва таҳкимбахши рақобатпазирии мамлакат маҳсуб меёбад. Низоми маориф малака ва донишҳои зарурира барои рушди бизнес ташаккул дода, илм донишҳои нав ва технологияҳоро бунёд менамояд, ки рушди иқтисодиро таҳким бахшида, сатҳу сифати зиндагиро баланд мебардорад.

Ба андешаи мо, новобаста аз он ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти низоми маориф ва илм идома дорад, бояд он хусусияти комплексӣ дошта бошад, то ин ки нақши он дар рушди босуботи иқтисодӣ ва некуаҳволии аҳолӣ назаррас бошад. Аз ин лиҳоз, барои таҳкими рушди маориф ва илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, рақамикунонии раванди таҳсилот, рушди пажуҳишгоҳҳои таҳқиқотӣ, тақвияти таҳқиқотҳои байнисоҳавӣ,

татбиқи низомҳои байналмилалии идоракунии сифат, ислоҳоти низоми маблағгузории илм ва маориф ва ташаккули инфрасохтори илм зарур аст.

Барои таҳкими низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарояндаи наздик, пеш аз ҳама, татбиқи фаъоли технологияҳои рақамӣ бо дарназардошти платформаҳои электронии таълимӣ, рушди шаклҳои гибридии таҳсилот, ташаккули порталҳои миллии таҳсилотӣ ва пойгоҳи додаҳо зурур аст. Ин имкон медиҳад, ки дастрасии баробарро ба манбаъҳои дониш ба тамоми донишҷӯён, новобаста аз минтақаи ҷойгиршавиашон ва забони таҳсилашон, таъмин намояд.

Барои вусъатдиҳии ин раванд, ба андешаи мо, пеш аз ҳама, шакли дастрасӣ ба интернетро бо суръати баланд ва нархи дастрас таъмин намуда, огоҳии аҳолиро оид ба афзалиятҳои рақамикунонӣ баланд бардоштан зарур аст. Дар баробари ин, «...таъсиси муҳити ҳавасмадкунандаи фаъолияти инноватсионӣ, таъмини шароит ба рушди муттасил ва модернкунии захираҳои рақамӣ ва базаи техникии онҳо муҳим дониста мешавад» [22, 23, 24].

Дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба андешаи мо, зарур аст, ки омодасозии кадрҳоро бештар аз рӯйи ихтисосҳое ба роҳ монд, ки пешрафти илмӣ-техникиро дар мамлакат таъмин карда тавонанд. Ин имкон медиҳад, ки ба таълимгирандагон бештар ба ҷойи дониши зарурӣ малакаю таҷриба омӯзонида шавад, зеро он дар ҳолатҳои ғайримуқаррарӣ қобилияти қарорҳои дуруст қабул карданро тақвият мебахшад, ки он хоси ғояҳои инноватсионӣ буда, барои ташаккули иқтисодиёти донишбунёд мувофиқи мақсад аст. Ҳамчунин, он имкон медиҳад донишҳои нав ба қувваҳои истеҳсолкунандаи воқеӣ табдил дода шуда, муосиргардонии низоми маориф вобаста ба талаботи бозори меҳнат ба роҳ монда шавад.

Дар баробари ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд рушди донишгоҳҳои таҳқиқотӣ хеле зарур ба шумор меравад. Ба андешаи мо, бояд дар мамлакат низоми нави донишгоҳҳо фаъолият намоянд, ки на танҳо ба таълим, балки ба пешбурди таҳқиқотҳои

фаъоли илмӣ машғул бошанд. Чунин ҳолат ба марказҳои ташаккулёбии дониш, ҳамгироии илм ба истеҳсолот ва маҳаки муҳимми ташаккулёбии инноватсия табдил ёфтани донишгоҳҳои мамлакат имкон медиҳад. Барои ин, ҳамчунин, пайваст намудани донишгоҳҳои мамлакат ба низомҳои рейтингии байналмилалӣ ва шабакаҳои таҳқиқотҳои илмӣ зарур аст.

Низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд равандҳои глобалӣ ва афзалиятнокии илмҳои дақиқ ва табииро таҷассум карда тавонад. Таъмини ин раванд имкон медиҳад, ки мутахассисон дорои соҳаи мураккаб ва ҳамаҷониба омода гарданд ва дар шароити табдилёбии рақамӣ бештар мутобиқ бошанд.

Дар баробари ин, дар рушди иқтисодиёти донишбунёд бароҳмонии мубодилаи байналмилалии ақидаҳо ва таҷрибаҳо нақши муассир доранд. Аз ин лиҳоз, васеъ намудани барномаҳои табодули академӣ, иштироки фаъол дар лоиҳаҳои грантии ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ ва бароҳмонии барномаҳои таҳсилоти баъдидипломӣ бо донишгоҳҳои пешсафи таҳқиқотии хориҷӣ зарур аст.

## 2. Гузаронидани ислоҳоти инноватсионии низоми маблағгузории илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти манфиатҳои иқтисодиёти донишбунёд

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт омили муҳимми рушди илм ва инноватсия дастгирии молиявӣ ва сармоягузории устувор ба шумор меравад. Аз ин нуқтаи назар, ислоҳоти инноватсионии низоми маблағгузории илм яке аз самтҳои муҳимми ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд маҳсуб меёбад. Таҳқиқоти гузаронидашуда нишон дод, ки низоми маблағгузорӣ ба илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хоси низоми анъанавӣ ва куҳнашуда боқӣ монда, то ба ҳол ба буҷети давлатӣ такя мекунад. Ин усул, гарчанде дар марҳилаҳои аввали рушди илм дар мамлакат нақши муҳим бозидааст, вобастагии тадқиқотро ба маҳдудиятҳои молиявии буҷет зиёд мегардонад. Ин боиси имкониятҳои маҳдуди рушди илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳад гашт. Дар шароити ташаккулёбии рушди

иқтисодиёти донишбунёд, ки таҳаввулоти технологӣ маблағгузории зиёдро ба илм тақозо менамояд, тағйири модели маблағгузориро ба илм тақозо менамояд, ки талаботи воқеии ҷомеа ва иқтисодиётро қонеъ гардонида тавонад. Аз нуқтаи назари мо, чунин ислоҳот бояд ба гуногунсозии сарчашмаҳои маблағгузорӣ ба илм равона карда шуда бошад. «Махсусан дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт коркарди механизми ҷалби маблағгузориҳои хусусӣ, венчурӣ, грантӣ, байналмилалӣ ва ҳамчунин, сармоягузории муштарак бо шарикии давлат ва бахши хусусӣ хело муҳим аст» [33, с. 23]. Дар баробари ин, агар унсури асосии экосистемаи молиявии мамлакат ба илм мубаддал гардонида шавад, таҳқиқотҳои гузаронидашуда ба талаботи воқеии бозор ва ҷомеа мутобиқ гардонида мешаванд ва метавонанд натиҷаҳои самарабахш диҳанд ва дар амалия татбиқ гарданд. «Яке аз принсипҳои муҳимми иқтисодиёти донишбунёд аз он гувоҳӣ медиҳад, ки маблағгузорӣ дар илм бояд ҳамчун сармоягузорӣ дар тавлиди арзиши нав баррасӣ карда шавад. Мутаассифона, ҳоло дар аксари мавридҳо маблағгузорӣ ба илм танҳо ҳамчун хароҷот баромад мекунад ва ба таҳаввулоти назарраси технологию инноватсионӣ нигаронида нашудааст» [30, с. 45].

Ба андешаи мо, вақти он расидааст, ки дар мамлакат фонди алоҳида ва махсусгардонидашудаи дастгирии илм ташкил карда шавад, ки он ба таври шаффоф сармоягузориро ба лоиҳаҳои илмии самарабахш, аз қабили лоиҳаҳои таҳқиқоти бунёдӣ, стартапҳо ва таъсиси лабораторияҳои инноватсионӣ ба роҳ монад. Дар ин раванд бо мақсади кам кардани омилҳои субъективӣ зарур аст, ки низоми рақамӣ ва автоматикунонидашудаи идоракунии маблағҳои ба илм ҷудошуда ва мониторинги шаффофи ҳисобдории онҳо ба роҳ монда шавад.

**Ҷадвал 3. 1. Моделҳои асосии маблағгузории илм**

| Модел | Манбаи асосӣ | Афзалиятҳо | Маҳдудиятҳо |
|---|---|---|---|
| **Буҷетӣ** | Ҳукумати давлатӣ | Устувории маблағгузорӣ, кафолати дастгирии тадқиқоти бунёдӣ | Вобастагӣ аз имконияти буҷет, хатари сиёсисозии илм |
| **Хусусӣ** | Ширкатҳо, фондҳои хусусӣ | Тамаркуз ба натиҷаҳои амалӣ ва бозорӣ, ҳавасмандӣ ба татбиқи навовариҳо | Хавфи маҳдуд кардани соҳаҳои камдаромад ва тадқиқоти бунёдӣ |
| **Гибридӣ (омехта)** | Буҷети давлатӣ + бахши хусусӣ + грантҳо | Таъмини гуногунманоии сарчашмаҳо, пайвастани илм бо иқтисод, баланд бардоштани рақобат | Зарурати ҳамоҳангсозии мураккаб, эҳтимоли нобаробарӣ дар дастрасии маблағгузорӣ |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

«Ислоҳоти молиявии илм, инчунин, бояд ба ташкили муҳити мусоид барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва ҳамкорӣ бо марказҳои илмии ҷаҳонӣ равона гардад» [27, с. 87]. Бо дарназардошти он ки иқтисодиёти донишбунёд хусусияти инноватсиониро касб менамояд, ҷалби сармояи байналмилалӣ имкон медиҳад, ки донишмандон ва олимони маҳаллӣ ба шабакаҳои илмии ҷаҳонӣ ҳамроҳ шаванд ва таҷрибаи пешқадамро ворид созанд. Дар баробари ин, бояд нақши бахши хусусӣ ва ширкатҳои ватанӣ бо истифодаи механизмҳои пешниҳоди сабукиҳои андозӣ ва маъмурӣ низ дар маблағгузорӣ ба илм зиёд карда шавад. Ҳамин тавр, ислоҳоти инноватсионии низоми маблағгузории илм ҳамчун пояи рушди иқтисодиёти дониш на танҳо масъалаи иқтисодӣ, балки омили стратегӣ мебошад. Ин ислоҳот на танҳо имкониятҳои илм ва технологияро васеъ месозад, балки ба ташаккули ҷомеаи зеҳнӣ ва фарҳанги нав, ки бар асоси дониш, эҷодкорӣ ва навовариҳо устувор аст, мусоидат мекунад. Дар ниҳоят, чунин равиш имкон медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақа дар рақобати инноватсионӣ мавқеи заруриро касб ва рушди устувори иҷтимоию иқтисодии худро тариқи истифодаи маҳакҳои иқтисодиёти донишбунёд зиёд намояд.

«Дар баробари маблағгузорӣ ба илм, ташаккули инфрасохтори илмӣ барои баланд бардоштани вусъати корҳо ва нақши онҳо дар иқтисодиёти донишбунёд хеле муҳим аст» [34, с. 32]. Аз ин нуқтаи назар, таҳкими ташаккули инфрасохтори илмӣ яке аз самтҳои дигари муҳимми иқтисодиёти донишбунёд ба шумор меравад. Шароити зарурии моддӣ ва инфрасохтори рушдкарда метавонад раванди ташаккулёбии сармояи инсониро вусъат бахшида, шароити кории олимон, тадқиқотчиён ва муассисаҳои илмиро бо фароҳам овардани таҷҳизоти муосир, дастрасӣ ба шабакаҳои иттилоотӣ, лабораторияҳои инноватсионӣ ва марказҳои таҳлилӣ таъмин кунад. Дар ҳамин асно, зарур аст оид ба ташаккули марказҳои тадқиқотӣ, лабораторияҳо, кластерҳои илмӣ-инноватсионӣ ва технопаркҳо тадбирҳои муҳим андешида шавад. Ташаккули инфрасохтори илмӣ дар контексти иқтисодиёти дониш на танҳо як вазифаи соҳаи илм, балки масъалаи умумимиллӣ мебошад. Бе лабораторияҳои муосир, технопаркҳо, шабакаҳои иттилоотӣ ва механизмҳои устувори маблағгузорӣ рушди иқтисодиёти донишбунёд ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, сиёсати давлатӣ бояд ба таҳкими заминаҳои инфрасохтории илм равона шавад, то ки дониш ҳамчун манбаи асосии пешрафти ҷомеа ва иқтисод ба таври пурра татбиқ гардад.

**3. Рушди низоми миллии инноватсионӣ ҳамчун меъмори иқтисодиёти донишбунёд**

«Ташаккули низоми миллии инноватсионӣ ҳамчун меъмори иқтисодиёти донишбунёд таҳкурсии асосии иқтисодиёти донишбунёд ба шумор рафта, раванди трансформатсияи ақидаҳои илмиро ба маҳсулоти воқеӣ таъмин менамояд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ва таҳкими низоми миллии инноватсионӣ моҳияти стратегӣ касб намуда, раванди гузариш ба иқтисодиёти донишбунёдро таҳким мебахшад» [1]. Низоми миллии инноватсионӣ маҷмуи институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, фондҳои маблағгузорӣ, қонунгузории давлатӣ, технопаркҳо, кластерҳо ва кадрҳои баландихтисосро дар бар мегирад, ки дар ҳамбастагӣ бо ҳамдигар ба рушди илм ва татбиқи он дар истеҳсолот мусоидат мекунанд. Дар баробари ин,

имконияти рушди стартапҳо ва ширкатҳои инноватсионӣ, дараҷаи рушди ҳамкории илм ва бахши хусусӣ ва ҷалби сармоягузории байналмилалӣ ба сатҳу сифати низоми миллии инноватсионӣ алоқаманд аст. Ташаккули низоми миллии инноватсионӣ ҳамчун меъмори иқтисодиёти донишбунёд на танҳо вазифаи ҷорӣ, балки омили стратегӣ барои рушди минбаъдаи миллӣ мебошад. Барои таҳкими низоми миллии сармоягузорӣ, ба андешаи мо, такмили қонунгузории миллӣ дар соҳаи дастгирии илм ва инноватсия зарур буда, таъмини механизмҳои ҳуқуқӣ ва молиявии таъсиси фонди миллӣ ва минтақавии дастгирии стартапҳо ва лоиҳаҳои инноватсионӣ мувофиқи мақсад мебошад. Дар ин ҷода рушди технопаркҳо, кластерҳо ва минтақаҳои озоди илмӣ-технологӣ аҳаммияти хоссаро касб намуда, дар ташаккули муҳити эҷодкорӣ нақши назаррас дорад. Ҳамин тариқ, барои таҳкими низоми миллии инноватсионӣ дар оянда бояд як экосистемаи мукаммал ташаккул дода шавад, ки дар он давлат, бахши хусусӣ, илм ва ҷомеа ҳамоҳанг амал намоянд, то ки иқтисодиёти дониш ҳамчун пояи асосии рушди устувори миллӣ воқеият пайдо кунад.

Барои рушди низоми миллии инноватсионӣ фароҳам овардани шароитҳои зарурӣ барои таъсиси технопаркҳо ва кластерҳои инноватсионӣ, дастгирии стартапҳо ва соҳибкории инноватсионӣ, рушди сармоягузории венчурӣ, трансфери технология ва дастгирии давлатии ҳавасмандгардонии фаъолнокии инноватсионӣ муҳим аст.

«Дар шароити муосир, ки таваҷҷуҳи дигар бахшҳо ба фаъолиятҳои инноватсионӣ нисбатан паст аст, таъсиси технопаркҳо ва кластерҳои инноватсонӣ, пеш аз ҳама, дар назди донишгоҳҳо ва институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Дар ин раванд муттаҳид намудани фаъолияти устодони донишгоҳ, донишҷӯён ва соҳибкорон дар доираи барномаҳои муштараки инноватсионии пилотӣ ба мақсад мувофиқ аст. Ҳамзамон, қайд намудан мумкин аст, ки имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи зурурӣ дар самти таъсис ва рушди кластерҳо, махсусан кластерҳои минтақавӣ ба вуҷуд омадааст, пеш аз ҳама, дар соҳаи коркарди металлургияи

ранга, саноати бофандагӣ ва дӯзандагӣ, хоҷагии қишлоқ фаъолият менамоянд, қодиранд дастовардҳои илмиро дар соҳаҳои афзалиятдоштаи иқтисодиёт ҳамгиро намоянд» [8].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ташаккули фарҳанги стартапҳо ва дастгирии соҳибкорӣ самти муҳимми ташаккули низоми миллии инноватсионӣ, аз як тараф ва иқтисодиёти донишбунёд, аз тарафи дигар, ба шумор меравад. Тағйироти ҷаҳонии феълӣ дар самти рақамикунонии иқтисодиёт ва гузариш ба иқтисодиёти саноатикунонӣ таҳдидҳои навро дар самти рушди соҳибкории инноватсионӣ ба вуҷуд меорад, ки қабули тадбирҳои саривақтиро барои дастгирии соҳибкории инноватисонӣ ва стартапҳо тақозо менамояд. Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти дастгирии соҳибкорӣ барои ташаккули шароити мусоиди рушди бизнес, ҳавасмандгардонии фаъолнокии инноватсионӣ равона гардидааст, ки дар дастгирии стартапҳо нақши муҳим мебозад. Дар баробари мавҷудияти имтиёзҳои зиёд барои дастгирии стартапҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба андешаи мо, мукаммалсозии механизми дастгирии соҳибкорони навтаъсис зарур мебошад. Махсусан ҷудо намудани имтиёзхои андозии иловагӣ, таъсиси озмунҳои грантӣ барои стартапҳои беҳтарин ва роҳандозии барномаҳои вусъатдиҳандаи рушди соҳа ба манфиати кор хоҳад буд. Ҳамаи ин имкон медиҳанд, ки шабакаи нави корхонаҳои инноватсионӣ таъсис дода шавад ва ин на танҳо ба воридсозии технологияҳои нав мусоидат мекунад, балки дар ташаккули истеҳсолот ва содироти маҳсулоти инноватсионӣ, ки арзиши изофашудааш асосан аз ҳисоби дониш ба вуҷуд меояд, нақши муҳим хоҳад бозид.

Дар замони муосир интиқоли технологияҳо унсури калидии рушди иқтисодиёти донишбунёд ба шумор рафта, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки маҳдудиятҳои молиявӣ ҷой доранд, дар дастрас намудани технологияҳои пешрафта аҳаммияти махсус касб мекунад. Аз ин нуқтаи назар, ба андешаи мо, ташкили низоми муосири трансфери технология дар марҳилаҳои аввалини ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд барои Ҷумҳурии

Тоҷикистон хеле муҳим ба шумор меравад, ки аз як тараф, имкони воридоти технологияҳои муосирро фароҳам оварад ва аз тарафи дигар, муаррифии дастовардҳои илмиро ба бозорҳои байналмилалӣ васеъ мегардонад ва ҳамчун роҳи муҳимми пайвастани илм бо истеҳсолот амал хоҳад кард. Таъсиси чунин марказҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад раванди ворид ва мутобиқ намудани дастовардҳои хориҷиро ба шароити маҳаллӣ тезонида, тарғиби ихтироъҳои миллиро ба бозорҳои нав ба роҳ монад. Нақши дигари муҳимми марказҳои трансфери технологияҳо ин ҳамгироии иқтисодиёти мамлакат ба фазои илмӣ ва иқтисодии ҷаҳонӣ ба шумор меравад, ки ин дар навбати худ, ба ташкили шабакаҳои ҳамкории илмӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва вусъати ҳамкории трансмиллӣ мусоидат мекунад. Дар маҷмуъ, трансфери технологияҳо барои Тоҷикистон ба унсури калидии гузариш аз иқтисодиёти анъанавӣ бо иқтисодиёти дониш табдил меёбад.

### 4. Рушди иқтисодиёти рақамӣ ва инфрасохтори он

Рақамикунонии иқтисодиёт самти муҳимми ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд ба шумор меравад. Махсусан он дастрасиро ба иттилоот фароҳам сохта, бизнесравандҳоро метезонад ва шаклҳои нави шуғл ва хизматрасониҳоро ташаккул медиҳад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон рақамикунонии иқтисодиёт самти стратегии таъмини рушди устувори иқтисодӣ ба шумор меравад.

Барои рушди минбаъдаи иқтисодиёти донишбунёд, ба андешаи мо, рушди минбаъдаи технологияҳои коммуникатсионию технологӣ, инфрасохтори телекоммуникатсионӣ, вусъати раванди таъсиси ҳукумати электронӣ, тиҷорати электронӣ, молия ва гумруки рақамӣ, таъмини амнияти киберӣ ва истиқлолияти рақамӣ ва ҳамзамон, саводнокии рақамии аҳолӣ зарур аст.

Дар ин асно, таъмини интернети бисёрмаҷро ва дастрасии хизматрасонии рақамӣ барои тамоми шаҳру ноҳияҳои мамлакат якҷоя бо деҳоти дурдаст ва кӯҳӣ самти муҳим ба шумор меравад. Татбиқи шабакаҳои насли нав аз қабили 4G ва 5G дар тамоми ҳудуди мамлакат, васеъгардонии

алоқаи моҳпорай ва рушди марказхои махзани миллӣ барои гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд заминаи муҳим фароҳам месозад. Ояндаи танзими далатии фаъолияти иқтисодиёти донишбунёд бояд ба хизматрасониҳои рақамӣ алоқаманд бошад. Рушди ҳукумати электронӣ шаффофияти гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд ва рақамиро баланд бардошта, монеаҳои маъмурӣ ва коррупсияро дар ин раванд паст мегардонад. Дар оянда васеъгардонии вазифаҳои «равзанаи ягона»-и имрӯз дар мамлакат амалкунанда хароҷотҳои бақайдгирӣ ва таъмини фаъолияти бизнесро кам гардонида, боварии аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидорро ба институтҳои идоракунии давлатӣ афзун мегардонад.

Дар баробари ин, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд тиҷорати электронӣ ва молияи рақамӣ нақши махсус дорад.

Барои рушди ин соҳаҳо дар оянда зарур аст, ки майдонҳои тиҷоратии онлайн васеъ гардонида шуда, ҳамгироии низомҳои пардохти миллӣ ба шабакаҳои байналмилалӣ таъмин ва рушди хизматрасониҳои молиявии рақамӣ ва истифодаи технологияҳои блокчейн зиёд карда шавад. Ҳамаи ин ба соҳибкорони ватанӣ имкон медиҳад, ки ба бозорҳои берунӣ баромада, вобастагиро аз маҷроҳои анъанавии савдо кам кунанд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки мустақиман бо рушди технологияҳои рақамӣ таҳдидҳои киберӣ зиёд мегардад, ки сабаби ихроҷи маълумот ва ҷангҳои иттилоотӣ мешавад. Аз ин нуқтаи назар, ҳангоми гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд ташаккули низоми миллии таъмини амнияти иттилоотӣ, омодасозии мутахассисон дар ин ҷода ва ҳамчунин, иштирок дар ташаббусҳои байналмилалӣ оид ба таъмини амнияти фазои рақамӣ муҳим аст.

«Дараҷа ва суръати рушди иқтисодиёти донишбунёд ба дараҷаи саводнокии рақамии аҳолӣ вобастагӣ дорад. Бинобар ин, таҳияи барномаҳои давлатӣ оид ба омӯзиши аҳолӣ бо малакаҳои базавии ТИК, ҷорӣ намудани модулҳои рақамӣ, барномаҳои таълимӣ дар муассисаҳои олии мамлакат,

ҳамчунин, курсҳои бозомӯзии аҳолӣ муҳим аст. Баланд бардоштани салоҳиятҳои рақамии аҳолӣ имкон медиҳад, ки нобаробарии иҷтимоӣ барҳам дода шуда, рақабатпазирии мамлакат дар сатҳи байналмилалӣ таъмин карда шавад» [43, с. 71].

5. **Рушди сармояи инсонӣ ва иқтидори кадрӣ ҳамчун асоси стратегии иқтисодиёти донишбунёд**

Рушди сармояи инсонӣ ва иқтидори кадрӣ звенои марказии ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ ба шумор меравад. Зеро инсон, дониш, малака ва иқтидори эҷодии ӯ сарчашмаи асосии инноватсия ва рушди иқтисодӣ ба шумор меравад. Дар шароити таҳаввулоти рақамӣ ва рақобати ҷаҳонӣ сатҳи маълумот, тахассуснокии кадрҳо, қобилияти мутобиқшавӣ ба омӯзиши муттасил дар ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд нақши муҳим дорад. Аз ин рӯ, идома додани ташаббусҳо дар самти омодасозии кадрҳо дар соҳаи фанҳои дақиқ ва технологияҳои рақамӣ самти муҳимми ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд хоҳад буд.

Эҷоди сармояи инсонӣ мутаносибан ба ислоҳоти низоми маориф, таҳияи барномаҳои рушди омодагии касбӣ, дастгирии ҳамаҷонибаи соҳаи илм ва инноватсия, ҳавасмандгардонии тадқиқоти ҷавонон ва фароҳам овардани шароит барои пешгирии фирори мағзҳо алоқаманд аст. Ҳамин тариқ, рушди сармояи инсонӣ ва иқтидори инсонӣ на танҳо як афзалияти иҷтимоӣ, балки самти стратегӣ мегардад, ки рақобатпазирии дарозмуддати иқтисоди миллиро муайян мекунад.

Новобаста аз баланд будани сатҳи саводнокӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҳолате ки аз неруи кории аҳолии қобили меҳнати мамлакат бештар мамлакатҳои қабулкунандаи муҳоҷирон манфиат мебардоранд, ки дар ин ҷо масъалаи омодасозӣ ва нигоҳдории кадрҳо аҳаммияти хосса пайдо мекунад.

Иқтисодиёти донишбунёд кадрҳоеро тақозо дорад, ки дар фазои рақамӣ, рақобати ҷаҳонӣ ва доираи инноватисонӣ фаъолият намуда тавонанд. Ин, дар навбати худ, таҳкими омӯзишро дар самти соҳаҳои технологияҳои

иттилоотӣ, муҳандисӣ, биотехнология, таҳлили молиявӣ ва фанҳои ба он алоқаманд талаб мекунад. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакатро зарур аст, ки барномаҳои таълимии ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ ва талаботи бозори меҳнатро қонеъкунанда таҳия намоянд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар шароити зудтағйирёбандаи иқтисодиёти донишбунёд талабот ба малакаҳои нав доимо меафзояд, ки такмили ихтисос ва бозомӯзии мунтазами кормандонро талаб менамояд. Аз ин рӯ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули низоми миллии таҳсилоти муттасил ва фарогир зарур аст, ки раванди бетанаффуси илмомӯзиро на танҳо донишҷӯён, балки мутахассисон ва дигар наслҳои калонсоли ҷомеа фаро гирифта тавонанд. Барои ин, ташкили курсҳои онлайнӣ, бароҳмонии барномаҳои сертификаткунонӣ ва омӯзиши корпоративӣ зарур аст, ки барои мунтазам рушд додани малакаҳои кормандон кумак мерасонанд. Ҷиҳати пешгирӣ намудани фирори мағзҳо, ки барои ташаккули иқтисодиёти донишбунёд монеа эҷод мекунад, шароити рақобатпазири меҳнат ва ҳаёт дар дохили мамлакат бояд ташкил карда шавад. Таъсиси ассотсиатсияҳои касбии пуриқтидор ва иттиҳодияҳои илмӣ ба рушди иқтидори зеҳнии ҷомеа мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, ташаккули шабакаҳои олимони ҷавон, ҷамъиятҳои экспертии соҳавӣ, форумҳои касбӣ ва конфронсҳо дар муаррифии афзалиятҳои иқтисодиёти донишбунёд на танҳо раванди мубодилаи донишҳоро метезонад, балки ба қавигардонии робитаҳои байни субъектони иқтисодиёти донишбунёд, аз қабили давлат, корхонаҳо ва соҳаи илм мусоидат хоҳад намуд. Барои ташаккули сармояи инсонӣ, дар баробари низоми маориф, сиёсати иҷтимоии давлат низ нақши муҳим мебозад. Аз ин рӯ, дар сиёсати иҷтимоии мамлакат ба рушди низоми тандурустӣ, беҳгардонии сатҳу сифати ҳаёт, таъмини адолати иҷтимоӣ диққати аввалиндараҷа зоҳир намудан зарур аст, зеро ин омилҳо бевосита ба самаранокии меҳнат ва иқтидори иҷтимоии ҷамъият таъсири назаррас хоҳанд расонид.

**6. Таъмини институтсионалӣ ва ҳуқуқии рушди иқтисодиёти донишбунёд**

Дар баробари самтҳои дар боло зикргардида, самаранокии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд ба шароитҳои институтсионалӣ ва ҳуқуқӣ вобаста аст. Аз ин рӯ, ташкилкунандагони базаҳои муосири меъёрии ҳуқуқиро зарур аст, ки инноватсияро ҳавасманд намуда, ҳифзи моликияти зеҳниро таъмин ва фазои мусоиди соҳибкориро рушд диҳанд. Ҳифзи моликияти зеҳнӣ қисми ҷудонашавандаи иқтисодиёти донишбунёд ба шумор меравад. Аз ин рӯ, пешниҳод менамоем, ки дар баробари мукаммалсозии низоми миллии шаҳодатномадиҳӣ, рушди ҳамкориҳо бо ташкилоти байналмилалии ҳифзи моликияти зеҳнӣ дар ин самт ба манфиати кор хоҳад буд. Ин барои беҳшавии ҳифзи ихтирооти миллӣ ва муаррифии он дар арсаи байналмилалӣ имкон медиҳад.

Новобаста аз рушди назарраси шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, институти шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи илм ва инноватсия ҳоло фаъолият наменамояд. Аз ин рӯ, тавсия медиҳем, ки чунин институт таъсис дода шуда, дар он механизми маблағгузории лоиҳаҳои инноватсионӣ, таъсиси инфрасохтори таҳқиқотӣ ва фондҳои венчурӣ коркард карда шаванд. Чунин иқдомҳо доираи субъектҳои ҳавасмандро барои гузаштан ба иқтисодиёти донишбунёд зиёд намуда, иштироки онҳоро дар ташаккули иқтидори инноватсионии рушди мамлакат зиёд мегардонанд.

**7. Рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ ва ҳамгироӣ бо низоми байналмилалии иқтисодиёти донишбунёд**

Барои ташаккули иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иштироки фаъол дар ташаббусҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ зарур аст. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои байналмилалӣ омили муҳимми дастрасӣ ба технологияҳои инноватсионӣ ва азхудкунии таҷрибаи муваффақи идоракунии лоиҳаҳои инноватсионӣ ба шумор меравад. Рушди ҳамгироии байналмилалиро Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми байналмилалии

иқтисодиёти донишбунёд метавонад тариқи иштирок дар лоиҳаҳои ҷаҳонии илмӣ, ҳамроҳшавӣ ба ташаббусҳои минтақавӣ, ҳамкорӣ бо институтҳои байналмилалии молиявӣ, рушди мубодилаи академӣ ва таҷриба, таблиғи дастовардҳои илмии олимони ватанӣ дар хориҷа ба роҳ монад.

Айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тавсеаи ҳамкориҳои илмии байналмилалӣ таваҷҷуҳи хосса менамояд, ки дар он бештар соҳаҳои ба энергетика алоқаманд, захираҳои обӣ ва рушди устувор ҷойгоҳи хосса доранд. Дар раванди гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд зарур аст чунин ҳамкориҳо васеъ гардонида шуда, ба соҳаҳои фанҳои дақиқ, технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ва бизнес-хизматрасониҳо равона карда шавад. Дар ин ҷода иштирок дар лоиҳаҳои илмии Иттиҳоди Аврупо, Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Рушди Осиё ва ЮНЕСКО афзалияти аввалиндараҷа дорад. Дар ниҳоят, ин ҳамкориҳо ба мубодилаи олии дониш ва афзоиши теъдоди мақолаҳои муштарак мусоидат менамояд. Дар баробари ҳамкориҳои байналмилалии илмӣ, рушди ҳамкориҳои илмии минтақавӣ дар ин асно аз аҳаммият холӣ нест. Зеро давлатҳои Осиёи Марказӣ ва ИДМ дар соҳаи илм, технология ва маориф иқтидори назарраси ҳамкорӣ доранд ва барои Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти хуби иштирок дар платформаҳои минтақавӣ дар доираи ШОС ва БРИКС низ шуда, дастрасиро ба лоиҳаҳои фаромарзӣ аз соҳаи энергетика, кишоварзӣ ва технологияҳои рақамӣ зиёд мегардонад. Барои маблағгузории соҳа ҷалби шарикони байналмилалӣ, аз қабили маблағгузории Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд, Бонки Исломии рушд ба роҳ монда шуданаш мумкин аст.

Барои рушди иқтисодиёти донишбунёд роҳандозии барномаҳои мубодилаи академӣ муҳиманд. Аз ин рӯ, иштирок дар барномаҳои байналмилалии Erasmus+, Fulbright, DAAD имкон медиҳад раванди татбиқи стратегияи гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд дар мамлакатҳои хориҷа хуб омӯхта шавад. Дар баробари ин, агар лоиҳаҳои миллӣ дар сатҳи табодули академӣ ба роҳ монда шавад, ҷалби таълимгирандагони хориҷиро зиёд

намуда, мубодилаи дутарафаи донишро дар самти иқтисодиёти донишбунёд ба роҳ монад.

Чунин тадбир имкон медиҳад, ки дар баробари воридоти дониш, воридоти коркардҳои илмии миллӣ ба роҳ монда шуда, фаъолнокии нашркунии мақолаҳо дар маҷаллаҳои байналмилалии бонуфуз, муаррифии ихтирооти ватанӣ ба роҳ монда шуда, иштироки васеи ширкатҳои ватанӣ ва донишгоҳҳои мамлакат ба намоишгоҳҳои байналмилалӣ ва форумҳо зиёд карда шавад.

Ҳамин тавр, самти муқаррарнамудаи ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмуи самтҳои фарроҳро дар бар мегирад, ки амалинамоии он барои татбиқи ислоҳоти муваффақ дар соҳаҳои маориф, илм, рақамикунонӣ, омодасозии кадрҳо, заминаҳои институтсионалӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ такон мебахшад. Дар давраи дарозмуддат татбиқи ин самтҳо иқтисодиёти мамлакатро аз иқтисодиёти ашёӣ раҳо намуда, ба иқтисодиёти донишбунёд мубаддал хоҳад намуд.

Ҳамаи ин, дар ниҳоят, барои дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ва тақсимоти байналмилалии меҳнат мавқеи устувор пайдо кардани Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат карда, боиси баланд рафтани обрӯ ва нуфузи мамлакат хоҳад гашт.

## 3.2. Механизми ташкилӣ-иқтисодии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

«Ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд таҳияи механизми ташкилӣ-иқтисодиро тақозо менамояд, ки равиши гузариши иқтисодиёти мамлакатро аз иқтисодиёти аграрӣ ва ашёӣ ба иқтисодиёти нав ва инноватсионӣ муқаррар намуда, тамоюли ҳаракати равандҳоро ба самти рушди инноватсионӣ моил мегардонад. Ҳамин тавр, таҳияи механизми ташкилӣ-иқтисодии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир муҳиммияти хос касб менамояд» [47, с. 89].

Баъди таҳияи механизми мазкур зарур мешуморем, ки мафҳуми онро шарҳ дода, унсурҳояшро дақиқ намоем. Ин ба мо имкон медиҳад, ки вобаста ба вазъи имрӯзаи рушди соҳа механизми нисбатан самаранок ва фарогирро таҳия намоем.

Дар умум, «...механизми ташкилӣ-иқтисодӣ маҷмуи сохторҳои ташкилӣ-иқтисодиро фаро мегирад, ки соҳаи иқтисодро муқаррар намуда, сатҳи идоракунии онро дар асоси принсипҳои мақсаднокӣ, низомнок ва мутобиқшаванда ва инноватсионӣ ба роҳ мемонад» [25, с. 188].

Механизми ташкилӣ-иқтисодии иқтисодиёти донишбунёд бошад, маҷмуи унсурҳои баҳамалоқамандро дар бар мегирад, ки сохтори ташкилии муайян, воситаҳои иқтисодӣ ва меъёрҳои ҳуқуқиро фаро гирифта, ба таъсис ва истифодаи самараноки дониш ҳамчун омили асосии рушди иқтисодиёт равона карда шудааст.

Мақсади механизми ташкилӣ-иқтисодии иқтисодиёти донишбунёд ташаккули сармояи инсонӣ, рушди инноватсия ва ташкили истеҳсолоти сатҳи технологиаш баланд ба шумор рафта, сатҳи устувории иқтисодиро таъмин намуда, сифати зиндагиро баланд мебардорад.

Дар шакли дигар, механизми ташкилӣ-иқтисодии иқтисодиёти донишбунёдро ҳамчун маҷмуи сохторҳои институтсионалӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ, шаклҳои ташкилӣ ва воситаҳои иқтисодӣ тасвир намудан мумкин, ки раванди гузариш аз моделҳои анъанавии иқтисодиётро ба модели нав, ки ба истеҳсол, тақсимот ва истифодаи дониш махсус гардонида шудааст, таъмин менамояд.

Вобаста ба таърифҳои дар боло зикргардида ва унсурҳои баррасигардида, механизми ташкилӣ-иқтисодии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёдро аз рӯйи сохторҳои гуногун таҳия менамоем. Дар навбати аввал, дар механизми пешниҳодшаванда ҷойгир намудани панҷ унсури таркибии иқтисодиёти донишбунёд муҳим аст, ки онҳо чунинанд:

1. Мукаммалсозии меъёрҳои ҳуқуқии танзими иқтисодиёти донишбунёд. Инҳо меъёрҳои ҳуқуқӣ дар бахши илм, инноватсия ва рақамикунонӣ мебошанд.

2. Рушди низоми миллии инноватсионӣ. Дар ин ҷо диққати асосӣ ба таъсиси марказҳои интиқоли технология ва технопаркҳо равона карда мешавад.

3. Устуворгардонии сармояи инсонӣ, ки муосиргардонии низоми маориф ва омодасозии кадрҳоро дар назар дорад.

4. Ҳавасмандгардонии сармоягузориҳои мустақим дар соҳаи таҳқиқот ва кашфиёт, ки ҷудосозии имтиёзҳои андозӣ ва рушди шарикии давлатию бахши хусусиро ифода менамояд.

5. Ташаккули инфрасохтори муосири рақамӣ, ки дастрасии баробарро ба иттилоот ва технология ифода месозад.

Чунин механизм дар расми 3.2 тасвир карда шудааст.




**Расми 3.2. Механизми ташкилӣ-иқтисодии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Сарчашма:** аз тарафи муаллиф таҳия карда шудааст.

Дар механизми дар расми 3.2 таҳияшуда унсурҳои таркибии иқтисодиёти донишбунёд тасвир гардидаанд ва такмили он дар амалия имкон

медиҳад, ки дараҷаи баробари рушди ин унсурҳо таъмин карда шаванд ва сохтори иқтисодиёти донишбунёд ғанӣ ва бенуқсон гардад.




**Расми 3.3. Механизми ҳамоҳангсозии фаъолияти давлат, бизнес, муассисаҳои илмии касбӣ ва созмонҳои байналмилалӣ**

**Сарчашма:** аз тарафи муаллиф таҳия карда шудааст.

Дар баробари ин, вобаста ба субъектҳои асосии иқтисодиёти донишбунёд таҳияи механизми ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектони иқтисодиёти донишбунёдро зарур мешуморем. Зеро рушди иқтисодиёти донишбунёдро дар алоҳидагӣ аз субъектҳои ҷудогона наметавон таъмин намуд ва дар умум, ҳамоҳангсозии фаъолияти онҳо дар рушди иқтисодиёти инноватсионӣ ва ба дониш асосёфта метавонад такони ҷиддӣ бахшад. Аз ин лиҳоз, дар расми 3.3 механизми ҳамоҳангсозии фаъолияти давлат, бизнес, муассисаҳои илмии касбӣ ва созмонҳои байналмилалӣ оварда шудааст.

Интихоби ин субъектҳо, пеш аз ҳама, бар он асос меёбад, ки онҳо дар раванди ташаккулдиҳии иқтисодиёти донишбунёд бозингарони асосӣ ба шумор меравindepend ва дар баробари ин, ҳамгироии онҳо дар доираи як иттиҳод метавонад низоми устувори инноватсионӣ ва хоҷагидории ба дониш асосёфтаро ташаккул диҳад.

Механизми ташкилӣ-иқтисодии пешниҳодшаванда асосан ба ҳалли ду масъала равона карда шудааст:

1. Ташаккул ва истифодаи дониш ба соҳаҳои афзалиятдоштаи иқтисодиёт, аз қабили саноат, энергетика, кишоварзӣ ва соҳаҳои мухталифи хизматрасонӣ;

2. Ҳамгироии мамлакат ба фазои ҷаҳонии технологӣ.

Натиҷагирии фаъолияти механизми таъсиси низоми самараноки назорат ва баҳодиҳии фаъолияти иқтисодиёти донишбунёд аз рӯйи як қатор нишондиҳандаҳо, аз қабили шохиси рушди сармояи инсонӣ, хароҷот ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва конструкторӣ, ҳиссаи маҳсулоти инноватисонӣ дар ММД ва ғ. алоқаманд аст. Чунин низоми назорат имкон медиҳад, ки стратегияи рушди иқтисодиёти донишбунёд сари вақт мувофиқи манфиатҳои миллӣ ва таҳдидҳои глобалӣ ислоҳ карда шавад.

Асоси назариявии механизми таҳияшавандаро консепсияи иқтисодиёти донишбунёд ташкил медиҳад, ки мувофиқи он омили муҳимми рушди иқтисодиёт сармояи моддӣ набуда, иқтидори инсонӣ, захираҳои интеллектуалӣ ва фаъолнокии инноватсионӣ ба шумор меравад. Аз нуқтаи назари иқтисодиёти институтсионалӣ, механизми ташкилӣ-иқтисодиро ҳамчун низоми қоидаҳо, меъёрҳо ва сохторҳо муқаррар намудан мумкин аст, ки қоидаи фаъолиятро дар соҳаи истеҳсолоти дониш ва истифодаи он дар равандҳои хоҷагидорӣ муқаррар менамояд.

Ҳангоми ташаккули чунин механизм аз таҷрибаи мавҷудаи давлатҳои хориҷӣ истифода бурдан мумкин аст. Зеро имрӯз якчанд модели коркарди механизми ташкилӣ-иқтисодии ташаккули иқтисодиёти донишбунёд фаъолият мекунад, ки ҳар яки он хусусияти худро дорад. Барои мисол, дар

Иттиҳоди Аврупо ҳангоми таҳияи чунин механизмҳо диққати асосӣ ба таъсиси фазои ягонаи илмӣ-таҳсилотӣ ҷудо карда мешавад, ки ба воситаи барномаҳои махсусгардонидашуда, аз қабили барномаи Horizon Europe ва рушди шабакаҳои фаромилалӣ маблағгузорӣ карда мешавад. Дар Кореяи Ҷанубӣ бошад, ҳангоми таҳияи чунин механизмҳо бештар таваҷҷуҳ ба ҳамкории давлат ва корпоратсияҳо ҳангоми таъсиси кластерҳои технологӣ ва паркҳои инноватсионӣ ҷудо карда мешавад.

Дар Сингапур бошад, бештар ҳангоми таҳияи чунин механизм ба ҷалби сармояи ҷаҳонии зеҳнӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, барои таҳқиқотчиён ва стартапҳо шароити мусоид фароҳам меоваранд. Дар асоси шиносоӣ бо чунин таҷрибаҳои хориҷӣ хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки ҳангоми таҳияи механизми ташкилӣ-иқтисодӣ бояд унсурҳои муҳим, аз қабили пойгоҳи институтсионалӣ, ҳавасмандиҳои иқтисодӣ ҳамроҳ карда шаванд, ки фаъолияти босамари тамоми субъектҳои онро, аз қабили давлат, корхонаҳо, бахши илм ва ҷамъият таъмин намуда тавонад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули механизми иқтисодиёти донишбунёд талаб менамояд, ки ҳам таҷрибаи байналмилалӣ ва ҳам хусусиятҳои миллӣ ба назар гирифта шаванд. Дар шароити маҳдудияти захираҳо ва вобастагии баланд аз омилҳои хориҷӣ, яке аз чолишҳои асосӣ зарурати ҳамгироии институтҳои дохилӣ ба низоми инноватсионии ҷаҳонӣ бо ҳифзи манфиатҳои миллӣ ба ҳисоб меравад. Ин ҳолат на танҳо мутобиқсозии моделҳои хориҷиро дар назар дорад, балки ҷустуҷӯи роҳҳои хосеро низ тақозо мекунад, ки бар пояи хусусиятҳои фарҳангӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва демографии кишвар асос ёфта бошанд.

Сифат ва самаранокии механизми таҳияшаванда шароитҳои рушди таҳқиқотҳои илмӣ, фаъолияти инноватсионӣ ва рақамикунониро муқаррар менамояд.

Ба тариқи дигар, механизми ташкилӣ-иқтисодии ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёдро ҳамчун маҷмуи сохторҳои давлатии салоҳиятнок, мақомоти қонунбарор, ҳуҷҷатҳои стратегӣ, муассисаҳои

таҳсилотӣ ва илмӣ, ҳамчунин, институтҳое шарҳ додан мумкин аст, ки фаъолият ва ҳамкориҳои муштараки субъектҳои гуногунро дар соҳаи истеҳсол ва истифодаи дониш таъмин менамоянд.

Дар механизми пешниҳодшаванда ҳамчун субъекти муҳимми иқтисодиёти донишбунёд давлат оварда шудааст. Ин, пеш аз ҳама, ба он алоқаманд аст, ки давлат самтҳои стратегии ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёдро муқаррар ва барои рушди инноватсия ҳавасмандиҳоро муайян менамояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши давлат дар ташаккули иқтисодиёти донишбунёд беназир аст. Ӯ вазифаҳои худро дар самти қабули ҳуҷҷатҳои стратегӣ иҷро менамояд, аммо бахши хусусӣ дар баъзе ҳолатҳо татбиқи саривақтии чунин стратегияҳоро таъмин карда наметавонад. Аз ин рӯ, дар механизми таҳияшаванда чунин ҳамоҳангӣ дар мадди аввал гузошта шудааст. Ҳамчунин, нақши муассисаҳои молиявӣ дар механизми таҳияшаванда оид ба маблағгузории саривақтии равандҳои инноватсионӣ асоснок карда мешавад.

Комплекси илмӣ-таҳсилотӣ дар механизми таҳияшаванда ҳамчун унсури муҳимми дигари рушди иқтисодиёти донишбунёд баррасӣ карда шудааст. Донишгоҳҳо ва институтҳои таълимӣ дар механизми таҳияшаванда ҳамчун асоси ташаккулёбии дониш ва омодасозии кадрҳо барои иқтисодиёти инноватсионӣ баромад мекунанд. Барои баланд бардоштани иқтидори онҳо дар низоми миллии инноватсионӣ дар механизми рушди муносибатҳои онҳо бо бахши хусусӣ омодасозии кадрҳо дар соҳаи илм ва таъсиси базаи технологии иқтисодиёти донишбунёд асоснок карда мешавад

Дар механизми низоми ҳамкориҳои давлат бахши хусусӣ ва илм ҳамчун механизми сегона баррасӣ мегардад, ки рушди устувори иқтисодиёти донишбунёдро дар шароити кооператсияи фаъоли онҳо ифода менамояд. Чунин ҳамкорӣ хавфҳои мавҷударо барои бахши хусусӣ кам намуда, барои зиёд намудани ҳавасмандии бахши хусусӣ дар маблағгузории таҳқиқотҳои илмӣ ва воридсозии инноватсия такон мебахшад. Ҳамаи ин, дар ниҳоят, барои рушди иқтисодиёти донишбунёд муҳити мусоиди инвеститсионӣ

фароҳам меорад ва муассисаҳои илмӣ фаъолияти худро бо дигар сохторҳо дар шакли ҳамоҳангшуда ба роҳ монанд, ки қобилияти онҳоро дар қонеъ намудани талаботи амалии иқтисодиёт зиёд гардонад.

Дар баробари се субъекти зикргардида дар механизми институтсионӣ институтҳои байналмилалии молиявиро низ ҳамроҳ намудан мумкин аст. Ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин ташкилотҳо метавонад маҳдудиятҳои маблағгузории раванди гузаришро ба иқтисодиёти донишбунёд муаррифӣ намояд.

Ҳамин тавр, татбиқи механизми ташкилӣ-институтсионалии таҳияшуда дар амалия заминаи мушаххаси ҳуқуқиро дар давлат ба вуҷуд оварда, раванди коркард ва татбиқи барномаҳои стратегиро дар самти гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд осон мегардонад. Ҳамчунин, ҳамоҳангии фаъолияти давлат, бахши хусусӣ ва комплекси илмию таҳсилотиро зиёд карда саҳми бахши хусусиро дар раванди гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд афзун месозад.

Ба андешаи мо, дар марҳилаи аввали гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд зарурати дастгирии ин раванд бо пешниҳоди ҳавасмандиҳои муайяни иқтисодӣ ва сабукиҳои андозӣ пеш меояд. Аз ин лиҳоз, таҳияи механизми иқтисодии дастгирии раванди гузариш ба иқтисодиёти донишбунёдро зарур мешуморем, ки он дар расми 3.4 оварда шудааст.



**Расми 3.4. Механизми иқтисодии дастгирии раванди гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд**
Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Ба андешаи мо, барои самаранок ташаккул ёфтан ва рушд намудани иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи маҷмуи воситаҳои иқтисодии ҳавасмандкунандаи фаъолнокии инвеститсионӣ, баланд бардоштани ҷолибияти маблағгузорӣ ва ташаккули сармояи мусоиди соҳибкорӣ зарур аст. Ҳамин тавр, механизми иқтисодии дастгирии раванди гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд низоми механизмҳои молиявӣ, андозӣ, қарзӣ ва ташкилию ҳуқуқиро таҷассум менамояд, ки ба такрористеҳсоли устувори дониш ва татбиқи таҷрибавии он дар фаъолияти хоҷагидорӣ равона карда шудааст.

Дар механизми пешниҳодшуда чунин унсурҳои муҳимми иқтисодӣ ҷойгир карда шудаанд: маблағгузории давлатӣ, дастгирии грантӣ, сабукиҳои андозӣ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ, маблағгузории байналмилалӣ, рушди низомҳои рақамии пардохт.

Дар механизм маблағгузории давлатии илм, таҳсилот ва инноватсия ҳамчун воситаи муҳимми дастгирии иқтисодиёти донишбунёд оварда шудааст. Ин ба он алоқаманд аст, ки дар марҳилаи аввали гузариш нақши маблағгузории давлатӣ дар ташаккули иқтисодиёти донишбунёд назаррас буда, ҳаҷми маблағзузорӣ ба илм нисбат ба ММД нишондиҳандаи муҳимми арзёбии соҳа мебошад. Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин нишондиҳанда атрофи 0,2%-ро нисбат ба ММД ташкил медиҳад, ки васеъ гардонидани андозаи маблағгузории давлатиро тақозо намуда, ҷустуҷӯи роҳҳои грантикунонии лоиҳаҳои таҳқиқотии муҳиммияти баланди иҷтимоию иқтисодидоштаро тақозо менамояд. Таъсиси фонди махсусгардонидашудаи давлатӣ барои дастгирии таҳқиқотҳои илмӣ ва инноватсия дар ин ҷода муҳим аст. Ин фонд бояд аз рӯйи принсипи ихтихоби шаффофи лоиҳаи рақобатпазир маблағгузории рушди соҳаро ба роҳ монад.

Сабукиҳои андозӣ воситаи дигари муҳимми механизми иқтисодии дастгирии иқтисодиёти донишбунёд баромад мекунанд. Пешниҳод карда мешавад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми қарзҳои андозӣ ва тарҳҳои андозӣ барои корхонаҳои ба таҳқиқот ва кашфиёт маблағгузорикунанда ҷудо

карда шавад. Ин имкон медиҳад, ки фаъолияти корхонаҳо барои маблағгузорӣ ба илм ва инноватсия нигаронида шуда, ҷолибияти мамлакат барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ баланд бардошта шавад.

Махсусан низоми андозбандӣ бояд барои стартапҳо ва корхонаҳои татбиқунандаи технологияҳои рақамӣ мусоид бошад, то ин ки фаъолнокии соҳибкорӣ байни ҷавонон зиёд карда шавад.

Ҷойгирсозии шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ дар механизми пешниҳодшуда ба он асоснок карда мешавад, ки дар шароити маҳдудияти захираҳои буҷетӣ рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ метавонад сармояи хусусиро барои татбиқи лоиҳаҳои муҳим дар соҳаи илм ва таҳсилот ҷалб намояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши илм ин механизм ҳоло дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор дорад ва татбиқи он дар самти сохтани технопаркҳо, таъсиси лабораторияҳои таҳқиқотӣ, бизнес-инкубаторҳо метавонад омили муҳимми рушди низоми миллии инноватсионӣ гардад.

Барномаҳои байналмилалии маблағгузорӣ ва грантӣ дар механизми дастгирии иқтисодии ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд ҷойгоҳи хосса дорад. Барномаи «Digital CASA» яке аз мисолҳои возеҳ дар ин самт ба шумор меравад, ки рушди инфрасохтори рақамиро дар мамолики Осиёи Марказӣ ифода менамояд. Ҳадафи лоиҳаи Digital CASA дар Тоҷикистон бунёди хати ягонаи алоқаи нахи оптикӣ, ки Осиёи Марказӣ ва Ҷанубиро мепайвандад, барои таъмини дастрасӣ ба интернети дастрас ва босифат мебошад. Ин ташаббуси минтақавӣ, ки шабеҳи тарҳи энержии CASA-1000 аст, Қирғизистон, Тоҷикистон, Афғонистон ва Покистонро бо пуштибонии ниҳодҳои молӣ, тавассути Бонки Ҷаҳонӣ фаро мегирад.

Рушди низоми пардохти рақамӣ омили унсури дигари муҳимми механизми дастгирии иқтисодӣ ба шумор меравад. Зеро дар замони муосир иқтисодиёти рақамӣ воситаи муҳимми иқтисодии иқтисодиёти донишбунёд ба шумор меравад. Платформаҳои иқтисодӣ, низомҳои рақамии пардохт, онлайн-хизматрасониҳо ва ҳукумати электронӣ метавонад хароҷоти амалиётро паст кунад. Аз ин рӯ, онро ҳамчун механизми дастгирии иқтисодӣ

арзёбӣ намудан мумкин аст. Ҷорӣ намудани хизматрасониҳои рақамӣ дар низоми идоракунии таҳсилот, тиб, ҳифзи иҷтимоӣ барои беҳинсозии хароҷотҳо ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои давлатӣ имкониятҳои навро фароҳам меоварад.

Ҳамин тавр, барои ташаккули иқтисодиёти донишбунёд дар шакли том дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мукаммалсозии воситаҳои иқтисодӣ ва татбиқи маҷмуии онҳо дар ин раванд бояд таъмин карда шаванд. Зеро татбиқи комплекси механизми дастгирии иқтисодӣ, аз қабили малағгузории давлатии илм ва таҳсилот, татбиқи сабукиҳои андозӣ, рушди шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ ва фаъолноккунии иштирок дар барномаҳои байналмилалӣ дар якҷоягӣ раванди гузаришро ба иқтисодиёти донишбунёд вусъат бахшида, онро ба омили воқеии рушди устувор ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллии мамлакат тағйир хоҳад дод.

Ба ҳайси унсурҳои институтсионалии механизм рушди сармояи инсонӣ ва иқтидори кадрӣ, интиқоли технологияҳо ва фаъолнокии инноватсионӣ, рушди инфрасохтори рақамиро хамроҳ намудан мумкин аст.

Таъсиси унсурҳои институтсионалӣ фаъолияти тамоми низоми инноватсонӣ ва интеллектуалиро таъмин менамояд.

Захираи стратегии иқтисодиёти донишбунёд сармояи инсонӣ ба шумор рафта, сатҳи маълумотнокии он, омодагии касбӣ, малакаи эҷодкории он қобилияти ҷомеаро барои ташаккул ва татбиқи донишҳои нав муқаррар менамояд. Рушди сармояи инсонӣ механизми зиёдсозии маблағгузориро ба таҳсилот, навсозии барномаҳои таҳсилотӣ, зиёд намудани ҳавасмандиҳоро барои пешбарии корҳои илмӣ тақозо менамояд. Таъсиси марказҳои трансферӣ-технологӣ метавонад илмро бо тиҷорат пайваст карда, фаъолнокии эҷодкории корхонаҳои ватаниро зиёд намояд.

Инфрасохтори рақамиро бошад, тавассути рушди алоқаи мобилӣ бо ҷорӣ намудани серверҳои электронӣ, сармоягузорӣ дар рушди зерсохтори телекоммуникатсионӣ, таъсиси марказҳои миллии додаҳо, пешрафти

технологияҳои қаблӣ ва татбиқи системаҳои тиҷорати электронӣ ва ҳукумати электронӣ зиёд намудан мумкин аст.

Дар механизми таҳияшуда сармояи инсонӣ, трансфери технологияҳо, инфрасохтори рақамӣ ҳамчун унсурҳои ба ҳам алоқаманд ва вобаста арзёбӣ карда шудаанд, ки ба рушди инноватсионӣ оварда мерасонад. Аз ин рӯ, механизми иқтисодӣ-ташкилии таҳияшуда аз рӯйи принсипҳои низомнокӣ сохта шудаанд, ки рушди мутавозини тамоми се самтро таҷассум менамояд

Самаранокии механизми ташкилӣ-иқтисодии пешниҳодшударо аз рӯйи хусусиятҳои сифатӣ ва низоми нишондиҳандаҳои миқдорӣ арзёбӣ кардан мумкин аст, ки сатҳи рушди сармояи инсонӣ, фаъолнокии инноватсионӣ ва дараҷаи рақамикунониро муқаррар менамояд. Аммо барои он ки механизмҳои мешниҳодшуда дар амалия хуб татбиқ шаванд ва дар раванди гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд таъсиррасон бошанд, ҷидду ҷаҳди иловагӣ дар самти гузаронидани ислоҳоти пай дар пай зарур аст. Чунин ислоҳот, ба андешаи мо, бояд ба бозсозии муҳити институтсионалӣ, устуворгардонии иқтидори кадрӣ ва рушди ташаккули инфрасохтори инноватсионӣ равона карда шуда бошад. Хулоса, танҳо татбиқи равиши маҷмуӣ қодир аст низоми инноватсионии устуворро ташаккул дода, ҳамгироии давлатро бо фазои ҷаҳонии дониш пайваст намояд.

### 3.3. Самтҳои асосии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва гузариш ба марҳилаи нави рушди тамаддунӣ иқтисодиёти ҷаҳонӣ тадриҷан аз шакли анъанавии саноатӣ ба иқтисодиёти донишбунёд табдил меёбад. Дар чунин низом дониш, иттилоот, технология ва сармояи инсонӣ ба омили асосии афзоиши арзиши иловашуда ва рақобатпазирии миллӣ мубаддал мегарданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар доираи ҳадафҳои стратегии миллӣ ва санадҳои барномавӣ зарурати

ташаккули иқтисодиёти донишбунёдро ҳамчун заминаи рушди устувор эътироф намудааст.

Таҳлили вазъи иқтисоди миллӣ нишон медиҳад, ки барои гузариш ба модели донишбунёди рушд як қатор самтҳои афзалиятнок муайян гардидаанд.

**Аввал**, рушди сармояи инсонӣ ҳамчун пояи асосии иқтисодиёти донишбунёд баромад мекунад. Баланд бардоштани сифати таҳсилот дар ҳамаи зинаҳо, мутобиқ намудани барномаҳои таълимӣ ба талаботи бозори меҳнат, тақвияти таҳсилоти техникӣ ва муҳандисӣ, инчунин, рушди малакаҳои рақамӣ аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷа ба ҳисоб мераванд. Ин раванд бояд бо таҳкими робитаи илм, маориф ва истеҳсолот ҳамоҳанг гардад.

**Дуюм**, рушди инфрасохтори илмӣ-тадқиқотӣ ва инноватсионӣ аҳаммияти калидӣ дорад. Ташкили марказҳои тадқиқотӣ, паркҳои технологӣ, бизнес-инкубаторҳо ва платформаҳои интиқоли технологияҳо имкон медиҳанд, ки натиҷаҳои илмӣ ба истеҳсолот ворид карда шаванд. Дар ин замина, тақвияти маблағгузории илм ва ҷалби сармояи хусусӣ ба фаъолияти инноватсионӣ шарти муҳимми пешрафт мебошад.

**Сеюм**, рақамикунонии иқтисодиёт ва рушди иқтисоди рақамӣ яке аз самтҳои стратегии рушди иқтисодиёти донишбунёд маҳсуб меёбад. Ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар идораи давлатӣ, низоми молиявӣ, саноат, кишоварзӣ ва хизматрасонӣ самаранокии истеҳсолотро баланд бардошта, шаффофият ва дастрасии хизматрасониҳоро таъмин менамояд. Татбиқи ҳукумати электронӣ, рушди тиҷорати электронӣ ва инфрасохтори рақамӣ заминаи муҳим барои иқтисоди донишбунёд мебошад.

**Чорум**, ташаккули муҳити мусоиди институтсионалӣ барои рушди соҳибкории инноватсионӣ аҳаммияти стратегӣ дорад. Содасозии расмиёти маъмурӣ, ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, такмили қонунгузории соҳаи фаъолияти илмӣ ва инноватсионӣ, инчунин, фароҳам овардани имтиёзҳои

андозӣ барои ширкатҳои технологӣ ба рушди экосистемаи инноватсионӣ мусоидат менамоянд.

**Панҷум**, диверсификатсияи сохтори иқтисоди миллӣ бо такя ба бахшҳои доништалаб ва технологияҳои баланд яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ мебошад. Гузариш аз модели ашёӣ ба модели коркарди амиқ, рушди саноати коркард, энергетикаи сабз, технологияҳои иттилоотӣ ва бахши хизматрасониҳои интеллектуалӣ метавонад заминаи нави рушди устуворро фароҳам созад.

**Шашум**, ҳамгироии байналмилалӣ дар соҳаи илм ва технология нақши муҳим мебозад. Иштирок дар лоиҳаҳои муштараки илмӣ, ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба соҳаҳои технологияҳои нав, густариши ҳамкорӣ бо марказҳои пешрафтаи илмии ҷаҳон имкон медиҳанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шабакаҳои глобалии дониш ворид гардад.

Дар маҷмуъ, ташаккули иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дар асоси сиёсати ҳамгиро ва дарозмуддат амалӣ гардад, ки он ҳамоҳангии рушди сармояи инсонӣ, инфрасохтори инноватсионӣ, рақамикунонӣ ва такмили муҳити институтсионалиро таъмин менамояд. Танҳо дар ин сурат метавон шароити гузариш ба модели рақобатпазири рушди миллӣ ва таъмини амнияти иқтисодиро дар дарозмуддат фароҳам сохт.

Ҳамин тариқ, самтҳои асосии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд на танҳо ҳамчун зарурати иқтисодӣ, балки ҳамчун талаботи стратегӣ барои таҳкими мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ баррасӣ мегарданд.

Иқтисодиёти муосири ҷаҳонӣ тадриҷан аз модели анъанавии истеҳсолотӣ ба модели донишбунёд мегузарад. Дар ин низом дониш, иттилоот, технология ва сармояи инсонӣ ба омили асосии рушди иқтисодӣ табдил меёбанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақобати байналмилалӣ зарурати гузариш ба иқтисодиёти донишбунёдро эҳсос менамояд, зеро рушди устувори миллӣ бе истифодаи самараноки

дониш ва инноватсия ғайриимкон аст. Таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки сатҳи баланди маориф, рақамикунонии иқтисодиёт ва рушди инфрасохтори технологӣ заминаи афзоиши маҳсулнокии меҳнат ва рақобатпазирии миллӣ мегардад.

Гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд, пеш аз ҳама, ба рушди сармояи инсонӣ такя мекунад. Сармояи инсонӣ маҷмуи дониш, малака, қобилият ва таҷрибаи шаҳрвандон мебошад, ки дар раванди истеҳсолот ва идоракунӣ истифода бурда мешавад. Барои Тоҷикистон баланд бардоштани сифати таҳсилот, мутобиқсозии барномаҳои таълимӣ ба талаботи бозори меҳнат ва густариши таҳсилоти техникӣ аҳаммияти стратегӣ дорад. Рушди таҳсилоти олӣ, омодасозии мутахассисони соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, иқтисоди рақамӣ ва идоракунии давлатӣ заминаи муҳимми иқтисодиёти донишбунёд мебошад. Илова бар ин, зарур аст, ки низоми такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳо муттасил фаъолият намояд, зеро дар шароити тағйирёбии босуръати технологияҳо донишҳои кӯҳна зуд аҳаммияти худро гум мекунанд.

Рақамикунонии иқтисодиёт яке аз самтҳои марказии ташаккули иқтисодиёти донишбунёд мебошад. Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ имкон медиҳанд, ки равандҳои идоракунӣ, истеҳсолот ва хизматрасонӣ босамартар гарданд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи ҳукумати электронӣ, рушди хизматрасониҳои давлатии рақамӣ, густариши пардохтҳои ғайринақдӣ ва тиҷорати электронӣ қадамҳои муҳим дар ин самт мебошанд. Инфрасохтори интернетӣ, дастрасии аҳолӣ ба шабакаҳои рақамӣ ва рушди марказҳои иттилоотӣ шарти зарурии ташаккули иқтисодиёти донишбунёд маҳсуб меёбанд. Ҳамзамон, баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ ва соҳибкорон имкон медиҳад, ки технологияҳои нав ба таври васеъ истифода бурда шаванд.

Фаъолияти инноватсионӣ ҷузъи муҳимми дигари иқтисодиёти донишбунёд мебошад. Инноватсия на танҳо ихтирооти нав, балки татбиқи амалии дониш дар истеҳсолот аст. Барои рушди ин самт дар Тоҷикистон

зарур аст, ки ҳамкории муассисаҳои илмӣ бо бахши хусусӣ тақвият ёбад, марказҳои инноватсионӣ ва технопаркҳо таъсис дода шаванд ва стартапҳои ҷавон дастгирӣ гарданд. Сиёсати давлатӣ бояд ба ҳавасмандгардонии фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ, зиёд намудани маблағгузорӣ ба илм ва мусоидат ба тиҷоратикунонии натиҷаҳои илмӣ равона гардад. Зиёд шудани шумораи патентҳо, лоиҳаҳои инноватсионӣ ва маҳсулоти дорои арзиши баланди иловашуда нишондиҳандаи пешрафт дар ин самт хоҳад буд.

Муҳити институтсионалӣ ва ҳуқуқӣ низ дар ташаккули иқтисодиёти донишбунёд нақши ҳалкунанда мебозад. Волоияти қонун, шаффофияти идоракунӣ ва кам намудани монеаҳои маъмурӣ шароити мусоид барои рушди соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ фароҳам меорад. Ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ, ҷорӣ намудани механизмҳои муосири идоракунии стратегӣ ва банақшагирии дарозмуддат имкон медиҳанд, ки захираҳои миллӣ ба самтҳои афзалиятнок равона карда шаванд. Ҳамзамон, рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ татбиқи лоиҳаҳои инноватсиониро суръат мебахшад.

Интегратсия ба иқтисоди ҷаҳонӣ низ яке аз самтҳои муҳимми рушди иқтисодиёти донишбунёд мебошад. Ҷалби сармояи хориҷӣ, интиқоли технологияҳои пешрафта ва иштирок дар шабакаҳои байналмилалии илмӣ имкон медиҳанд, ки Тоҷикистон аз таҷрибаи кишварҳои муваффақ истифода барад. Рушди содироти маҳсулоти дорои арзиши баланди иловашуда ва хизматрасониҳои зеҳнӣ манбаи нави даромади миллӣ шуда метавонанд. Барои ин зарур аст, ки сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои миллӣ баланд бардошта шавад ва маҳсулоти инноватсионӣ ба бозорҳои хориҷӣ бароварда шаванд.

Дар маҷмуъ, ташаккули иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди мураккаб ва дарозмуддат мебошад, ки ҳамоҳангсозии сиёсати маориф, илм, технология, сармоягузорӣ ва идоракунии давлатиро талаб мекунад. Танҳо дар сурати татбиқи сиёсати муттасил ва ҳамгиро метавон иқтисоди миллиро ба сатҳи нав бардошт. Истифодаи самараноки сармояи инсонӣ, густариши технологияҳои рақамӣ, рушди фаъолияти

инноватсионӣ ва такмили муҳити институтсионалӣ пояҳои асосии ин равандро ташкил медиҳанд. Гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд барои Тоҷикистон на танҳо имконият, балки зарурати стратегӣ мебошад, зеро дар шароити иқтисоди ҷаҳонӣ танҳо кишварҳое муваффақ мегарданд, ки дониш ва технологияҳоро ба манбаи асосии рушди худ табдил диҳанд.

«Илова бар самтҳои зикршуда, барои ташаккули устувори иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки низоми мукаммали баҳодиҳӣ ва мониторинги рушди донишбунёд ташкил дода шавад. Дар таҷрибаи байналмилалӣ сатҳи рушди иқтисодиёти донишбунёд тавассути нишондиҳандаҳои зерин арзёбӣ мегардад: ҳиссаи хароҷот ба илм ва таҳқиқот дар ММД, шумораи муҳаққиқон ба ҳар 10 ҳазор аҳолӣ, ҳаҷми маҳсулоти технологияҳои баланд дар сохтори содирот, сатҳи фарогирии интернет ва рушди иқтисоди рақамӣ. Барои Тоҷикистон мутобиқсозии чунин нишондиҳандаҳо ба шароити миллӣ аҳаммияти муҳим дорад» [63, с. 40].

Дар ин замина, таҳияи Стратегияи миллии рушди иқтисодиёти донишбунёд бо муайян намудани ҳадафҳои кӯтоҳмуддат, миёнамуддат ва дарозмуддат зарур аст. Ин стратегия бояд ба ҳуҷҷатҳои калидии давлатӣ, аз ҷумла Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳамоҳанг карда шавад. Ҳамгироии сиёсати илмӣ, саноатӣ, маориф ва рақамикунонӣ имкон медиҳад, ки равандҳои сохтории иқтисодӣ босамар идора карда шаванд.

Яке аз масъалаҳои муҳимми рушди иқтисоди донишбунёд ин тақвияти робитаи «илм – таҳсилот – истеҳсолот» мебошад. Дар шароити кунунӣ робитаи донишгоҳҳо бо бахши воқеии иқтисод ҳанӯз ҳам ба сатҳи кофӣ нарасидааст. Барои ислоҳи ин вазъият андешидани чораҳои зерин зарур аст:

- «ҷорӣ намудани лоиҳаҳои муштараки тадқиқотӣ байни донишгоҳҳо ва корхонаҳо;

- таъсиси марказҳои интиқоли технологияҳо дар назди муассисаҳои таҳсилоти олӣ;

- ҷалби донишҷӯён ба фаъолияти амалӣ ва стартапҳо;

- густариши таҳсилоти дуалӣ (dual education)» [61, с. 125].

Ҳамзамон, рушди бозори моликияти зеҳнӣ ҳамчун унсури муҳимми иқтисоди донишбунёд баррасӣ мегардад. Бе низоми муассири ҳифзи ихтироъҳо, патентҳо ва ҳуқуқи муаллиф ҳавасмандии субъектҳои иқтисодӣ барои фаъолияти инноватсионӣ коҳиш меёбад. Аз ин рӯ, такмили қонунгузорӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии соҳибкорон дар самти моликияти зеҳнӣ аҳаммияти стратегӣ дорад.

Самти дигар, рушди фарҳанги инноватсионӣ ва тафаккури эҷодӣ мебошад. Иқтисодиёти донишбунёд танҳо бо захираҳои моддӣ ташаккул намеёбад, балки ба муҳити иҷтимоии мусоид, ташаккули арзишҳои навоварӣ, таҳаммулпазирӣ ба хатар ва ташаббускорӣ такя мекунад. Ин раванд бояд аз зинаҳои ибтидоии таҳсилот оғоз гардад ва дар сатҳи ҷомеа тавассути дастгирии стартапҳо, озмунҳои инноватсионӣ ва грантҳои давлатӣ таҳким ёбад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои захираҳои демографии ҷавон мебошад, истифодаи самараноки потенсиали ҷавонон метавонад омили калидии рушди иқтисоди донишбунёд гардад. Таъмини шуғли баландихтисос, рушди малакаҳои рақамӣ, дастгирии соҳибкории ҷавонон ва иштироки онҳо дар равандҳои инноватсионӣ бояд ба яке аз афзалиятҳои сиёсати давлатӣ табдил ёбад.

Дар баробари ин, «...зарурати таъмини суботи макроиқтисодӣ ва бехтарсозии фазои сармоягузорӣ низ муҳим мебошад. Иқтисоди донишбунёд ба муҳити устувори молиявӣ, шаффофияти идоракунӣ ва дастрасии сармоя ниёз дорад. Тақвияти низоми бонкӣ, рушди бозори сармоя ва ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ ба бахшҳои технологияҳои баланд заминаи рушди устуворро фароҳам месозад» [45, с. 28].

Ҳамин тавр, ташаккули иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди мураккаб ва бисёрҷанба мебошад, ки ҳамгироии сиёсати давлатӣ, иштироки фаъоли бахши хусусӣ ва рушди сармояи инсониро талаб мекунад. Дар сурати татбиқи пайгиронаи самтҳои зикршуда, имкон фароҳам

мегардад, ки иқтисоди миллӣ аз модели ашёиву захиравӣ ба модели инноватсионии рақобатпазир гузарад.

Илова ба самтҳои қаблан зикршуда, рушди иқтисодиёти донишбунёд дорои паҳлуҳои иҷтимоӣ ва сохторӣ низ мебошад, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти махсус касб менамоянд.

«Иқтисоди донишбунёд танҳо ба афзоиши нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ маҳдуд намешавад, балки бояд ба беҳтаршавии сифати зиндагии аҳолӣ, коҳиши нобаробарии иҷтимоӣ ва рушди фарогири минтақаҳо мусоидат намояд» [44, с. 73]. Дар ин замина, таъмини дастрасии баробар ба таҳсилоти босифат, интернети баландсуръат ва хизматрасониҳои рақамӣ дар ҳамаи минтақаҳои кишвар зарур мебошад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои фарқиятҳои муайяни минтақавӣ мебошад, рушди инфрасохтори рақамӣ дар минтақаҳои дурдаст метавонад омили коҳиши муҳоҷирати меҳнатӣ ва ташаккули марказҳои нави рушди иқтисодӣ гардад. Татбиқи барномаҳои "шаҳри ҳушманд" ва "деҳаи рақамӣ" метавонад дар оянда заминаи рушди иқтисодиёти маҳаллиро тақвият бахшад.

Ташаккули иқтисодиёти донишбунёд бояд бо хусусиятҳои захиравӣ ва истеҳсолии минтақаҳои гуногуни кишвар мутобиқ гардонида шавад. Масалан:

- дар минтақаҳои аграрӣ – ҷорӣ намудани технологияҳои рақамии кишоварзӣ (agrotech);
- дар минтақаҳои саноатӣ – рушди технологияҳои коркарди амиқ ва автоматикунонӣ;
- дар шаҳрҳои калон – ташкили кластерҳои инноватсионӣ ва паркҳои технологӣ.

Ташкили кластерҳои соҳавӣ (масалан, кластерҳои аграрӣ, энергетикӣ, сайёҳӣ ва IT) метавонад ҳамгироии илм ва истеҳсолотро таҳким бахшад ва самаранокии истифодаи захираҳоро баланд бардорад.

Яке аз самтҳои муҳимми иқтисоди донишбунёд рушди технологияҳои камкарбон ва энергияи барқароршаванда мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки

дорои захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ мебошад, метавонад дар самти истифодаи технологияҳои рақамии идоракунии неругоҳҳо, шабакаҳои интеллектуалии барқ (smart grids) ва истеҳсоли энергияи «сабз» мавқеи устувор пайдо намояд.

«Ин самт ба татбиқи консепсияи «иқтисоди сабз» ва рушди устувор мутобиқат намуда, ба коҳиши таъсири манфии экологӣ ва баланд бардоштани самаранокии энергетикӣ мусоидат мекунад» [39, с. 70].

Рушди иқтисоди донишбунёд бидуни низоми муосири молиявӣ имконнопазир аст, аз ин рӯ, ин тадбирҳо зарур аст:

- таъсиси фондҳои махсуси дастгирии инноватсия;
- рушди бозори сармоя ва воситаҳои молиявии венчурӣ;
- дастгирии стартапҳо тавассути грантҳо ва қарзҳои имтиёзнок;
- ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба соҳаҳои технологияҳои баланд.

Ташкили экосистемаи молиявии дастгирии инноватсия ба субъектҳои соҳибкорӣ таваккалҳои марбут ба фаъолияти технологиро коҳиш медиҳанд.

Идоракунии самараноки равандҳои донишбунёд тақозо менамояд, ки модели нави идоракунии давлатӣ ташаккул дода шавад. Давлат бояд на танҳо танзимгар, балки ҳамоҳангсози равандҳои инноватсионӣ бошад. Барои ин:

- зарурати таҳияи сиёсати ягонаи инноватсионӣ вуҷуд дорад;
- бояд механизми ҳамкории давлатӣ - хусусӣ (PPP) такмил дода шавад;
- истифодаи таҳлили маълумот (big data) дар қабули қарорҳои давлатӣ густариш ёбад.

Ҷорӣ намудани усулҳои муосири идоракунӣ ва ҳукумати электронӣ шаффофият ва самаранокии идоракуниро афзоиш медиҳад.

Иқтисодиёти донишбунёд ба тағйири фарҳанги иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ниёз дорад. Тақвияти фарҳанги таҳқиқот, ташаббускорӣ, рақобатпазирӣ ва масъулияти иҷтимоӣ бояд ба яке аз вазифаҳои муҳимми сиёсати маориф ва иттилоот табдил ёбад.

Дар ин раванд, нақши донишгоҳҳо ҳамчун марказҳои тавлиди дониш, таҳқиқот ва стартапҳо тақвият меёбад. Муассисаҳои таҳсилоти олӣ бояд аз модели анъанавии таълимӣ ба модели "донишгоҳи соҳибкор" гузаранд, ки дар он илм, инноватсия ва тиҷоратикунонии натиҷаҳои таҳқиқот ҳамгиро гарданд.

Дар шароити татбиқи сиёсати саноатикунонии босуръат, ки яке аз ҳадафҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, иқтисодиёти донишбунёд ба омили ҳалкунанда ва кафолати самаранокии ин раванд табдил меёбад. Саноатикунонии муосир дигар танҳо афзоиши ҳаҷми истеҳсолот ё сохтмони корхонаҳои навро дар назар надорад, балки ба ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафта, автоматикунонӣ, рақамикунонӣ ва баланд бардоштани арзиши иловашуда такя мекунад. Дар чунин шароит, дониш ва инноватсия ба манбаи асосии рушди саноат мубаддал мегарданд.

**Аввалан**, иқтисодиёти донишбунёд имкон медиҳад, ки саноатикунонӣ аз модели экстенсивӣ ба модели интенсивӣ гузарад. Агар саноати анъанавӣ бештар ба истифодаи захираҳои табиӣ ва меҳнати арзон такя кунад, саноати муосир ба технологияҳои баланд, таҳқиқот ва кадрҳои баландихтисос ниёз дорад. Ин раванд ба баланд шудани ҳосилнокии меҳнат ва коҳиши хароҷоти истеҳсолӣ мусоидат мекунад.

**Дуюм**, дар шароити саноатикунонии босуръат рушди иқтисоди донишбунёд ба диверсификатсияи сохтори саноатӣ мусоидат менамояд. Бо такя ба илм ва технология метавон соҳаҳои нави саноати коркарди амиқ, технологияҳои иттилоотӣ, электроника, энергетикаи сабз ва истеҳсоли маҳсулоти инноватсиониро ташаккул дод. Ин ба коҳиш додани вобастагӣ аз содироти ашёи хом ва афзоиши ҳиссаи маҳсулоти рақобатпазир дар бозорҳои байналмилалӣ мусоидат мекунад.

**Сеюм**, ба дониш бунёд намудани саноат заминаи ҷорӣ намудани саноати рақамӣ (Industry 4.0)-ро фароҳам месозад. Истифодаи робототехника, системаҳои автоматии идоракунӣ, зеҳни сунъӣ, таҳлили додаҳои калон (big data) ва интернети ашё (IoT) самаранокии истеҳсолотро боло бурда, сифати

маҳсулотро беҳтар месозад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар марҳилаи нави саноатикунонӣ қарор дорад, ин имкон медиҳад, ки бидуни такрори марҳилаҳои куҳнаи рушд бевосита ба технологияҳои муосир гузарад.

**Чорум**, иқтисодиёти донишбунёд ба рушди сармояи инсонӣ мусоидат намуда, талаботро ба мутахассисони баландихтисос зиёд мекунад. Ин раванд ба такмили низоми таҳсилоти техникӣ ва касбӣ, густариши таҳсилоти муҳандисӣ ва IT, инчунин, баланд бардоштани сатҳи тахассуси кормандони саноатӣ такон медиҳад. Дар натиҷа, бозори меҳнат ба талаботи нави саноати муосир мутобиқ мегардад.

**Панҷум**, рушди иқтисоди донишбунёд дар шароити саноатикунонӣ ба баланд шудани рақобатпазирии миллӣ мусоидат мекунад. Маҳсулоте, ки бо истифода аз дониш ва технологияҳо истеҳсол мешавад, дорои арзиши иловашудаи баланд ва сифати устувор мебошад. Ин омил имкон медиҳад, ки корхонаҳои ватанӣ дар бозорҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ мавқеи устувор пайдо намоянд.

**Шашум**, ба дониш бунёд шудани саноат ба таъмини амнияти иқтисодӣ мусоидат мекунад. Тавлиди технологияҳои миллӣ, рушди иқтидори илмӣ ва кам шудани вобастагӣ аз воридоти технологияҳо ба таҳкими истиқлолияти иқтисодӣ мусоидат мекунад. Ин, махсусан, дар шароити ноустувории геоиқтисодӣ аҳаммияти калон дорад.

**Ҳафтум**, иқтисодиёти донишбунёд ба устувории экологӣ дар раванди саноатикунонӣ мусоидат менамояд. Ҷорӣ намудани технологияҳои каммасраф, коркарди такрорӣ ва истеҳсоли "сабз" имкон медиҳад, ки таъсири манфии саноат ба муҳити зист коҳиш ёбад ва рушди устувор таъмин гардад.

Дар шароити саноатикунонии босуръат таъсири иқтисодиёти донишбунёд тавассути як қатор механизмҳои мустақим ва ғайримустақим амалӣ мегардад.

**1.** Механизми баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат.

Дониш, малака ва технологияҳои муосир имкон медиҳанд, ки дар як воҳиди вақт ҳаҷми бештари маҳсулот истеҳсол гардад. Истифодаи автоматикунонӣ, системаҳои рақамии назорати сифат ва идоракунии захираҳо хароҷоти истеҳсолиро коҳиш дода, самаранокиро баланд мебардорад. Барои иқтисоди Тоҷикистон, ки ҳадафи афзоиши истеҳсолоти саноатиро пеш гузоштааст, ин омил дорои аҳаммияти стратегӣ мебошад.

**2.** Механизми навсозии технологӣ (технологическое обновление).

Саноатикунонии босуръат талаб менамояд, ки корхонаҳо бо таҷҳизоти муосир таъмин бошанд. Иқтисоди донишбунёд заминаи таҳия, мутобиқсозӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои навро фароҳам месозад. Бе иқтидори илмӣ ва кадрҳои баландихтисос навсозии технологӣ хусусияти воридотӣ ва вобасташаванда мегирад. Дар ҳоле ки рушди илмии миллӣ метавонад сатҳи мустақилияти технологиро баланд бардорад.

3. Механизми афзоиши арзиши иловашуда. Саноати анъанавӣ бештар ба коркарди ибтидоӣ такя мекунад. Аммо дар асоси дониш ва инноватсия имкон пайдо мешавад, ки занҷираи арзиш (value chain) дар дохили кишвар васеъ гардад. Масалан, ба ҷойи содироти ашёи хом, метавон маҳсулоти ниҳоии технологӣ истеҳсол намуд. Ин раванд ба афзоиши даромади миллӣ ва тақвияти иқтидори содиротӣ мусоидат мекунад.

4. Механизми ташаккули саноати рақамӣ.

Гузариш ба саноати муосир бо истифодаи платформаҳои рақамӣ, таҳлили додаҳо ва идоракунии интеллектуалӣ алоқаманд аст. Иқтисоди донишбунёд шароити воридшавӣ ба марҳилаи Industry 4.0-ро фароҳам меорад. Барои Тоҷикистон, ки дар марҳилаи рушди саноат қарор дорад, имконияти “ҷаҳиши технологӣ” (technological leapfrogging) вуҷуд дорад, яъне гузаштан ба технологияҳои пешрафта бидуни такрори марҳилаҳои куҳнаи саноатӣ.

4. Механизми рушди кластерҳои саноатӣ.

Ташкили кластерҳои соҳавӣ, ки дар онҳо донишгоҳҳо, марказҳои илмӣ ва корхонаҳо ҳамкорӣ менамоянд, ба интиқоли технологияҳо ва баланд

шудани самаранокии истеҳсол мусоидат мекунад. Кластерҳои саноатӣ муҳити рақобатпазир ва ҳамзамон, ҳамкориро ташаккул дода, ба рушди устувори минтақавӣ такон мебахшанд.

*Таъсири иҷтимоию иқтисодии донишбунёдӣ шудани саноат*

«Рушди иқтисодиёти донишбунёд дар раванди саноатикунонӣ танҳо ба афзоиши истеҳсолот маҳдуд намешавад, балки таъсири фарогири иҷтимоӣ низ дорад.

- Коҳиши бекорӣ ва ташаккули ҷойҳои нави кории баландихтисос.

Бо рушди саноати технологӣ талабот ба муҳандисон, барномасозон, таҳлилгарон ва мутахассисони техникӣ зиёд мегардад.

- Баланд шудани сатҳи даромади аҳолӣ.

Корҳои баландихтисос маоши бештар доранд, ки ба беҳтар шудани сатҳи зиндагӣ мусоидат мекунад.

- Коҳиши муҳоҷирати меҳнатӣ.

Бо ташкили ҷойҳои кории муосир дар дохили кишвар имконият барои нигоҳ доштани кадрҳои соҳибмаълумот фароҳам мегардад.

- Баланд шудани иқтидори рақобатпазирии миллӣ.

Давлате, ки саноати он ба дониш такя мекунад, дар бозори ҷаҳонӣ мавқеи устувортар пайдо менамояд» [36, с. 50].

*Шартҳои зарурии татбиқи самараноки донишбунёдӣ дар саноатикунонӣ*

Барои он ки иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръат самаранок амал намояд, як қатор шартҳо заруранд:

1. Мутобиқсозии барномаҳои таҳсилоти техникӣ ба талаботи саноати муосир;
2. Афзоиши маблағгузории илм ва таҳқиқотҳои амалӣ;
